*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №7-8 (2834-2835) | СЕШАНБЕ, 17 ЯНВАРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Роғун озод намудани Зайдов И.Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **ф а р м о н  м е д и ҳ а м:**

Зайдов Исматулло Ҳокимович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси шаҳри Роғун озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 13 январи соли 2012 №1212**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Роғун таъин намудани Шарипов Ш.Ф.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **ф а р м о н  м е д и ҳ а м:**

Шарипов Шариф Файзибоевич иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Роғун таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 13 январи соли 2012 №1213**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Шаҳринав озод намудани Раҳматуллои Пулод**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **ф а р м о н  м е д и ҳ а м:**

Раҳматуллои Пулод бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси ноҳияи Шаҳринав озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 13 январи соли 2012 №1215**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**16 январи соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар бораи тасдиқи рӯзномаи ҷаласаи навбатӣ қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А.Азимов, оид ба иқтисод ва молия С. Раҷабов ва оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон М. Ҷабборова масъалаҳои зерини рӯзномаро ҷиҳати баррасӣ ба Шӯро пешниҳод ва тавзеҳ намуданд: «Дар хусуси Созишнома дар бораи мубодилаи иттилоот дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ», «Дар бораи Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ», «Дар бораи Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Герсогии Бузурги Люксембург оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя», «Дар бораи Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя», «Дар хусуси Конвенсия оид ба эътирофи тахассусҳои мансуб ба таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупо».



Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои мазкур, инчунин доир ба масъалаҳои зерини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Одинаев Ҳ.А.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ баровардани Одинаев Ҳ.А.» қарорҳо қабул карда, ин масъалаҳоро барои баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуд.

Масъалаҳои навбатии рӯзнома - «Оид ба тасдиқ кардани Нақшаи доир намудани муҳокимаҳои парламентии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012» ва «Оид ба тасдиқ кардани Нақшаи доир намудани муҳокимаҳои парламентии кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012» мавриди муҳокимаи муфассал қарор гирифтанд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти фикру андешаҳо ва пешниҳодҳои баёнгардида, аз рӯйи масъалаҳои мазкур қарорҳо қабул кард.

Мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Охунов масъалаҳои зерини рӯзнома - «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ», «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Герсогии Бузурги Люксембург оид ба алоқаи ҳавоӣ» -ро шарҳ дод.

Доир ба масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, масъалаҳои мазкур барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои охирини рӯзнома - «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қабул гардиданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

# ТОҶИКИСТОНИ МУСТАҚИЛ 20 - СОЛА ШУД

Соли 2011 дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол, асосан, чун соли натиҷагирӣ аз дастовардҳои 20 соли Истиқлолияти давлатӣ ва таҷлили солгарди 20 – уми ин неъмати бебаҳо дар ёдҳо нақш хоҳад баст.

Гузашта аз ин, соли 2011 - ро метавон соли барқароршавии рушди бонизом баъди бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ арзёбӣ намуд, ҳарчанд болоравии нархи маҳсулоти нафтию дигар сӯзишворӣ ва маводи ғизоӣ дар бозори ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон низ таъсири зиёди манфӣ мерасонад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011» Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар дар ин сол ба ҳаҷми 30,2 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шуд, ки нисбат ба соли 2010-ум 5,7 миллиард сомонӣ зиёд буда, ба ҳар сари аҳолӣ 4000 сомонӣ рост меояд. Буҷети давлатӣ бошад, ба андозаи 8,3 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шуд, ки нисбат ба Буҷети давлатии соли 2010-ум 1 миллиарду 755 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Агар нишондодҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро дар соли 2011 бо солҳои 90- уми асри гузашта муқоиса намоем, аён мегардад, ки суръати пешрафту тараққиёт хеле баланд аст. Аз ҷумла, ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо нархҳои амалкунанда аз соли 1997 то соли 2011-ум 58 баробар афзудааст.

Агар ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ ба сари ҳар нафар аҳолии кишвар дар соли 1997 ҳамагӣ 19,8 сомониро ташкил карда бошад, пас он дар соли 2011-ум 1060 сомониро ташкил медиҳад, ки қариб 54 баробар зиёд аст.

Дар 13 соли охир даромади буҷети давлатӣ аз 109 миллион сомонии соли 1997 дар соли 2011 ба 8,3 миллиард сомонӣ мерасад, ки ин рақам нисбат ба соли зикршуда 76 баробар зиёд мебошад.

Ҳоло дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ 56 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 8,2 миллиард сомонӣ мавриди татбиқ қарор дорад.

Дар маҷмӯъ, тӯли даҳ соли охир зиёда аз 150 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 12 миллиард сомонӣ ва 200 лоиҳа бо ҷалби сармояи мустақим амалӣ шудааст.



Соли 2011 сиёсати хориҷии ба стратегияи «дарҳои кушода» ва афзун намудани сафи дӯстони Тоҷикистон асосёфта бомуваффақият идома ёфт.

Дар соли 2011 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба 10 давлати ҷаҳон 12 сафари пурмаҳсули давлатӣ, расмӣ ва ё корӣ анҷом дод.

Нахустин сафари хориҷии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз 7 то 9 март ба Ҷумҳурии Исломии Покистон рост омад.

Зимни ин сафар, ки мақоми давлатӣ дошт, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти ин кишвар Осиф Алӣ Зардорӣ ва Сарвазири он Юсуф Ризо Гелонӣ мулоқотҳои судбахш анҷом дод, Эъломияи муштараки ду давлат ва се созишномаи байниҳукуматию байниидоравӣ доир ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои тандурустӣ, кишоварзӣ ва варзишу тарбияи ҷисмонӣ ба имзо расид.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки дар соли 2010 ҳаҷми гардиши молу маҳсулот миёни ду кишвар нисбат ба соли 2009 сеюним баробар афзун шуд.

Рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои гидроэнергетика, аз ҷумла дар бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва интиқоли нерӯи барқ, ба ҳам пайвастани роҳҳои оҳану мошингарди ду кишвар, иштироки якҷоя дар коркарди канданиҳои фоиданок ва нахи пахта, бунёди корхонаҳои истеҳсоли семент ва дигар масолеҳи сохтмонӣ дорои манфиати зиёд барои сохторҳои давлатӣ ва соҳибкории ду кишвар маънидод гардид.

Барои густариши ҳамкории ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳамгироии зиддитеррористии сохторҳои дахлдори Тоҷикистону Покистон Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин бо роҳбарони палатаҳои болоӣ ва поёнии парлумони ин кишвар ва роҳбарияти як қатор сохторҳои қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқи он вохӯриҳои судбахш анҷом дод.

Рӯзҳои 26 ва 27 март Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ дар пойтахти Ҷумҳурии Исломии Эрон - шаҳри Теҳрон қарор дошт.

Зимни мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон сарони ду давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Маҳмуди Аҳмадинажод нахуст ҳамдигар ва мардумони Тоҷикистону Эронро бо Наврӯзи оламафрӯз табрику таҳният гуфта, аз ҷаҳонишавии ин ҷашни бостонии ориёитаборон арзи ифтихору сарфарозӣ намуданд.

Аз муколамаи мунтазами роҳбарони ду давлат, тасмимот ва самту арсаҳои нави ҳамкории судманд изҳори қаноатмандӣ карда шуд. Тасмимоти ҷониби Эрон доир ба фаъол намудани чархаи якуми Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» то ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, бунёди нерӯгоҳҳои нави барқи обӣ, як корхонаи истеҳсоли семент бо маблағи 500 миллион доллари амрикоӣ ва се шифохона боиси қаноатмандии хос арзёбӣ гардид.

27 март дар пойтахти Ҷумҳурии Исломии Эрон - шаҳри Теҳрон Иҷлосияи дуюми Ҷашни ҷаҳонии Наврӯз ва тантанаҳои идона баргузор гардид, ки дар онҳо сарони давлатҳо ва намояндагони воломақом аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Давлати Қатар, Ҷумҳурии Ироқ, Туркманистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Арманистон, Туркия, Салтанати Уммон, Давлати Кувайт, Танзания ва ғайра иштирок намуданд.

Сарони давлатҳо тасмим гирифтанд, ки чорабиниҳои идонаи бахшида ба Ҷашни сеюми ҷаҳонии Наврӯз соли 2012 дар Тоҷикистон барпо гарданд. Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сарони давлатҳо ва аҳли илму фарҳанги кишварҳои мазкур ва дигар давлатҳои таҷлилкунандаи Наврӯзи хуҷастапайро ба иштироки фаъол дар тантанаҳои наврӯзии соли 2012 ба сарзамини зархези мо даъват намуд.

Дар ҳошияи Иҷлосияи дуюми Ҷашни ҷаҳонии Наврӯз дар шаҳри Теҳрон Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай мулоқотҳои судманди дуҷониба анҷом дод.

Аз 5 то 12 июн Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо сафарҳои расмию корӣ дар Шӯрои Аврупо, Парлумони Иттиҳоди Аврупо, Бонки сармоягузории Аврупо ва чор давлати ин қитъаи ҷаҳон – Фаронса, Люксембург, Австрия ва Маҷористон қарор дошт.

Сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Аврупо 6 июн аз шаҳри Страсбурги Ҷумҳурии Фаронса оғоз ёфт.

Дар мулоқот бо Дабири кулли Шӯрои Аврупо Торберн Янгланд ҳар ду ҷониб омодагии устувори худро ба густариши ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ, аз ҷумла бо ишора ба аҳамияти стратегии татбиқи лоиҳаҳои минтақавии фарогири Афғонистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ таъкид доштанд.

Баъди анҷоми ин мулоқот Конвенсия оид ба пазируфтани маълумоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Аврупо ба имзо расид. Ба ин санади муҳим Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Дабири кулли Шӯрои Аврупо Торберн Янгланд имзо гузоштанд.

Ҳамчунин Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Аврупо эълон гардид, ки дар он самтҳои густариши робитаҳои минбаъдаи ду ҷониб муайяну мушаххас шудааст.

Дар ин сафар Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Парлумони Аврупо Ежи Бузек мулоқот намуд.

Президенти Парлумони Аврупо Ежи Бузек изҳор дошт: «Тоҷикистон, ки дар қалби қитъаи Осиё қарор гирифта, бо Афғонистон, Чин ва Қирғизистону Ӯзбекистон ҳамсарҳад аст, дар он минтақа мавқеи стратегӣ дорад ва Иттиҳоди Аврупо ба густариши муносибатҳо бо он манфиатдор аст».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи якҷояи Кумитаи равобити байналмилалӣ ва ҳайати вакилони Парлумони Аврупо оид ба ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ иштирок ва суханронӣ намуда, ба суолҳои сершумори вакилон посух гуфт.

Вакилони Парлумони Аврупо, аз ҷумла ба масоили дастрасии васеи аҳолии Тоҷикистон ба мактабу маориф, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини шаффофият дар кори сохторҳои идораи давлатӣ, истифодаи захираҳои обу энергетика, мушкилу монеаҳои рушди ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ, мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.



Тавре аён гардид, таваҷҷуҳи аҳли Парлумон ва дигар сохторҳои Иттиҳоди Аврупо ба таҳким ва густариши ҳамкорӣ бо Тоҷикистон, бахусус бо назардошти мавқеи калидии геополитикии он дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва имкону захираҳои фаровонаш барои таъмини рушду тараққиёти кулли ин минтақаи фарох, рӯ ба афзоиш дорад.

Мулоқотҳои судбахши Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарияти сохторҳои бонуфузи аврупоӣ, ҳамчунин зимни сафари расмии ӯ ба Герсогии Бузурги Люксембург идома ёфт.

Дар мулоқот бо Президенти Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ Филипп Мейштадт бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки Тоҷикистон нахустин шарики ин бонк дар минтақаи Осиёи Марказӣ аст. Ҳамкории Тоҷикистону Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ дар асоси созишномаи дуҷониба, ки моҳи феврали соли 2009 ба имзо расида буд, оғоз ёфт.

Миёни Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ боз ду созишномаи нави ҳамкорӣ ба имзо расид, ки нишонаи возеҳи ҳавасмандии Иттиҳоди Аврупо ба густариши ҳамкорӣ бо Тоҷикистон аст. Ин санадҳо дастгирии молиявии татбиқи лоиҳаҳои энергетикӣ дар вилояти Суғди Тоҷикистон, аз ҷумла кам кардани талафоти нерӯи барқро дар назар дорад. Мутобиқи онҳо дар давраи аввал барои ин ҳадафҳо ба Тоҷикистон 14 миллион евро қарзи имтиёзнок ва 7 миллион евро маблағи грантӣ ҷудо карда мешавад.

Тибқи барномаи сафари расмӣ ба Герсогии Бузурги Люксембург Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Люксембург бо Герсоги Бузурги Люксембург Анри Албер Габриэл Феликс Мари, Президенти Палатаи вакилони (Парлумони) Люксембург Лаурент Мозар ва Сарвазири ин кишвар Жан Клод Юнкер мулоқотҳои судманд анҷом дод.

Миёни Тоҷикистону Люксембург чор санади ҳамкорӣ ба имзо расид:

Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба пешгирии андозбандии дукарата ва саркашӣ аз супоридани андоз аз даромад ва сармоя;

Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба алоқаи ҳавоӣ;

Ёддошти тафоҳум оид ба алоқаи ҳавоӣ;

Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни палатаҳои савдо ва саноати Тоҷикистону Люксембург.

Дар Люксембург Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин дар Форуми ҳамоиши иқтисодӣ ва сармоягузории Тоҷикистону Люксембург иштирок намуда, мулоқоти судбахше бо роҳбарон ва намояндагони як қатор созмонҳои ҷамъиятии тоҷикону тоҷикистониёни муқими Нидерландия, Белгия ва Люксембург анҷом дод.

Тавре зикр гардид, дар ин кишварҳо Ҷамъияти тоҷикистониёни муқими Белгия, Нидерландия ва Люксембург, Бизнес –клуби Нидерландия –Тоҷикистон, Клуби Белгия-Тоҷикистон, Маркази фарҳангии тоҷикон дар шаҳри Брюссел, Ҷамъияти дӯстии Люксембург-Тоҷикистон ва ғайра фаъолияти босамар доранд.

**(Идома дар саҳ. 3)**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Шаҳринав таъин намудани Зайдов И.Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **ф а р м о н  м е д и ҳ а м :**

Зайдов Исматулло Ҳокимович иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Шаҳринав таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 13 январи соли 2012 №1214**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон озод намудани Умедхоҷаи Зоир**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **ф а р м о н  м е д и ҳ а м :**

Умедхоҷаи Зоир бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 13 январи соли 2012 №1216**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон таъин намудани Сулаймонов А.Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **ф а р м о н  м е д и ҳ а м :**

Сулаймонов Акрам Раҳимович иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 13 январи соли 2012 №1217**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Ҷиргатол озод намудани Абдураҳмонов А.И.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **ф а р м о н  м е д и ҳ а м :**

Абдураҳмонов Аслонбек Исломович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси ноҳияи Ҷиргатол озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 13 январи соли 2012 №1218**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ҷиргатол таъин намудани Умедхоҷаи Зоир**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **ф а р м о н  м е д и ҳ а м :**

Умедхоҷаи Зоир иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ҷиргатол таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 13 январи соли 2012 №1219**

## «Оби Зулол» дар сафи пеш аст

-Соҳаҳои саноату сохтмон дар шаҳри Истаравшан мавқеи муҳимро ишғол намуда, фаъолияти бомароми онҳо ба ғанӣ гардидани буҷет ва беҳдошти сатҳи зиндагии мардум мусоидат менамояд. Корхонаҳои саноатии шаҳр дар тӯли соли 2011- ум ба маблағи 122 миллиону 941 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки ин нисбат ба соли 2010-ум 17,8 фоиз зиёд аст, - гуфт зимни сӯҳбат муовини аввали раиси шаҳри Истаравшан Фаёз Султонов.

Аз 19 корхонаи саноатӣ 16 ададашон ҳаҷми маҳсулотро зиёд иҷро карданд. Дар ин ҷода пешравтарин корхона- Корхонаи муштараки «Оби Зулол» мебошад.

Бино ба гуфтаи мавсуф, бинокорони шаҳри Истаравшан дар соли сипаришуда ба маблағи 14441 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонию васлкуниро иҷро намуданд, ки 116,8 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамчунин дар ин давра 20 иншооти гуногун ба маблағи 11 миллион сомонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

***Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

● Андешаҳои вакил

# ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Дар замони ҳозира мавзӯи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, ки ҳалли онҳо ба равандҳои гуногунҷабҳаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии ҷомеа алоқаи зич дорад.

Сарфи назар аз соҳибихтиёрии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи истифодаи захираҳои табиии худ барои рушди ояндаи кишвар, ки қонунгузории байналмилалӣ муайян кардааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист ва беҳтар гардонидани вазъи экологии кишвар, ки яке аз омилҳои рушди некуаҳволии мардум ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии онҳо мебошад, диққати аввалиндараҷа медиҳад.

Ба ин мақсад барои ҳалли масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, истифодаи судманди захираҳои табиӣ ва таъмини рушди устувор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳо ва консепсияҳоро таҳия ва амалӣ менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин иштирокчии даҳ конвенсия, протоколҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор буда, барномаҳо ва нақшаҳои амалро ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои худ таҳия ва амалӣ мекунад.

Ташаббусҳои байналмилалӣ, минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои об ва тағйирёбии иқлим дар маркази диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дошта, ҷиҳати ҳалли онҳо дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавию миллӣ тадбирҳои мушаххас андешида мешавад.

Дар шароити имрӯза, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ҷалби ҳаҷми зиёди захираҳои табиӣ (замин, об, ҳаво, канданиҳои фоиданок, олами наботот ва ҳайвонот ва ғайра) зарур мебошад, бояд механизмҳои ҳуқуқии идоракунии истифодабарии табиат ва ҳифзи муҳити зист ҳамчун шакли муҳими назорати огоҳикунандаи экологӣ, ҷавобгӯи талаботи ҷомеа таҳия карда шаванд.

Вобаста ба тағйироти назарраси даҳсолаи охир дар ҷодаи рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар, васеъ гардидани ҳамкориҳои байналмилалӣ, ӯҳдориҳо оид ба ҳамоҳанг сохтани қонунгузорӣ ва меъёрҳо, аз байн бурдани монеаҳои техникӣ ҷиҳати дохилшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, истифодаи усулҳои самараноки идоракунӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳифзи муҳити зистро, тақозо дорад.

Такмили қонунгузорӣ дар ин соҳа аз Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 19 феврали соли 2011 таҳти рақами 1021 тасдиқ гардидааст, сарчашма мегирад. Дар ин замина, бояд қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, бо назардошти манфиатҳои миллии кишварамон ва дар асоси ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, такмил ва инкишоф ёбад. Дар ин ҷода дар қонунгузории соҳа пешбинӣ намудани механизмҳои самараноки иқтисодӣ ҷиҳати ҳавасмандгардонии субъектҳои фаъолияти соҳибкорие, ки бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ дар истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист саҳм мегузоранд, аҳамияти зарурӣ дода шавад.



Дар ин раванд, бо назардошти амалӣ гардидани барномаҳои бузурги сармоягузорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар, такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани шуури экологии аҳолӣ бо роҳи ҷорӣ намудани маърифати экологӣ ва механизмҳои иқтисодие, ки истифодаи оқилонаи табиат ва муносибати эҳтиёткоронаро ба муҳити зист таъмин мекунанд, ҳамчун масъалаҳои мубрами ин соҳа ба ҳисоб мераванд.

Вобаста ба масъалаҳои номбаршуда вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аҳамияти ҷиддӣ дода, ҷиҳати такмили он ва таҳияи қонунҳои нави соҳа саҳми калон мегузоранд.

Дар муддати зиёда аз як соли фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум аз ҷониби вакилон шаш қонуни мукаммал, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», «Дар бораи иттилооти экологӣ», «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ», «Дар бораи мониторинги экологӣ» ва тағйиру иловаҳо ба як қатор қонунҳои амалкунанда таҳия ва қабул гардидаанд.

Ин қонунҳо мантиқан бо ҳам алоқаманд буда, масъалаҳои маърифати экологии аҳолиро дар асоси иттилооти экологии боэътимод, ки дар натиҷаи ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ амалӣ карда мешавад, ба танзим медароранд.

Қонунҳои қабулгардида, пеш аз ҳама барои таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ҷиҳати таъмини онҳо бо иттилооти мукаммал ва эътимодноки саривақтии экологӣ ва ҷорӣ намудани маърифати батафсили экологӣ дар ҳамаи қишрҳои ҷомеа мебошад. Моҳияти дигари қонунҳои номбаршуда дар иҷрои ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба ҳифзи муҳити зист буда, баҳри таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Таъмини инсон ва ҷамъият бо донишҳои умумии экологӣ дар асоси иттилооти боэътимоди экологӣ ва мусоидат намудан ба ташаккули тарбия ва фарҳанги экологӣ, мутобиқсозии таъсири тарафайни инсон, ҷамъият ва муҳити зисти табиӣ, ташаккули ашхоси ҳаматарафа инкишофёфта мақсаду мароми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» мебошад. Чунки ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, дар маҷмӯъ, бе тағйирдиҳии шуури инсон, фаҳмиши моҳияти мушкилоти экологӣ ва иштироки ҳар як шаҳрванд дар ҳалли масъалаҳои экологӣ имконнопазир мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таъмини иттилооти экологиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд ва ба таъмини ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба дастрасии иттилооти экологии мукаммал, эътимоднок ва саривақтӣ мусоидат карда, муносибатҳоро дар ин бахш ба танзим медарорад.

Ҳуқуқи экологии байналмилалӣ ва Конвенсияи комиссияи иқтисодии аврупоии СММ «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот, иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо ва дастрасӣ ба адолати судӣ вобаста ба масъалаҳои муҳити зист», ки онро Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001 тасдиқ кардааст, иштироки фаъоли ҷомеаро дар ҳифзи муҳити зист ва баҳисобгирии афкори умум, ҳангоми қабули қарорҳои аз ҷиҳати экологӣ муҳим, пешбинӣ кардааст. Иштироки фаъоли ҷомеа дар ҳалли масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бе дастрасӣ ба иттилооти вобаста ба масъалаҳои муҳити зист самаранок буда наметавонад.

Аз ин лиҳоз, агар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» аз як тараф таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии аҳолиро оиди дастрасӣ ба иттилооти пурра, эътимоднок ва саривақтии экологӣ ба танзим дарорад, аз тарафи дигар иҷрои ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ таъмин менамояд.

Таъмини талаботи давлат, ҳукумат ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба иттилооти пурра ва эътимоднок оид ба вазъи муҳити зисту тағйирёбии он, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ногувори ҳодисаҳои табиӣ, инчунин ҳангоми таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таъмини амнияти экологии кишвар, иттилооти экологӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ ҳамчун заминаи асосии иттилооти экологӣ дар ҷодаи иттилооти кишвар аҳамияти муҳим дорад.

Иттилооти экологӣ дар бораи вазъи муҳити зист, аз ҷумла ҳаво, обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ, замин, хок, олами набототу ҳайвонот, дигар объектҳои табиӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо, ки дар натиҷаи ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ ба даст меояд, барои ҷомеа зарур мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ» асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таъмини мониторинги экологиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, муносибатҳоро миёни мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа ба танзим медарорад.

Мониторинги экологӣ бо мақсади мушоҳидаи ҳолати муҳити зист, аз он ҷумла ҳолати муҳити зист дар минтақаҳои воқеи манбаъҳои таъсири антропогенӣ ва таъсири ин манбаъҳо ба муҳити зист, арзёбӣ ва пешгӯйии тағйири ҳолати муҳити зист зери таъсири омилҳои антропогенӣ ва табиӣ, таъмини талаботи давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба иттилооти эътимоднок дар бораи ҳолати муҳити зист ва тағйирёбии он, ки барои рафъ ва ё кам намудани оқибати ногувори чунин тағйирёбиҳо зарур аст, гузаронида мешавад.

Принсипи асосии мониторинги экологӣ мушоҳидаи бетафсил буда, на танҳо мушоҳида ва арзёбии далелҳо, балки таҳқиқот, пешгӯйӣ ва тавсия оид ба идоракунии ҳолати муҳити зисти табиӣ мебошад. Мониторинги экологӣ қисми таркибии назоратбарии экологӣ буда, хадамоти назоратиро бо иттилооти зарурӣ дар бораи ҳолати муҳити зисти табиӣ таъмин менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ» ӯҳдадориҳои истифодабарандагони табиат, ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ дар соҳаи мониторинги экологӣ, тартиби мониторинги экологӣ дар ҳудудҳои мақоми махсуси экологидошта, объектҳои ҳарбӣ ва муҳофизавӣ, ҳамчунин хусусиятҳои хоси мониторинги экологӣ ҳангоми огоҳнамоӣ (пешгирӣ) ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, муносибат бо партовҳои хатарнок, гузаронидани ташхиси давлатии экологӣ, маблағгузории корҳо доир ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологиро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, қонунҳои қабулгардида ба қонунгузории соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ тақвият бахшида, барои рушди ояндаи кишвар заминаи мусоид фароҳам меоварад.

***Маҳмадшариф ҲАҚДОДОВ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

● Аз фаъолияти вакилони маҷлисҳои маҳаллӣ

# Ҳабиби мардум

Зӯҳро Бобоева 26 сол боз чун вориси арзандаи табиби машҳур Абӯалӣ ибни Сино ба табобати маризону дардмандон машғул аст. Ӯ хатмкардаи мактаби миёнаи №1 ба номи Фирдавсии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ва факултаи муолиҷавии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино мебошад.

Баъди бо ихтисоси духтури амрози дарунӣ Донишгоҳи давлатии тиббиро бо муваффақият хатм намуданаш, ӯро барои кор ба ноҳияи имрӯзаи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон фиристоданд. Як сол ба ҳайси табиб дар он ҷо кору фаъолият намуд. Бо ҳукми тақдир баъди барпо намудани оила ӯ ба ноҳияи Бохтар омад. Инак, беш аз 25 сол инҷониб дар беморхонаи №2 Ҷамоати деҳоти Заргар чун табиб хизмати халқи азизашро ба ҷо меорад. Дар ин бемористон Зӯҳро Саидовна аввал ба ҳайси духтури амрози даруна, сипас мудири шӯъба кор кард. Аз моҳи марти соли 2007-ум то ба имрӯз вазифаи пурмасъулияти сардухтури беморхонаи мазкурро ба ӯҳда дорад.

Беморхонаи мазкур дорои 70 кат ва 5 шӯъба: қабул , амрози даруна, кӯдакона, таваллуд, сироятӣ ва озмоишгоҳ аст. Дар ин бемористон баробари сардухтур, ҳамчунин табибони мушфиқу ғамхор Тағойбек Тӯраев – мудири шӯъбаи сироятӣ, Абдухолиқ Пириев - мудири шӯъбаи кӯдакона, Иброҳим Ҳафизов – мудири шӯъбаи амрози даруна, Нурмат Азимов – мудири озмоишгоҳ, ҳамшираҳои шафқат Гулбаҳор Назарова, Малоҳат Шодиева, Гулнора Исмоилова, Гулистон Қаландарова, Муродгул Саидова ва бародарони шафқат Сафо Шарифов, Чилла Тӯраев ва чанде дигарон барои ҳифзи саломатии аҳолӣ шабурӯз ҷидду ҷаҳд менамоянд.



Албатта, бо кӯшишу заҳмати ҳамагӣ 5 нафар табиб ҳифзу табобати қариб 50 ҳазор нафар аҳолии Ҷамоати деҳоти Заргар кори осон нест. Мувофиқи меъёри қабулгардида, ба ин миқдор аҳолӣ бояд 17 табиб хизмат расонад.

Баъзан табибони номбурда барои нигоҳубини беморон шаб то саҳар дар ин боргоҳи ҳифзи саломатӣ машғул мешаванд.

Воқеан бо чунин шароиту имконият дар беморхонаи деҳот имрӯз шахсоне фаъолият доранд, ки фидоии касби хеш ҳастанд, зеро аксари мардуми деҳоти Заргар дар бахши кишоварзӣ, ки маошаш басо ночиз аст, кору фаъолият мекунанд ё умуман ҷойи кор надоранд.

Лаҳзаҳое ҳам буданд, ки бемори корафтода барои харидани оддитарин доруи табобат маблағе бо худ надоштанд. Табиби ҳозиқ Зӯҳро Бобоева ва ҷамъи дигар ҳамкоронаш аз ҳисоби маоши худ маблағеро барои табобати чунин беморони камбизоат дареғ надоштанд.

Тавре зимни сӯҳбат Зӯҳро Бобоева иброз намуд, чанде пеш бо кӯмаку дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, бахусус раиси ноҳия Абдуалим Исмоилов, шӯъбаи сироятии бемористон, ки басо кӯҳнаю фарсуда гардида буд, аз таъмири асосӣ баромад. Ҳамчунин бо кӯмаки ӯ ошхона барои бемористон бунёд гардид.

Маҳбубияту эҳтироми мардуми деҳотро нисбати табиби мушфиқу ғамхору меҳрубон ҳангоми баргузории интихоботи маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ мушоҳида намудам. Бошандагони деҳаҳои Пахтакор, Фрунзе ӯро якдилона ба Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Бохтар номзад пешбарӣ намуда, ба ҷонибдориаш овоз доданд. Имрӯзҳо Зӯҳро Саидовна баробари масъулияти сардухтурии беморхонаи деҳотро ба ӯҳда доштану табобати беморон, ҳамчунин манфиати интихобкунандагонашро дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Бохтар низ ҳифз менамояд.

Ӯ аъзои комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия оид ба ҳифзи оила ва саломатӣ буда, барои пешравии соҳаи тиб, ҳифзи саломатии мардум кори зиёде ба сомон мерасонад.

Дар яке аз вохӯриҳояш бо интихобкунандагон масъалаи бунёди бинои нави мактаб барои фарзандони бошандагони деҳаи Фрунзе ба миён гузошта шуд.

Раиси маҳаллаи деҳоти Фрунзе Рамазон Муродов низ баробари вакили мардумӣ Зӯҳро Бобоева барои ҳалли ин масъалаи муҳим корҳои зиёдро анҷом дод. Бо ҷонибдории раиси ноҳия қитъаи замин барои бунёди мактаби нав ҷудо гардид. Дар назар аст, ки ба наздикӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди бинои нави мактаб барои фарзандони интихобкунандагони деҳаҳои дурдаст оғоз гардад.

Зӯҳро Бобоева баробари фаъолияти пурсамари ҷамъиятӣ, кори душвори табибӣ, ҳамчунин дар тарбияи чор нафар фарзанд намунаи ибрат аст.

Ин инсони мушфиқу ғамхору меҳрубон бо ҳукми виҷдон ба таври ихтиёрӣ нигоҳубин ва кӯмаки моддии ду нафар аз фарзандони оилаи Тоҷинисо Файзиеваро аз маҳаллаи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Ҷамоати деҳоти Заргар низ ба ӯҳда гирифтааст. Барои ин амали нек ӯро касе маҷбур накардааст. Вале чун инсоне, ки дилаш ба нафарони маъюбу мӯҳтоҷ ва ниёзманд месӯзад, кӯмаку парастории маъюбонро иҷрои ҳукми виҷдони худ қарор додааст.

Хизматҳои арзандаи ин зани меҳнатиро ба назар гирифта, Сарвари мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бо Фармони худ аз 6 августи соли 2011 таҳти №1130 сардухтури беморхонаи №2-юми ноҳияи Бохтар Зӯҳро Бобоеваро бо медали «Шафқат» сарфароз гардонид. Ҷавобан ба ин ғамхории Сарвари давлат ӯ мекӯшад, ки боз ҳам беҳтару хубтар ба халқу ватани азизи худ хизмат намояд.

***Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»***

● Навгонии соҳа

# ДАСТОВАРДЕ, КИ РУШДИ НИЗОМИ БОНКИРО ТАҲКИМ МЕБАХШАД

Яке аз роҳҳои вусъат бахшидани фаъолияти низоми бонкии кишвар ҳар чӣ зиёдтар ворид намудани технологияи нав маҳсуб ёфта, омили мазкур метавонад боиси ҳамқадами замон шудани ин ё он бонкро таъмин созад. Бо назардошти ин омил, ҶСК «Агроинвестбонк» дар ҳамкорӣ бо низоми байналмилалии пардохтии «Visa» дар ҷумҳурӣ аввалин маркази протсессингиро мавриди истифода қарор дод. ҶСК «Агроинвестбонк» ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо низоми байналмилалии пардохтии «Visa» соли 2003 шурӯъ намуда буд. Он замон ҳамкориҳои бонк бо ин низоми мӯътабари ҷаҳонӣ ба сифати иштирокчии вобаста сурат мегирифт. Дар сатҳи баланд ба роҳ мондани ҳамкориҳо ва сари вақт иҷро намудани ӯҳдадориҳои ҳамшарикӣ замина фароҳам оварданд, ки соли 2007 бонки мазкур мақоми худро то ба дараҷаи шарики принсипиалии ин низом боло бардорад. Ҳоло дар низоми ҶСК «Агроинвестбонк» якчанд номгӯйи кортҳои пардохтии силсилаи «Visa» мавриди истифода қарор доранд ва ин раванд рӯз то рӯз вусъат меёбад.

«Visa» низоми пардохтии ҷаҳонӣ мебошад, ки бевосита дастрасии кортҳои пардохтиро ба муассисаҳои савдову хизматрасонӣ, ташкилотҳои гуногуни молиявӣ ва ҳукуматии зиёда аз 200 давлати дунё фаврӣ, бехавф ва боэътимод таъмин менамояд. Пардохтҳои электронии ин низом тавассути маркази протсессингии инноватсионии ҷаҳонии «Visa Net» сурат гирифта, он дар як сония бештар аз 20000 транзаксияро (амалиёти бонкӣ ва интиқоли маблағро) коркард намуда, ҳамзамон ҳимояи онҳоро аз ҳама намуди қаллобӣ ва кафолати амалӣ гаштани пардохтҳоро барои муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ бояду шояд таъмин менамояд. «Visa» бонк нест, кортҳои пардохтӣ намебарорад, барои истифодабарандагони кортҳои пардохтҳои комиссия ё худ меъёри фоизӣ муайян намекунад ва бо дорандагони чунин кортҳо қарз намедиҳад, вале иқдомоти навоваронаи «Visa» ба ташкилотҳои молиявӣ имконият медиҳад, ки ба мизоҷони хеш интихоби доираи васеи хизматрасониҳои молиявиро пешниҳод намуда, ба ин васила шумораи мизоҷонашонро афзоиш диҳанд. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки то ба фаъолият шурӯъ намудани маркази зикршуда коркарди транзаксияи аз ҷониби бонкҳои тоҷикистонии иштирокчии низоми пардохти «Visa» амалишаванда тавассути марказҳои протсессингии байнисарҳадӣ сурат мегирифт. Ба ибораи дигар, тамоми амалиёти тариқи ин низом, ки ба воситаи кортҳои пардохтии силсилаи «Visa» амалишаванда мегашта, аз беруни кишвар идора мешуд. Минбаъд, маркази навтаъсис имконият фароҳам меорад, ки ҶСК «Агроинвестбонк» мустақилона транзаксияро аз рӯйи кортҳои силсилаи «Visa»-и худӣ дар дилхоҳ нуқтаи савдо дар дохил ва хориҷи мамлакат, инчунин ба воситаи кортҳои силсилаи «Visa»-и дигар бонкҳо дар шабакаи банкоматҳо ва пешниҳоди хизматрасониҳои хеш коркард намояд. Иқдоми мазкур ба ҶСК «Агроинвестбонк» имкон фароҳам меорад, ки ба дигар бонкҳои ҷумҳурӣ барои гирифтани мақоми иштирокчии вобастаи низоми пардохтии «Visa» мусоидат намояд ва ҳамзамон ба онҳо бо хароҷоти нисбатан кам хизматрасонии протсессикунониро пешниҳод намояд. ҶСК «Агроинвестбонк» ҷиҳати татбиқ намудани эквайринги савдо соҳиби иҷозатномаи низоми зикршуда гардида, ҳамчунин сертификатсиякунонии техникиро бомуваффақият гузаштааст. Омилҳои мазкур минбаъд ба бонк имконият медиҳанд, ки ба муассисаҳои савдо ва хизматрасонии мамлакат тариқи инфиродӣ хизмат расонида, барои ҳама иштирокчиёни бозор имтиёз ва шароити мусоид фароҳам орад.

Менеҷери минтақавӣ оид ба рушди низоми пардохтии «Visa» дар кишварҳои ИДМ Александр Колита аз рушди бемайлони раванди истифодаи кортҳои пардохтии силсилаи «Visa» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, омили мазкурро самараи дастгирӣ ва таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми бонкӣ арзёбӣ намуд. Бино ба гуфти номбурда, теъдоди истифодабарандагони кортҳои пардохтии силсилаи «Visa» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоишро касб намуда, ин омил далели возеҳи ҳавасманд будани мизоҷон ҷиҳати истифодаи технологияи нави бонкӣ аст. Давоми як соли охир теъдоди истифодабарандагони чунин кортҳои пардохтӣ 71 фоиз ва гардиши умумии маблағ тариқи онҳо 36 фоиз афзудааст. Мавсуф ҳамчунин афзуд, ки ҶСК «Агроинвестбонк» аз ҷумлаи шарикони доимӣ, стратегӣ ва боэътимоди низоми пардохтии «Visa» буда, мо ҳама гуна иқдомоти ин бонкро ҷиҳати тавсеаи ин намуди хизматрасонӣ дастгирӣ хоҳем кард. Масъулини низоми мазкур бовар доранд, ки ба фаъолият шурӯъ намудани аввалин Маркази протсессингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишоф додани хизматрасониҳои чакана имкониятҳои нисбатан фарохро фароҳам меорад.

Ҷоиз ба зикр аст, ки Маркази протсессингии ҶСК «Агроинвестбонк» дар асоси маҷмааи барномавии Tранз Ware, ки он аз ҷониби Ширкати «Компас плюс» (Россия) таҳия шудааст, таъсис ёфтааст. Гуфтан бамаврид аст, ки маҷмааҳои барномавии таҳиянамудаи ин ширкат дар 70 бонки бонуфузи 18 кишвари олам мавриди истифодаанд. Дар баробари таҳияи маҷмааи барномавӣ ҳамчунин мутахассисони Ширкати «Компас плюс» дар лоиҳаи фаъол намудани маркази зикршуда саҳмгузорӣ намуда, бомуваффақият гузаштани сертификатсиякунониро дар низоми пардохтӣ, вуруди маълумотҳоро аз марказҳои беруна ва ғайра таъмин намуданд. Шоистаи зикр аст, ки айни замон 74 адад банкомат, 37 POS – терминал ва 72 нуқтаи пешниҳоди маблағҳои нақдии ҶСК «Агроинвестбонк» дар тамоми гӯшаву канори мамлакат фаъолияти муназзам ва самаранок дошта, дар ҳамаи онҳо истифодаи кортҳои пардохтии силсилаи «Visa» имконпазир аст. ҶСК «Агроинвестбонк» яке аз аввалин бонкҳои мамлакат аст, ки ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дурдасттарин минтақаҳои кишвар – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва водии Зарафшон банкоматҳои худро барои истифодаи мизоҷон вогузошт.

Ҷои пӯшида нест, ки ҳоло қисми зиёди шаҳрвандони ҷумҳурӣ то ҷӣ андоза манфиатовар будани истифодаи кортҳои пардохтиро дарк накардаанд. Бо назардошти муҳимияти ин масъала, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати истифодаи густурдаи кортҳои пардохтӣ кӯшиши зиёд мекунад. Мутаассифона, пешниҳод нашудани маълумоти муфассалу дақиқ оид ба ин масъала дар воситаҳои ахбори омма ва мавҷуд будани баъзе монеаҳо садди роҳи рушди ин раванд гардидааст.

Ҳамватанони мо бояд дарк намоянд, ки истифодаи кортҳои пардохтӣ бартарии зиёд дорад. Аввалан, он воситаи хеле қулайи баҳравар гаштан аз хизматрасониҳои молиявӣ маҳсуб ёфта, тавассути он харидории ҳар гуна молу маҳсулот аз марказҳои савдо, интиқоли маблағ, нигоҳдории маблағҳои амонатӣ (депозитӣ) имконпазир аст. Сониян, барои дорандагони чунин кортҳо ҳамарӯза ва ҳангоми сафарҳояшон ба хориҷи кишвар зарурати ба худ гирифтани маблағи зиёди нақд пайдо намешавад. Барои онҳо кифоя аст, ки дар он макон банкомат ё POS-терминалро пайдо намуда, дар доираи хизматрасониҳои барои корти пардохтиашон пешбинишуда маблағи зарурӣ, ки дар ҳисобашон мавҷуд аст, бигиранд. Ахиран, ин омил ба вусъати ёфтани гардиши пули миллӣ дар иқтисодиёти давлат такони ҷиддӣ бахшида, ҳамзамон ба коҳиш ёфтани пули нақд дар гардиш, ки аз лиҳози иқтисодӣ хеле муҳим аст, боис мегардад. Айни замон кортҳои дар низоми молиявии ҷумҳурӣ истифодашаванда кортҳои пардохтии магнитӣ мебошанд, вале дар давлатҳои пешрафта аллакай кортҳои дорои микрочип ва кортҳои виртуалӣ дар истифодаанд. Қаблан масъулини ҶСК «Агроинвестбонк» иброз дошта буданд, ки ояндаи наздик чунин кортҳоро мавриди истифода қарор хоҳанд дод. Хурсандиовар аст, ки бо фаъол намудани Маркази ҷараёникунии (протсессингии) зикршуда бонк ҳамзамон марҳилаи сертификатсиякунониро ҷиҳати барориш ва хизматрасонии кортҳои пардохтии чипдори силсилаи «Visa» гузашт. Омили мазкур имкониятҳои бонк ва мизоҷони онро дар самти истифодаи кортҳои пардохтӣ васеътар мегардонад.

Иқдоми мазкур дар навбати аввал ба хотири таъмини ҳифзи он аз дастрасии ашхоси бегона пеш гирифта шудааст. Масалан, гирифтани маълумот бо роҳу усулҳои гуногуни ғайриқонунӣ, ки аз чунин усул аксаран ба истилоҳ хакерҳо истифода мебаранд, аз кортҳои пардохтии дорои микрочип дар муқоиса ба кортҳои пардохтии магнитӣ қариб имконнопазир аст. Бо истифода аз кортҳои виртуалӣ бошад, ин омил пурра аз байн хоҳад рафт. Ин гуна кортҳоро тариқи дилхоҳ телефони мобилии аксбардордошта истифода намудан мумкин аст.

ҶСК «Агроинвестбонк» ҷиҳати ҷалби бештари мизоҷонаш ба истифодаи технологияи ҷадиди бонкӣ чораандешӣ менамояд. Чунин иқдомот аксар ҷанбаи ҳавасмандкуниро доро буда, масъулини бонк онҳоро усулҳои самарабахш арзёбӣ менамоянд. Масалан, ба наздикӣ бонк якҷоя бо низоми байналмилалии пардохтии «Master Card» иқдоми муштаракеро роҳандозӣ намуд, ки ҳадафи асосиаш афзун намудани гардиши ғайринақдии маблағҳо тариқи истифодаи кортҳои пардохтии ин низом ва низоми пардохтии «Maestro» мебошад. Ҳама дорандагони кортҳои пардохтии низомҳои зикршуда, ки чунин кортҳоро аз ҶСК «Агроинвестбонк» дастрас намудаанду дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ барои маҳсулоти харидоришуда ва баҳравар гаштан аз хизматрасониҳо тариқи ғайринақдӣ, яъне ба ба воситаи кортҳои фавкуззикр ҳисобӣ менамоянд, метавонанд иштирокчии ин иқдом бошанд. Ғолибони иқдоми мазкур вобаста ба пардохтҳои тавассути ҶСК «Агроинвестбонк» суратгирифта, бо назардошти ҳаҷми маблағи амалиётҳои ғайринақдии амалигардида ва шумораи чунин амалиётҳо муайян мегарданд. Барои ғолибон 2 тӯҳфаи асосӣ ва 20 тӯҳфа пешбинӣ гардидааст. Иқдоми мазкур то 10 марти соли равон идома ёфта, 19 марти ҳамин сол ҷамъбаст мешавад. Ба шарофати фаъолияти пурмаҳсули ҶСК «Агроинвестбонк» ва дигар бонкҳои кишвар айни замон кортҳои пардохтии ҳама низомҳои байналмилалӣ барои тамоми қишрҳои ҷомеа дастрас аст. Лозим ба ёдоварист, ки ҳоло аз ҷониби бонки мазкур кортҳои локалӣ ва кортҳои байналмилалии силсилаи «Visa», ки барои гирифтани фоизҳои маблағҳои амонат (депозит) пешбинӣ шудаанд, ба мизоҷон бепул дода мешаванд. Дигар намуди кортҳои пардохтӣ низ чандон арзиши гарон надошта, нархи онҳо ба вазъи молиявии ҳамватанонамон созгор аст. Ба фаъолият шурӯъ намудани Маркази протсессингии ҶСК «Агроинвестбонк» ва соҳиби иҷозатномаи низоми пардохтии «Visa» шудани он дастоварди нави низоми бонкӣ маҳсуб ёфта, таконбахши рушди соҳаҳои иқтисодиёт хоҳад гардид.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

# ТОҶИКИСТОНИ МУСТАҚИЛ 20 - СОЛА ШУД

(Идома аз саҳ. 1)

Зимни сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Австрия Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти ин кишвар Ҳайнтс Фишер ва Раиси Парлумони Австрия Барбара Прамер мулоқотҳои судманд анҷом дод.

Ҳар ду ҷониб омодагии худро барои густариши робитаҳои сиёсӣ, муколамаи мунтазам ва рушди ҳамкории мутақобилан судманд дар соҳаҳои энергетика, иқтисоду савдо, илму техника ва ғайра таъкид намуданд.

Ба гуфти Ҳайнтс Фишер: «Австрия чун Тоҷикистон дорои захираҳои фаровони обию энергетикӣ аст, 22 фоизи нерӯи барқаш дар нерӯгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад ва кишвар дорои таҷрибаи ғанию мутахассисони зиёд дар ин бахш мебошад. Аз ин хотир, Австрия метавонад бо Тоҷикистон дар ин ва дигар соҳаҳои судовар ҳамкории босамар дошта бошад».

Баъди анҷоми мулоқоту музокироти расмии сарони ду давлат Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия оид ба таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба, Созишнома оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва Созишнома миёни Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон ва Кумитаи олимпии Австрия оид ба ҳамкорӣ ба имзо расид.

Дар шаҳри Сент-Пёлтени Австрия Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти ширкати гидроэнергетикии «Войс ҳайдро», ки бо давлатҳои Америкою Аврупо ва дигар минтақаҳои ҷаҳон ҳамкории густурда дорад, аз наздик шинос шуд.

Зимни сӯҳбат бо Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Президенти ширкати мазкур Леополд Ҳинингер ва аъзои Шӯрои мудирони он ба ташкил ва густариши ҳамкорӣ бо Тоҷикистон изҳори ҳавасмандӣ карданд.

Дар Австрия ҳайати Ҳукумати Тоҷикистон, ҳамчунин дар Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ иштирок намуд.

Тавре аён гардид, ҷаҳду талошҳои бисёрсолаи Президенти кишвар Эмомалӣ РАҲМОН ва Ҳукумати Тоҷикистон дар роҳи пуштибонӣ аз ташаббусҳои судбахши байналмилалӣ ва лоиҳаҳои стратегии зербиноии кишвар, аз ҷумла дар самти рушди гидроэнергетика, дар минтақа ва ҷаҳон мавриди дарки дуруст ва пазироию дастгирӣ қарор мегиранд.

Дар ҳошияи Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо Созишнома оид ба мақоми Дафтари созмон дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Маҷористон низ, ки 11 ва 12 июн ҷараён гирифт, пурмаҳсул буд.

Ҳангоми мулоқот бо Эмомалӣ Раҳмон Президенти Маҷористон Пал Шмитт изҳор дошт, ки Маҷористон ба таҳким ва густариши ҳамкорӣ бо Тоҷикистон ба манзури нақши муҳими он дар минтақаи Осиёи Марказӣ манфиатдор аст. Ӯ ҳамчунин таъкид дошт: «Маҷористон омода аст ба рушди иқтисоди Тоҷикистон аз тариқи татбиқи лоиҳаҳои муштараки судманд ва ҳам таҳкими амну субот ва некуаҳволии мардуми он мусоидати фаъол намояд».

Миёни Тоҷикистону Маҷористон панҷ санади нави ҳамкорӣ, аз ҷумла Эъломияи муштарак оид ба густариши муносибатҳои дуҷониба, Созишномаи ҳамкорӣ миёни Вазорати тандурустии Тоҷикистон ва Вазорати манбаъҳои миллии Маҷористон, Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни вазоратҳои корҳои хориҷии Тоҷикистону Маҷористон ва Созишномаи ҳамкорӣ миёни Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон ва Кумитаи олимпии Маҷористон ба имзо расид.

Рӯзҳои 14 ва 15 июн Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар ҷаласаи навбатии Шӯрои Сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай дар пойтахти Қазоқистон - шаҳри Остона қарор дошт.

Дар ин ҳамоиш натиҷаҳои фаъолияти даҳсолаи ин созмони бонуфузи минтақавӣ ва нақшаҳои ояндаи ҳамгирой дар чаҳорчӯби он, аз ҷумла масоили вобаста ба амнияту субот дар минтақа ва ҷаҳон, ҳамкории иқтисодӣ-тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва илмию фарҳангӣ баррасӣ шуд.

Эмомалӣ РАҲМОН зимни суханронии худ мавқеи Тоҷикистонро доир ба мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ мушаххас намуда, ба фаъолияти даҳсолаи Созмони Ҳамкории Шанхай, бахусус дар сатҳи олии байнидавлатӣ баҳои баланд дод ва ҳамзамон таъкид дошт, ки минбаъд бояд ҳамгироии сохторҳои поёнӣ низ тақвият ёбад.

Дар охири ҷаласа Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ, Эъломияи Остона оид ба 10-солагии Созмони Ҳамкории Шанхай, қарорҳои Шӯрои Сарони давлатҳо дар бораи тасдиқи Стратегияи зиддимуҳаддиротии Созмони Ҳамкории Шанхай барои солҳои 2011-2016 ва барномаи иҷрои он, Тафоҳумномаи намунавӣ оид ба ӯҳдадориҳои давлати аризадиҳанда барои шомил шудан ба узвияти Созмони Ҳамкории Шанхай ва чанд санади дигар ба имзо расид.

Дар ҳошияи ҳамоиши Сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Халқии Хитой Ху Сзинтао, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ ва ноиби президенти Агентии Япония оид ба Ҳамкории Байналмилалӣ «Ҷайка» Киёши Кодера мулоқотҳои судманди дуҷониба анҷом дод.

Зимни мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Халқии Хитой Ху Сзинтао омодагии устувори кишварашро ба дастгирии рушди ҳамаҷонибаи Тоҷикистон таъкид намуда, изҳор дошт, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой соли 2011 барои мусоидат ба рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, дар баробари дигар тадбирҳои судбахш, 120 миллион юан кӯмаки бебозгашт ҷудо мекунад.

Ҷониби Хитой, ҳамчунин пешниҳод намуд, ки соли 2012 ба муносибати 20 – солагии барпошавии муносибатҳои дипломатӣ бо Тоҷикистон чорабиниҳои зиёди идона дар ҳар ду кишвар ба роҳ монда шаванд.

Хотиррасон гардид, ки ҳоло беш аз 50 ширкати хитойӣ дар Тоҷикистон фаъолияти пурсамар доранд ва мубодилаи молу маҳсулот миёни ду кишвар дар зарфи панҷ соли охир 14 баробар афзоиш ёфтааст.

Рӯзҳои 24 ва 25 июн Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Конфронси байналмилалӣ оид ба муборизаи ҷаҳонӣ бо терроризм дар Ҷумҳурии Исломии Эрон қарор дошт.

Дар Конфронси байналмилалии «Ҷаҳон -бидуни терроризм» ҳамчунин роҳбарони давлатҳои Афғонистон, Покистон, Ироқ, Судон ва намояндагони воломақом аз як қатор кишварҳои дигар ва созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ ширкат намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ мавқеи устувори Тоҷикистонро дар роҳи муборизаи пайваста бо терроризму ифротгарой ва носозгорӣ бо ин зуҳуроти манфур бори дигар таъкид намуд.

Дар ҳошияи Конфронси байналмилалӣ оид ба муборизаи ҷаҳонӣ бо терроризм дар шаҳри Теҳрон Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод мулоқоти судманд анҷом дода, ҳамчунин бо иштирокдорони воломақом аз дигар кишварҳою созмонҳо мубодилаи афкор намуд.

12 ва 13 август Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар пойтахти Қазоқистон шаҳри Остона дар мулоқоти ғайрирасмии Сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ иштирок дошт.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сарони дигар давлатҳо изҳори боварӣ карданд, ки тавофуқоти ҳосилшуда заминаи хубе мешавад барои қабули қарорҳои судбахш дар ҳамоиши навбатии онҳо ва умуман барои беҳсозии ҳамоҳангии фаъолияти муштарак дар мубориза бар зидди терроризму ифротгарой, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва таъмини амнияти иттилоотӣ.

Рӯзҳои 13 ва 14 – уми декабр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Федеролии Германия қарор дошт, ки бо пазироии самимии мизбонон ва ҳусни таваҷҷуҳи хосаи роҳбарияти ҳар ду кишвар ба рушди ҳамкории ба ҳар ду ҷониб судбахш сурат гирифт.

Аҳамияти хосаи ин сафар ва натиҷаҳои пурарзиши он, аз ҷумла аз ҷониби расонаҳои хабарию таҳлилии бешумор ва коршиносони умури минтақавию ҷаҳонӣ таъкид гардид.

Дар ҷараёни сафар Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Федеролии Германия Кристиан Вулф, Канслери Федеролии Германия хонум Ангела Меркел, роҳбарияти парлумон ва дигар намояндагони воломақоми ин кишвар мулоқотҳо анҷом дод.

Имзои се санади нави ҳамкорӣ дар соҳаҳои тандурустӣ, энергетика, саноат ва геология, форуми соҳибкорону тоҷирони ду кишвар, шиносоии наздики Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти ширкатҳои немисии дорои нуфузи ҷаҳонӣ, ифтитоҳи бинои нави Сафорати Тоҷикистон дар Германия ва мулоқоти Сарвари давлат бо тоҷикону ҳамватанони муқими ин кишвар аз натиҷаҳои пурарзиши ин сафар мебошанд.



Аз мулоқоту сӯҳбатҳои самимӣ бармеояд, ки ҷониби Германия, бо назардошти мавқеи стратегии Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ, сарҳади тӯлонии он бо Афғонистон ва имкону захираҳои фаровони рушди ҳамкории иқтисодӣ, пеш аз ҳама дар соҳаҳои гидроэнергетика ва саноати кӯҳкорӣ, омода аст робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва ҳамгироии амниятии худро бо кишвари мо густариш диҳад.

Рӯзҳои 15 ва 16 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ дар Украина қарор дошт, ки бо самимияти баланди ду ҷониб ҷараён гирифта, бо натиҷаҳои пурарзиш ба поён расид.

Ба имзо расидани ҳафт санади нави ҳамкорӣ аз тасмимоти ҷиддии ду ҷониб ба густариши минбаъдаи ҳамкорӣ гувоҳӣ медиҳад.

Санадҳои имзошуда рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои ҳифзи техникии иттилоот, алоқаи ҳукуматӣ, иқтисод, тиҷорат, илму техника, фарҳанг, суди конститутсионӣ ва варзишро дар бар мегиранд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, қабл аз ҳама гидроэнергетика, ҳамоно аз самтҳои афзалиятдори ҳамкории иқтисодии ду кишвар арзёбӣ гардид, зеро 90 фоиз дастгоҳҳои техникии нерӯгоҳҳои барқи обии Тоҷикистон дар Украина сохта шудаанд.

Ҳар ду ҷониб ба ҷалби сармоягузорони Украина ба бунёди корхонаҳои муштараки саноатӣ, аз ҷумла доир ба истеҳсоли трактору дигар мошинолоти кишоварзӣ, таҷҳизоти гуногуни барқӣ, истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ дар Тоҷикистон изҳори ҳавасмандӣ карданд.

Боздиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз шаҳри Днепропетровски Украина, шиносоии ӯ бо кори Корхонаи мошинсозии «Южмаш Бюро»-и конструктории Южное, Корпоратсияи «Агросоюз» ва Донишгоҳи миллии кӯҳкории Украина басо пурсамар буд.

Дар толори маҷлисии Донишгоҳи миллии кӯҳкории Украина Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин бо донишҷӯёни тоҷик ва дигар тоҷикону тоҷикистониёни муқими Украина мулоқот намуда, ба суолу дархостҳои сершумори онҳо посух дод.

Чунонки аён гардид, донишҷӯён аксаран бо ҳисси баланди ифтихори миллию ватандӯстӣ ва масъулияти волои ватандорӣ баҳри омӯзиши илму техникаи муосир, технологияҳои пешқадам ва забонҳои хориҷӣ камари мустаҳкам бастаанд.

Рӯзҳои 19 ва 20 – уми декабр Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаҳои Сарони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё, ки дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия ҷараён доштанд, иштирок намуд.

Дар ҳошияи ин ҳамоишҳо Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти тозаинтихоби Ҷумҳурии Қирғизистон Алмазбек Атамбаев мулоқот намуда, доир ба таҳким ва густариши минбаъдаи муносиботи дӯстӣ, ҳусни ҳамсоягӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи ду кишвар гуфтугӯйи судманд анҷом дод.

Тасмимгириҳои ҷиддӣ доир ба роҳҳои густариши муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалии кишвар, ҳамчунин зимни сафарҳои роҳбарон ва намояндагони воломақоми давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои бонуфузи ҷаҳонию минтақавӣ дар Тоҷикистон зиёд буд.

Зимни сафари расмии Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Медведев ба Тоҷикистон, ки 2 сентябр сурат гирифт, шарикии стратегӣ ва иттифоқчигии ду кишвар бори дигар таъкид гардид.

Зимни мулоқоту музокироти расмии сатҳи олии Тоҷикистону Россия Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт: - «Ҳамкорӣ бо Россия дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мақоми махсус дорад ва кишвари мо ба рушди минбаъдаи ҳамгирой бо он таваҷҷуҳи афзалиятнок зоҳир менамояд».

Дмитрий Медведев дар навбати худ мулоқотҳои пайвастаи сатҳи олии сиёсии ду кишварро омили рушди муносиботи дуҷониба номида, аз 12 фоиз дар соли 2010 афзудани ҳаҷми мубодилоти молу маҳсулот изҳори қаноатмандӣ намуд. Ҳамчунин таъкид гардид, ки ин тамоюли нек имсол низ идома дорад.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки ҳоло беш аз 160 корхонаи муштарак бо иштироки шарикон аз Россия дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон, аз ҷумла гидроэнергетика, геология, сохтмон, саноати коркарди чӯб, дорусозӣ, ресандагӣ ва ғайра фаъолияти босамар доранд. Иттилоъ дода шуд, ки соли гузашта ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим аз Федератсияи Россия ба Тоҷикистон ба 110 миллион доллари амрикой расид.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон, ҳамчунин бо минтақаҳои гуногуни Федератсияи Россия беш аз 75 созишномаи муҳими ҳамкорӣ ба имзо расондааст. Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба ҳамгироии минбаъдаи миёни сохторҳои низомӣ, марзбонӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ дар Федератсияи Россия, робитаҳои илмию маърифатӣ ва фарҳангӣ сурат гирифт.

Миёни ду давлат чанд санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид, аз ҷумла Барномаи ҳамкории иқтисодӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия барои солҳои 2011-2014, протоколҳо оид ба ҳамкории сарҳадӣ миёни Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералии амнияти Федератсияи Россия, Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкории сарҳадӣ ва Баёнияи муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Федератсияи Россия.

Ғайр аз ин, рӯзҳои аввали моҳи сентябри соли 2011 шаҳри Душанбе макони баргузории ду ҳамоиши муҳими минтақавӣ - мулоқоти сеюми Сарони давлатҳои «Чоргонаи Душанбе» ва ҳамоиши навбатии Сарони давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ҳамчунин ташрифи расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод гардид.

Рӯзи 2 сентябр барои иштирок дар мулоқоти сеюми Сарони давлатҳои «Чоргонаи Душанбе» роҳбарони давлатҳои ин бастаи минтақавӣ: Афғонистон - Ҳомид Карзай, Покистон - Осиф Алӣ Зардорӣ, Россия - Дмитрий Медедев ва Тоҷикистон - Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе ба ҳам омаданд.

Дар мулоқот масоили ҳамкории минтақавии чор давлат дар Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ баррасӣ шуд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистону Афғонистон ва Покистону Федератсияи Россия метавонанд дар ин бастаи чоргона ҳамкории босамари амниятӣ, нақлиётию коммуникатсионӣ, энергетикӣ ва иқтисодию тиҷоратии ба манфиати кулли кишварҳои минтақа равонагашта дошта бошанд.

Аз фаъолияти гурӯҳи кории чоргона оид ба ҳамкории иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва корҳои идомадошта доир ба таҳияи нақшаи мушаххаси тадбирҳои муштарак изҳори қаноатмандӣ карда шуд

Иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои минтақавии зербиной доир ба бунёди роҳу пулҳо, нақбҳо, нерӯгоҳҳои барқи обӣ, хатҳои интиқоли нерӯи барқ ва ба ин восита мусоидат ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии мардуми Афғонистон низ аз мавзӯъҳои асосии сӯҳбат буд.

Баъди анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ Эъломияи муштарак аз натиҷаҳои мулоқоти сеюми «Чоргонаи Душанбе» ба имзо расид.

Зимни нишасти матбуотӣ Сарони давлатҳо аз натиҷаҳои мулоқоти навбатӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, ҳавасмандии кишварҳои худро ба идома ва густариши ҳамкорӣ дар ин баста таъкид намуданд.

Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Медведев бори дигар ҳавасмандии кишвари худро ба иштирок дар татбиқи амалии лоиҳаҳои зербиноии минтақавӣ, аз ҷумла лоиҳаи бунёди хати баландшиддати барқии «КАСА-1000», ки барои интиқоли нерӯи барқ аз Тоҷикистону Қирғизистон ба Афғонистону Покистон пешбинӣ шудааст, таъкид намуд.

Масоили ҳамкории минтақавии Тоҷикистон дар мулоқоти сеҷонибаи Сарони давлатҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон - Эмомалӣ Раҳмон, Ҳомид Карзай ва Осиф Алӣ Зардорӣ низ баррасӣ шуд.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони давлатҳои Афғонистону Покистон Ҳомид Карзай ва Осиф Алӣ Зардорӣ ҳамчунин мулоқотҳои судбахши дуҷониба анҷом дод.

Дар вохӯрӣ бо Ҳомид Карзай, аз ҷумла зикр гардид, ки тайи панҷ соли охир ҳаҷми мубодилоти молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Афғонистон ба туфайли ифтитоҳи пулҳои мошингарди пайвандсози ду кишвари дӯст 20 баробар афзоиш ёфт. Дар ин росто, зарурати пурра ба истифода додани хати интиқоли барқи «Сангтӯда - Кундуз – Пулихумрӣ» ва фаъол намудани гузаргоҳҳои иловагии сарҳадӣ миёни ду кишвар, аз ҷумла гузаргоҳҳои «Кокул - Ойхонум ва Калдор – Айвач» таъкид гардид.

Дар шаҳри Душанбе бо иштироки Сарони ду давлати дӯсту ҳамсоя Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳомид Карзай бинои нави Сафорати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар Тоҷикистон ифтитоҳ ёфт.

Зимни сухбат бо Осиф Алӣ Зардорӣ аз рушди босуботу босуръати ҳамкории Тоҷикистону Покистон, ки солҳои охир ба назар мерасад, изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Барои густариши минбаъдаи равобити судманд, рушди тиҷорати дуҷониба, бунёди корхонаҳои муштараки саноатӣ, ҷалби васеи соҳибкорон ва муҳайё намудани фазои мусоиди сиёсию ҳуқуқӣ ба онҳо фаъолияти бештару босамари Комиссияи муштараки ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва тавсиаи заминаи қарордодию ҳуқуқӣ зарур шумурда шуд.

Баъди анҷоми мулоқот Сарони ду давлат – Эмомалӣ Раҳмон ва Осиф Алӣ Зардорӣ ба шаҳраки дипломатии шаҳри Душанбе ташриф оварда, якҷоя бо гузоштани санги асос ва нома ба наслҳои оянда ба бунёди бинои нави Сафорати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз бахшиданд.

3 сентябр дар шаҳри Душанбе ҷаласаи навбатии Шӯрои Сарони давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид.

Барои ширкат дар ин ҷаласа ба Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Арманистон Серж Саргсян, иҷрокунандаи вазифаи Президенти Ҷумҳурии Молдова Мариан Лупу, Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Медведев, Президенти Туркманистон Гурбонгули Бердимуҳаммадов, Президенти Украина Виктор Янукович, Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Роза Отунбоева ва сарвазирони Беларус, Озарбойҷон ва Ӯзбекистон ба Тоҷикистон ташриф оварданд.

Дар ҷаласа, ки таҳти раёсати Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷараён гирифт, беш аз даҳ масъалаи муҳим, аз ҷумла маърӯзаи таҳлилии «Натиҷаҳои фаъолияти 20 - солаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва вазифаҳои он барои дурнамо», Барномаи ҳамкорӣ доир ба муқовимат ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ барои солҳои 2012-2014, Нақшаи чорабиниҳои асосӣ доир ба татбиқи Консепсияи рушди минбаъдаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ғайра баррасӣ ва қарорҳои дахлдор қабул гардид.

Дар ҳошияи ин ҳамоиш Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Туркманистон Гурбонгули Бердимуҳаммадов, Президенти Украина Виктор Янукович, Президенти Ҷумҳурии Арманистон Серж Саргсян ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Роза Отунбоева мулоқотҳои судманди дуҷониба анҷом дод.

Рӯзи 4 сентябр ба Тоҷикистон бо сафари расмӣ Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод ташриф овард.

Зимни мулоқоту музокироти расмӣ, ки дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» баргузор гардид, сарони ҳар ду давлати ҳамзабон ҳавасмандии худро ба густариши робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи бар шарикии табиии стратегӣ асосёфта таъкид намуданд.

Миёни Тоҷикистону Эрон се санади нави ҳамкорӣ - Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати нерӯи Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ёддошти тафоҳуми иловагии ҳамкорӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба иҷрои бозсозии нақби «Истиқлол» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Баёнияи муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба имзо расид.

5 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод ба мавзеи сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» ташриф оварда, чархаи якуми онро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба кор даромадани навбати якуми чархаи нерӯгоҳи мазкурро тӯҳфаи пурарзиши роҳбарият ва мардуми Эрон ба мардуми Тоҷикистон дар рӯзҳои таҷлили солгарди 20 - уми Истиқлолияти давлатии кишвари азизи мо арзёбӣ намуда, изҳори боварӣ кард, ки дар ояндаи наздик бародарони эронӣ ба бунёди Нерӯгоҳи барқи обии «Айнӣ» дар болои рӯди Зарафшон шурӯъ намуда, иштироки худро дар татбиқи дигар лоиҳаҳои бузурги Тоҷикистон вусъат медиҳанд.

Маҳмуди Аҳмадинажод андешаҳои Эмомалӣ Раҳмонро таъйид намуда, аз ҷумла изҳор дошт: - «Пешрафту шукуфой, иззату эҳтиром ва амнияту суботи Тоҷикистонро мо пешрафту шукуфой, иззату эҳтиром ва амнияту суботи Эрон мешуморем».

Изҳори боварӣ карда шуд, ки Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» то охири соли равон пурра ба кор даромада, дар таъмини кифояти нерӯи барқ ба мардумиТоҷикистон саҳми намоён мегузорад. Зикр гардид, ки бо пурра фаъол гардидани ин нерӯгоҳ истеҳсоли солонаи нерӯи барқ дар Тоҷикистон 1 миллиард кВт/с афзун мешавад.

27 ва 28 октябр Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко бо сафари расмӣ дар Тоҷикистон қарор дошт.

Зимни баррасиии масоили ҳамкории бисёрҷанба Тоҷикистону Беларус ҳавасмандии устувори худро ба густариши робитаҳои мутақобилан судманд таъкид намуданд.

Аз ҳамкории босамари Тоҷикистон, аз ҷумла бо корхонаҳои саноатии БелАЗ, МАЗ ва МТЗ – Беларус изҳори қаноатмандӣ карда шуд. Изҳори боварӣ карда шуд, ки дар ояндаи наздик дар Тоҷикистон корхонаи муштарак барои ҷамъу истеҳсоли тракторҳо ва мошинолоти кишоварзии сохти Беларус ва марказҳои минтақавии хизматрасонию фурӯши онҳо, аз ҷумла ба кишварҳои дигари минтақа, ба фаъолияти босамар шурӯъ менамоянд.

Ҳавасмандӣ, ҳамчунин ба густариши ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ таъкид гардид.

Баъди анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ дар ҳузур ва бо иштироки Сарони ду давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Александр Лукашенко ҳафт санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид:

Баёнияи муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Беларус;

Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус дар бораи ҳамкории дарозмуддат барои солҳои 2011-2020 ва Барномаи байнидавлатии ҳамкории иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус барои солҳои 2011-2020;

Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Беларус оид ба фаъолияти муваққатии меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Беларус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Созишнома дар бораи ҳамкорӣ миёни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати иқтисоди Ҷумҳурии Беларус;

Созишнома дар бораи пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ миёни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати ҳолатҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Беларус;

Созишнома дар бораи ҳамкорӣ миёни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Беларус;

Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи сиёсати ҷавонон миёни Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Беларус.

Сарони ду давлат мулоқоту музокироти дуҷонибаро пурсамар номида, ба дурнамои ҳамкории ду кишвари дӯст баҳои баланд доданд.

Барои баррасии муфассал ва тасмимгириҳои муҳим Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон давоми соли 2011 дар шаҳри Душанбе, ҳамчунин як зумра намояндагони воломақоми кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои соҳибнуфузи минтақавию ҷаҳониро ба ҳузур пазируфт. Аз ҷумла мулоқотҳо бо ёвари Котиби давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Америко оид ба масъалаҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ Роберт Блейк, Намояндаи махсуси маъмурияти Иёлоти Муттаҳидаи Америко оид ба Афғонистон ва Покистон Марк Гроссман, Котиби давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Америко Ҳиллари Клинтон, Раиси Маҷлиси Шӯрои Исломии (Парлумони) Ҷумҳурии Исломии Эрон Алӣ Лоринҷонӣ, муовини аввали Раисҷумҳури Ҷумҳурии Исломии Афғонистон маршал Муҳаммад Қасим Фаҳимхон, ҳайати Гурӯҳи дӯстии «Фаронса - Осиёи Марказӣ» - и Сенати Ҷумҳурии Фаронса, Гурӯҳи вакилони Бундестаги (Парлумони федеролии) Германия оид ба Осиёи Марказӣ, узви Шӯрои давлатӣ, Вазири амнияти ҷамъиятии Ҷумҳурии Халқии Хитой Мэн Ҷянчу, Раиси амалкунандаи Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо - Вазири корҳои хориҷии Литва Аудронюс Ажубалис, гурӯҳи калони соҳибкорони Ҷумҳурии Исломии Покистон, директори Бонки Умумиҷаҳонӣ оид ба Стратегия ва Амалиёт дар минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ Теодор Алерс (16 сентябр), ҳайати бонуфузи соҳибкорони Арабистони Саудӣ, ҳайати ҳукуматӣ-ҳизбии Ҷумҳурии Халқии Хитойро, ки бо сарварии намояндаи воломақоми мақомоти марказии ин кишвар Чжоу Юнкан ташриф оварда буд, бо натиҷаҳои пурарзиш анҷом ёфтанд.

Зимни боздиди ҳайати ҳукуматӣ-ҳизбии Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шаҳри Душанбе се санади нави ҳамкорӣ - Созишномаи ҳамкорӣ миёни ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон ва ҳизби коммунистии Ҷумҳурии Халқии Хитой, Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ - техникӣ ва Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба имзо расид.

Тибқи созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ - техникӣ ба Тоҷикистон дар ҳаҷми 120 миллион юан, ки тақрибан баробар ба 20 миллион доллари амрикой аст, кӯмаки бебозгашти техникӣ расонда мешавад.

31 октябр ва 1 ноябр пешвои исмоилиёни ҷаҳон Карим Оғохони IV дар Тоҷикистон қарор дошт.

Бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва пешвои исмоилиёни ҷаҳон Карим Оғохони IV Меҳмонхонаи нӯҳошёнаи панҷситорадори «Серена»-и Душанбе мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки бо харҷи беш аз 266 миллион сомонӣ бунёд ёфтааст. Меҳмонхона бо меъёрҳои навтарини ҷаҳонӣ сохта шуда, дорои 85 утоқи истиқоматӣ, аз ҷумла утоқҳои бузурги барҳаво барои қабули роҳбарони давлатҳо ва меҳмонони дигари воломақом мебошад.

Дар маҷмӯъ, маҳаки асосии сиёсати хориҷӣ ва ҳам дохилии давлати Тоҷикистонро расидан ба се ҳадафи стратегӣ – истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва амнияти озуқавории кишвар ташкил медиҳад.

Самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷӣ ва роҳҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ беҳсозии фазои сиёсию ҳуқуқии соҳибкорию сармоягузорӣ, аз ҷумла дар Паёми Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зимни машваратҳои Сарвари давлат бо аъзои Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Шӯрои миллии рушд ва дигар иттиҳодияҳо, ки ба чанде аз онҳо, ҳамчунин намояндагони давлатҳою созмонҳои хориҷии мададрасони Тоҷикистон аъзо мебошанд, муайяну мушаххас мегарданд.

Бояд таъкид дошт, ки татбиқи амалии ин ҳадафҳо чӣ дар сатҳи умумидавлатӣ ва чӣ дар маҳалҳо таҳти таваҷҷуҳи доимӣ ва назорати Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Бо ин мақсад давоми сол Сарвари давлат зимни 18 сафари дохилӣ аз 34 шаҳру ноҳияҳои кишвар дидан карда, бо вазъи зиндагии мардум аз наздик шиносой пайдо намуд.

Нахустин сафари дохилии Президенти кишвар 15 феврал дар мавзеи Гаровтии ноҳияи Ҷиликӯли вилояти Хатлон ҷараён гирифт.

Барои мулоқот бо Президенти мамлакат дар ин ҷо раисони ҷамоатҳо ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, кормандони масъули сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявии соҳаҳои кишоварзӣ ва мелиоратсияву обрасонӣ, соҳибкорони фаъол, роҳбарияти бонкҳою созмонҳои қарздиҳанда ва шумораи зиёди аҳолии деҳоти Гаровтӣ ҷамъ омада буданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва ҳар як нафари барои иштирок дар ин мулоқот ҷамъомада дар мавзеи боғи навбунёд навниҳолҳо шинонда, ба бунёди он оғози дастаҷамъона бахшиданд.

Хотирасон бояд намуд, ки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз дӯстдорони қалбии табиати биҳиштосои Тоҷикистон, ҳар ваҷаб хоки зархез ва обу ҳавои руҳнавози Ватани азизи худ буда, ҳар сол бо иштироки бевоситаю фаъолонаи худ ба мавсими нави ниҳолшинонӣ, бунёди боғҳои нав, барқарорсозии боғу токзори кӯҳна ва умуман корҳои ободонию созандагӣ вусъати тоза мебахшад.

Ҳамин тариқ, бо дастуру ҳидоятҳо, дастгирии моддию маънавӣ ва раҳнамоии Сарвари давлат ҳар сол дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони биҳиштосо, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар майдони ҳазорҳо гектар боғу токзори нав бунёд ёфта, боғҳои кӯҳна барқарор мешаванд. Дар зарфи се соли оянда дар кишвар бояд дар майдони 50 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд ёбад.

Мавриди зикри хос аст, ки тамоми ҷараёни корҳои ободонӣ бо иштирок ва ҳидояти бевоситаи олимону мутахассисони соҳа ва бо назардошти иқлим, обу хок ва шароити хоси ҳар як мавзею минтақаи кишвар ба роҳ монда мешавад.

Чунонки маълум шуд, қисмати зиёди замини қаблан обии мавзеи Гаровтии ноҳияи Ҷиликӯл бо сабаби нарасидани барқ ва оби кишоварзӣ давоми 15-20 соли охир аз истифода дур монда буд.

Он рӯзҳо бо ташаббуси Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва дастуру ҳидоятҳои ӯ ин мавзеъ аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ дубора обшору обод ва мавриди истифодаи васеи кишоварзию саноатӣ қарор гирифта, боиси шодию нишот ва сипосу қадрдонии аҳолии Гаровтӣ гардид.

Тавре иттилоъ дода шуд, дар давоми ду сол дар ин ҷо 4,5 ҳазор гектар замин дубора мавриди обёрӣ ва баҳрабардорӣ қарор мегиранд ва барои беш аз 14 ҳазор кас ҷойи корӣ муҳайё мегардад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зикр намуд, ки барои бо қувваи корӣ таъмин намудани хоҷагиҳои ин мавзеъ дар ин ҷо бояд ба 2,5 ҳазор оила барои сохтмони манзили истиқоматӣ замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шавад.

Тавре ки зикр гардид, соҳибкорони ватанӣ бо ҳидояти Сарвари давлат барои истифодаи пурсамар аз заминҳои нави ин мавзеъ, муҳайё намудани ҳазорҳо ҷойи нави корӣ ва бо заҳмати фоидаовар таъмин кардани аҳолӣ камари ҳиммат мустаҳкам бастаанд ва барои ин техникаю мошинолоти зиёди кишоварзиро низ сафарбар намудаанд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз мурочиату даъватҳои қаблии худ ёдовар шуда, деҳқонону мутахассисони соҳаро ба истифодаи пурсамар аз ҳар рӯзи офтобӣ ва ҳар ваҷаб замини корам, пеш аз ҳама заминҳои обӣ даъват намуд. Таъкид гардид, ки барои таъмини фаровонӣ ва арзонӣ дар бозори истеъмолии кишвар ва кам кардани таъсири манфии омилҳои берунӣ бояд истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ бо истифода аз тамоми имконоти мавҷуда зиёд карда шавад. Ба гуфти Сарвари давлат имкони бамаротиб зиёд кардани иқтидори содиротии вилоят ва умуман Тоҷикистон мавҷуд аст.

Тавре зикр гардид, соли 2011, асосан, соли натиҷагирӣ аз дастовардҳои 20 соли истиқлолияти давлатӣ буда, корҳои созандагию бунёдкорӣ ва ободонии кишвар дар арафа ва рӯзҳои таҷлили солгарди 20 – уми ин неъмати бебаҳо ва ҳамчунин баъд аз он вусъати бесобиқа пайдо намуд.

(Идома дар саҳ. 4)

# ТОҶИКИСТОНИ МУСТАҚИЛ 20 - СОЛА ШУД

**(Идома аз саҳ. 1, 3)**



Ин аст, ки дар соли 2011 садҳо иншооти нави иҷтимоию иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва варзишию сайёҳӣ мавриди истифода қарор гирифта, ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ муҳайё гардид. Сохтмони садҳо иншооти дигар дар ин сол оғоз ёфт, ки дар онҳо боз ҳазорони дигар бо кору маоши хуб таъмин хоҳанд шуд.

Қисмати аз иншооти навбунёд, аз ҷумла дар рӯзҳои таҷлили ҷашнҳои умумидавлатӣ ва зимни сафарҳои дохилии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба манотиқи Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, ба бунёди иншооти зиёди дигар оғоз бахшида шуд.

Фазои идонаи таҷлили солгарди 20 - уми Истиқлолияти Тоҷикистон тамоми сол, бахусус дар рӯзҳои дигар ҷашну идҳо баръало эҳсос мегардид, аз ҷумла дар рӯзҳои ҷашни Наврӯзи хуҷастапай.

Рӯзи 19 март дар арафаи таҷлили Наврӯзи оламафрӯз Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мулоқоти хешро чун анъанаи накӯи наврузӣ бо намояндагони сершумори зиёиёни кишвар анҷом дод.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аҳли илму фарҳанг ва маорифи кишварро «нерӯи ақлонӣ ва ҳомии забон, таърих ва адабу фарҳанги мо» арзёбӣ намуда, онҳоро ба таълиму тарбияи шоистаи насли наврас дар рӯҳияи хештаншиносӣ, ифтихору сарфарозӣ аз таърих у фарҳанги волои бостонӣ, истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва тарғибу ташвиқи ғояҳои ваҳдату ягонагии миллӣ, бунёдкорию созандагӣ ва ободгарии Ватани азиз ҳидоят намуд.

Нимаи дуюми ҳамон рӯз бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷмааи истеҳсолии Ширкати «Ёқут – 2000» як коргоҳи дӯхти либоси кӯдакона ва мактабӣ ба кор даровarda шуда, ба сохтмони ду коргоҳи дигар доир ба дӯхти пойафзол ва истеҳсоли мебел оғоз бахшида шуд.

Чунонки иттилоъ дода шуд, дар коргоҳи нави дӯзандагӣ 240 нафар бо кори доимӣ таъмин гардидааст. Ҳамагӣ дар ин маҷмааи истеҳсолӣ он вақт 720 нафар ба таври доимӣ фаъолият мекарданд.

Тавре иттилоъ дода шуд, Ширкати «Ёқут – 2000» бо Агентии таъмини амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории босамар ба роҳ монда, тамоми сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро бо либосҳои махсуси хушсифат таъмин мекунад. Дар ин корхона намунаи ибратбахши шарикии идораҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ ба назар мерасад, зеро ҳам маблағҳои буҷетӣ аз кишвар берун намеравад, ҳам дастгирии истеҳсолкунандаи ватанӣ сурат мегирад, ҳам ҷойҳои нави корӣ муҳайё гардида, аз ҳисоби андозсупорӣ даромад ба буҷети давлат афзун мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз коргоҳҳои истеҳсолии фаъолияткунандаи ин маҷмаа дидан намуда, дар саҳни ҳавлии он санги асос ва нома ба наслҳои оянда гузошт ва ба сохтмони ду коргоҳи дигар, ки яке барои истеҳсоли мебел ва дигаре барои дӯхти пойафзол пешбинӣ шудаанд, оғоз бахшид. Тавре зикр гардид, дар ду корхонаи нав, ки дар мӯҳлати кӯтоҳ бунёд хоҳанд ёфт, барои 1000 нафари дигар ҷойи нави корӣ муҳайё мегардад.

Сарвари давлат Эмомалӣ РАҲМОН пешниҳод намуд, ки толори тарабхонаи «Ёқут – 2000» низ ба як коргоҳи нави дӯзандагӣ бо 300 ҷойи корӣ табдил дода шавад. Пешниҳод пазируфта шуд.

Бегоҳии рӯзи 19 март Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар кӯчаи Карамови шаҳри Душанбе ба бунёди як маҷмааи бузурги варзишӣ, ки аз се қаср –умумиварзишӣ, теннис ва варзиши обӣ иборат хоҳад буд, оғоз бахшид.

Зимни шиносоӣ бо лоиҳаи маҷмааи варзишӣ, аз ҷумла зикр гардид, ки қасри умумиварзишӣ дар масоҳати 5,7 га доман паҳн карда, дорои 4 ҳазор ҷойи нишаст хоҳад буд. Қасри теннис бошад, дорои корти калон бо 3 ҳазор ҷойи нишаст дар атрофаш ва 8 корти хурд барои машқу тамрин мешавад. Қасри варзиши обӣ бо ду ҳавзи шиноварӣ - яке 25x52 метр ва дуввумӣ 25x30 метр пешбинӣ шуда, мутобиқ ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ бунёд хоҳад ёфт.

Тантанаҳои ҷумҳуриявии ҷашни Наврӯзи хуҷастапай рӯзи 21 март бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Ипподроми пойтахт, ки он рӯз «Наврӯзгоҳ» номгузорӣ шуд, баргузор гардид.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз намоишгоҳи маҳсули ҳунарҳои мардумӣ ва корхонаҳои истеҳсолии кишвар, ки ҳама бо рамзу нишон ва ороишоти наврӯзӣ оро ёфта буданд, дидан карда, базму тараби идонаро бо аҳли завқу эҷод бо ҳам дид.

Месазад таъкид намуд, ки ин намоишгоҳ ба масофаи қариб 1,5 км аз чорроҳаи хиёбонҳои Исмоили Сомонию Ҳофизи Шерозӣ то ба даромадгоҳи «Наврӯзгоҳ» тӯл кашида буд.

Сари ҳар қадам қатори дегҳои ҷӯшони хӯрокҳои лазизи наврӯзӣ, аз қабили суманак, хӯришҳои алафӣ аз гиёҳҳои шифобахш, оши бурида, оши палав ба чашм мерасид. Тамоми хӯроку шириниҳо, ки аз ҷониби сохторҳои «Тоҷикматлубот», мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии пойтахт ва дигар шаҳру навоҳӣ омода гашта буд, ба мардум ройгон пешкаш гардид.

Аз фаровонии зару зевар, ороишоти ҷавоҳирӣ, асбобҳои гуногуни мусиқӣ, зарфҳои гуногун ва сару либоси миллии занону духтарон, маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ дар ин намоишгоҳ аён аст, ки сол ба сол дар натиҷаи ҷаҳду талошҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми заҳматкаши кишвар иқтисодиёту иҷтимоиёт рушду нумӯъ ёфта, расму ойини шӯҳратманди ниёгонамон эҳё мегарданд, сатҳи маънавиёти аҳли ҷомеа ва ҳисси ифтихору сарфарозии аҳолӣ аз давлатдории миллии тоҷикон боло меравад.

Барномаи идонаи ҷашни Наврӯзи ҷумҳуриявӣ дар «Наврӯзгоҳ»-и пойтахт бо ворид шудани Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба он оғоз ёфт.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, дар ин ҷашнгоҳи бошукӯҳ, ки баъд аз тармиму таҷдид симои нави идона гирифта буд, кулли мардуми Тоҷикистон, форсизабонони ҷаҳон ва мардуми ҳамаи кишварҳои ҷашнгирандаи Наврӯзро бо ин иди фархунда табрику таҳният гуфт.

Сипас, бори нахуст дар ин ҷашнгоҳ, ки баъди навсозӣ дорои ҳашт ҳазор ҷойи нишаст гашта буд, Наврӯзи хуҷастапай бо барномаи рангини театрикунондашудаи устодони санъату фарҳанги Тоҷикистон, бо инъикоси беҳтарин ҳунарҳои дилхушӣ, шодию нишоти наврӯзӣ, базми рақсу сурудҳои дилнавоз ва таҷассуми расму ойини шӯҳратманди ниёгонамон истиқбол гирифта шуд.

Аз 24 то 26 март тантанаҳои наврӯзӣ ва ҳавасмандгардонии мардум ба корҳои созандагию бунёдкорӣ ва ободонии кишвар бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Зафаробод, Қайроққум ва Мастчоҳи вилояти Суғд идома ёфт.

Хотиррасон бояд намуд, ки зимни ин боздид ва сафари дуюми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд, ки аз 2 то 6 август дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Айнӣ, Панҷакент, Истаравшан, Исфара, Бобоҷон Ғафуров ва Ҷаббор Расулов ҷараён гирифт, иншооти сершумори нав мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, сохтмони даҳҳо иншооти дигар оғоз ёфт.

Дар рӯзҳои ин сафарҳо нахуст дар шаҳри Чкаловск бинои секабатаи истиқоматии Гвардияи миллии Тоҷикистон ифтитоҳ гардид, дар он 81 нафар афсарони ин сохтори низомӣ соҳиби хонаҳои истиқоматӣ шуданд.

Зикр гардид, ки дар зарфи панҷ соли охир бо дастгирии Президенти мамлакат 500 нафар хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ бо хонаҳои истиқоматӣ таъмин гаштаанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки сохтмони биноҳои истиқоматӣ барои таъмини хизматчиёни ҳарбӣ ва ходимони давлатӣ бо манзили истиқоматии хизматӣ бояд идома дода шавад.

Дар шаҳри Хуҷанд ба бунёди бинои маркази нави фарҳангӣ ва қасри варзишӣ, ки яке бо ду ҳазор ва дуввумӣ бо се ҳазор ҷойи нишаст барои тамошобинон пешбинӣ шудаанд, оғоз ёфт.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки лоиҳаи маркази фарҳангиро аз нав такмил дода, дар он шароити зарурӣро барои гузаронидани чорабиниҳои байналмилалии сатҳи баланд ба эътибор бигиранд.

Дар шаҳри Қайроққум Корхонаи истеҳсоли шишаи сохтмонӣ ва зарфҳои шишагии Ширкати «Бародарони саховатманд» ва як Корхонаи муосири истеҳсоли орд бо номи «Фаровон – 1» ба кор дароварда шуд.

Дар ҷараёни боздид аз корхонаи истеҳсоли шиша, аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки корхона имкон дорад, дар як сол қариб 1,5 миллион метри мураббаъ шишаи сохтмонӣ ва 25,2 миллион дона зарфи шишагӣ истеҳсол намояд. Дар ин корхона қариб 200 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд.

Дар корхонаи орди «Фаровон – 1» бошад, ки аз ҷониби се соҳибкори ҷавон бунёд ёфтааст, 30 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ гаштанд. Ин корхона бо харҷи 3 миллиону 300 ҳазор сомонӣ бо техникаю технологияи муосири дар бозори имрӯза рақобатпазир бунёд ёфта, дар як шабонарӯз метавонад то 100 тонна орд истеҳсол намояд.

Зимни боздид Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкорони ҷавон ки кадрҳои ҷавони истиқлолияти Тоҷикистонанд арзи сипос намуда, ба онҳо дар корҳои минбаъдаашон барору комёбӣ таманно намуд.

Дар шаҳри Қайроққум бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин осоишгоҳи фароҳи «Баҳористон» баъди тармиму навсозӣ ва таҷҳиз бо шароити замонавии истироҳату солимгардонӣ дубора мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Тавре зикр гардид, дар ин ҷо барои 200 нафар ҷойи корӣ ва барои 320 кас шароити табобату фароғат муҳайё гаштааст. Осоишгоҳи мазкур дар чор фасли сол фаъолият карда, дар мавсими баҳору тобистон метавонад то 500 нафар ниёзмандони амалиёти солимгардониро фаро бигирад.

Тавре табибони ҳозиқу мутахассисони табобатгоҳи осоишгоҳ иттилоъ доданд, дар ин ҷо беш аз 40 намуд табобатҳо ба роҳ монда шудааст, аз ҷумла бо истифода аз техникаю технологияҳои замонавии электронӣ, таҷҳизоти ташхисию муолиҷавӣ ва истифода аз гиёҳҳо ва моддаҳои дигари шифобахши табиати биҳиштосои Тоҷикистон.

Дар ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ РАҲМОН бунёди як боғи нави садгектара оғоз ёфта, корхонаи ҷӯроббофии Ширкати «Хуҷанд-Инвест-Коттон» ба кор дароварда шуд.

Зимни шиносоӣ бо корхонаи ҷӯроббофии Ширкати «Хуҷанд-Инвест-Коттон», аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки он бо харҷи қариб 12 миллион сомонӣ сохта ва бо техникаю таҷҳизоти навтарини сохти италиявӣ муҷаҳҳаз гардидааст. Корхона метавонад нахи пахтаро то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намуда, аз он ҷӯробҳои мардона ва кӯдакона истеҳсол кунад. Дар ин ҷо қариб 400 нафар аз аҳолии маҳаллӣ соҳиби ҷойи кори доимӣ ва маоши беш аз 1000 сомонӣ гаштаанд, ки бештари онҳо занону духтарон мебошанд.

Месазад ёдовар шуд, ки ин даври дуюми ба кор даромадани корхонаҳои Ширкати «Хуҷанд-Инвест-Коттон» доир ба коркарди нахи пахта аст. Соли 2009 аз ҷониби ин ширкат дар ҳамкорӣ бо Ширкати «Нику – насҷ»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Хуҷанд як корхонаи ресандагӣ ба кор даромада буд. Ҷӯробҳои корхонаи ҷӯроббофии ноҳияи Зафаробод, асосан, аз риштаҳои ҳамон корхона бофта мешаванд.

Дар рӯзҳои Наврӯзи соли 2011 дар ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд корхонаи ресандагии Ширкати ба номи Олими Каримзод ба кор дароварда шуд, ки аз ҷиҳати иқтидори истеҳсолӣ ва таҷҳизоти техникӣ, бузургтарин ва муосиртарин дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

Зикр гардид, ки ин корхонаи бузург бо харҷи 130 миллион сомонӣ бунёд ёфтааст. Аз он 32 миллион маблағҳои худи Ширкати ба номи Олими Каримзод буда, боқӣ сармоягузории мустақими хориҷӣ мебошад.

Он рӯз танҳо навбати аввали корхонаи бузурги нассоҷӣ ба кор даромад, ки дар он 400 нафар аз аҳолии маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши аз 900 сомонӣ боло таъмин гардид. Корхона дар як сол метавонад то 7 ҳазор тонна нахи пахтаро коркард намояд. Дар сурати ба кор даромадани корхонаҳои бофандагӣ, рангубор ва дӯхти либос, ки дар ояндаи наздик ба нақша гирифта шудааст, шумораи коргарони ин маҷмааи нассоҷӣ ба 1400 нафар хоҳад расид. Навбати дуюми он, яъне корхонаи бофандагӣ, бояд дар соли 2012 ба кор дарояд, ки дар он боз 400 нафари дигар соҳиби ҷойи кори доимӣ хоҳанд шуд.

Тавре иттилоъ дода шуд, маҳсулоти хушсифати дар ин корхона истеҳсолшаванда дар бозори ҷаҳонӣ ва минтақавӣ рақобатпазир буда, дорои харидорони сершумор аст.

Роҳбарияти Ширкати ба номи Олими Каримзод нақша дорад, ки мавзеи ҷойгиршавии ин корхонаро ба як шаҳраки саноатӣ ва ободу зебои истиқоматӣ табдил диҳанд. Дар атрофи маҷмааи нассоҷии Ширкати ба номи Олими Каримзод барои коргаронаш биноҳои зиёди ҳозиразамони истиқоматӣ бо инфрасохтори зарурии иҷтимоӣ, аз ҷумла мактабу беморхона, боғчаи кӯдакон ва ғайра бунёд хоҳанд ёфт.

Тантанаҳои бошукӯҳи наврӯзии вилояти Суғд рӯзи 26 март бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Боғи миллии «Ваҳдат»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров баргузор гардид.

Садои карнаю сурнай, рақсу сурудҳои дилнишини мардумӣ аз ҳар гӯшаи ин боғи фарох, ки дар майдони беш аз 630 гектар доман паҳн кардааст, ба гӯш мерасид, зеро аҳли заҳмат ва ҳунармандони мардумии ҳар як шаҳру ноҳияи вилоят дар қитъаҳои гуногуни боғ барои худ базмгоҳи наврӯзӣ ороста, шодию дилхушӣ мекарданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз ҳар яки ин наврӯзгоҳҳо, ки бо расму ойин ва вижагиҳои хоси маҳалҳои гуногуни вилоят оро ёфта, ба мавзеъҳои дилнишини базму тараб табдил шуда буданд, дидан карда, бо аҳли заҳмату ҳунар ва мардуми соҳибзавқ сӯҳбат намуд.

Наврӯзгоҳи асосии вилоятӣ дар саҳни ҳавлии чойхонаи боҳашамати Боғи миллии «Ваҳдат» ороста шуд.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон сокинони меҳмоннавози вилояти бостонии Суғд ва кулли кишварро бори дигар бо гиромитарин ва муқаддастарин ҷашни миллати куҳанбунёдамон - Наврӯзи ҷамшедӣ ва Соли нави аҷдодӣ аз самими қалб табрику таҳният гуфт.

Тантанаҳои бошукӯҳи наврӯзӣ бо барномаи ҳунарии рақсу суруд, намоишҳои театрикунондашудаи устодони санъату ҳаваскорони ҷавон ва базми тарабу шодӣ идома ёфт.

Сафари дуюми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд аз мавзеи Яғноби деҳоти Анзоби ноҳияи Айнӣ оғоз ёфт.

Месазад зикр намуд, ки ин нахустин боздиди Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз ин мавзеи баландкӯҳи таърихӣ ва дорои табиати зебою дилфиребӣ Тоҷикистон буд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ин ҷо бо мардуми деҳоти кӯҳистони мавзеи Яғноб мулоқоти озоду ошкоро доир намуда, ба масъулини ҷумҳуриявию маҳаллӣ барои саҳлу сабук намудани рӯзгори ояндаи онҳо супоришҳои мушаххас дод.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла дастур дод, ки барои пурра ба анҷом расондани сохтмони 25 км роҳи боқимондаи мошингард миёни деҳоти Яғноб лоиҳа омода ва пешниҳод карда шавад ва таъкид дошт, ки ин кор аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ хоҳад шуд.

Мардуми кӯҳистони Яғноб ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини онҳо бо батареяҳои офтобии баркӣ, ки дар арафаи ин сафар дастрас гардиданд ва дигар ғамхориҳои доимӣ арзи хушнудию сипос карданд.

Дар маркази шаҳри Панҷакент бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон як ҳавзи болопӯшидаи шиноварӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки дарозию паҳноияш 25x10 метр буда, бо харҷи 500 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷетӣ бунёд ёфтааст ва дар он 25 нафар бо кор таъмин гардидаанд.

Дар шаҳри Панҷакент бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин як корхонаи нави заршӯйӣ дар назди Корхонаи муштараки «Зарафшон» мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки дар он 140 нафар аз аҳолии маҳаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин шуданд. Тавре иттилоъ дода шуд, то охири соли 2011 шумораи коргарону мутахассисон танҳо дар ҳамин корхона ба 300 нафар ва дар Корхонаи муштараки «Зарафшон» ба зиёда аз 2000 нафар хоҳад расид.

Корхонаи нави заршӯйӣ бо иқтидори ибтидоияш дар як шабонарӯз метавонад то 2 ҳазор тонна маъданро коркард намуда, аз он тилло ва дигар металлҳои қиматбаҳоро ҷудо кунад.

Тавре зикр гардид, ҳаҷми истеҳсоли тилло дар Корхонаи муштараки «Зарафшон» то соли 2013 ба 5 тонна дар як сол ва маблағи фурӯши он ба 200 миллион доллари амрикоӣ баробар хоҳад шуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Панҷакенти бостонӣ иттилоъ дод, ки доир ба лоҳакашӣ ва ҷалби сармоя барои тармиму навсозии роҳи 114- километраи мошингарди Айнӣ-Панҷакент корҳо оғоз ёфтаанд.

Дар шаҳри Истаравшан бо иштироки Сарвари давлат, пеш аз ҳама як коргоҳи нави коркарди меваю сабзавот дар Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Оби Зулол» мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки дар он бо вуҷуди технологияҳои автоматӣ 40 нафар соҳиби кор шудаанд.

Хати нави технологии Корхонаи «Оби Зулол», ки бо таҷҳизоти навтарини ҷаҳонӣ муҷаҳҳаз гаштааст, имкон дорад дар як мавсим 25 ҳазор тонна меваю сабзавотро коркард намуда, аз он афшураҳои хушлаззат истеҳсол намояд. Дар ин коргоҳ тамоми намудҳои меваю сабзавот ва тарбузу харбуза коркард мешавад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки аз ин ва дигар корхонаҳои саноати коркарди меваю сабзавот ба хориҷи кишвар на маҳсулоти нимтайёр, балки танҳо маҳсулоти тайёри ниҳоӣ содир карда шавад.

Дар маркази шаҳри Истаравшан бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон маҷмааи иншооти варзишии «Далерон» мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки аз ҷониби Ширкати хусусии «Дурдона» дар майдони 2 га бунёд ёфтааст.

Толори марказии маҷмаа, ки дарозию паҳноияш 42 х 30 м мебошад, бо зиёда аз 1000 ҷойи нишаст барои тамошобинон ҷавобгӯ ба меъёрҳои хуби байналмилалӣ аст.

Маҷмааи варзишӣ, ҳамчунин дорои корти муосири теннис бо 700 ҷойи нишаст барои тамошобинон, майдончаи футболи наврасон бо 600 ҷойи нишаст ва иншооти фароғатӣ ва ёрирасон мебошад.

Дар навбати дуюми бунёди маҷмаа дар ин ҷо, ҳамчунин толори тамрини муҳорибаҳои тан ба тан бо андозаи 18x30м, толори шиноварӣ бо ҳавзи андозаи 12,5 х 25м ё 30м сохта хоҳад шуд.

Бунёди ин маҷмааи варзишӣ дар партави сиёсати ободкориву созандагии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Шӯҳрат Қутбиддинов анҷом ёфтааст. Ин соҳибкори маҳаллӣ зимни муулоқоти Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо варзишгарони ҷумҳурӣ моҳи декабри соли 2010 ваъда дода буд, ки то солгарди 20 – уми Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон як маҷмааи бошукӯҳи варзишӣ дар шаҳри Истаравшан бунёд менамояд. Он рӯз ваъдаи ин соҳибкори баору номус иҷро шуд.

Дар варзишгоҳи марказии шаҳри Истаравшан бахшида ба 20 – умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон базму тараби бошукӯҳи идона баргузор гардид. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми сершумори ҷамъомада, ки аксаран наврасону ҷавонон буданд, мужда расонд, ки дар зарфи як соли оянда варзишгоҳи марказӣ тармиму навсозӣ шуда, дорои 20 ҳазор ҷойи нишаст хоҳад шуд.

Дар шаҳри Исфара Сарвари давлат аз Корхонаи навбунёди муштараки Тоҷикистону Россия – «Баракат», ки самти асосии фаъолияташ коркарду бастабандии меваи хушк мебошад, дидан кард.

Тавре зикр гардид, корхона аз ду хатти технологӣ иборат буда, вобаста ба таъмини ашёи хом, дар як соат метавонад аз 300 то 700 кг меваи хушкро дар бастаҳои гуногуни дилхоҳи мизоҷон бастабандӣ кунад.

Чунонки зикр гардид, ин панҷумин корхонаи хурди коркарди меваи хушк дар шаҳри Исфара мебошад ва дар он зиёда аз 110 нафар коргарон ва мутахассисон соҳиби ҷойи кор шудаанд.

Дар шаҳри Хуҷанд бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон нахуст бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Кохи боҳашамати 13- ошёнаи матбуот ва маҷмааи варзиши обӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, пайкараи бошукӯҳи асосгузори давлати бузурги тоҷикон -Исмоили Сомонӣ ифтитоҳ ёфт.

Тавре зикр гардид, бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои 3000 нафар толибилмон пешбинӣ шуда, дар он факултаҳои ҳуқуқшиносӣ, бизнесу идораи инноватсионӣ, молия ва қарз ҷойгир шудаанд.

Бинои мазкур бо харҷи 8,5 миллион сомонӣ бунёд ёфта, дорои 2 толор, 98 синфхона, аз ҷумла 7 синфхонаи компютерӣ, лингофонӣ, синфхонаҳои махсус ва лабораторияҳои фаннӣ мебошад.

Дар Кохи боҳашамати 13-ошёнаи матбуот бошад, идораҳои рӯзномаю маҷалла ва дигар воситаҳои ахбори омма ҷойгир шудаанд.

Ин бинои зебою замонавӣ, ки бо харҷи зиёда аз 20 миллион сомонӣ бунёд ёфта, дорои 200 утоқи муҷаҳҳази корӣ, 3 толори маҷлисӣ бо 25, 75 ва 200 ҷойи нишаст, 100 компютерҳо бо интернети баландсуръат пайвастшуда ва дигар шароити зарурии муосир мебошад. Дар ин бино барои шаҳри Хуҷанд ҳусну намои тоза зам намудааст.

Пайкараи асосгузори давлати бузурги тоҷикон Исмоили Сомонӣ, ки дар соҳили рости Сирдарё ба истиқболи солгарди 20 – уми Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ифтитоҳ ёфт, аз ороишоти бошукӯҳу пурифтихори Хуҷандшаҳри бостонӣ гардидааст.



Маҷмааи варзиши обӣ аз се ҳавзи болопӯшида иборат буда, дарозию паҳноии ҳавзи калонаш 50x21 аст ва ду ҳавзи хурдаш барои кӯдакону наврасон пешбинӣ шудаанд. Дар қабати дуюми ду паҳлуи толори калони ҳавзи шиноварӣ барои 1000 нафар тамошобинон ҷойҳои нишаст омода гаштаанд. Шароити дар ин ҷо муҳайёгашта барои гузарондани бисёр намуди мусобиқаҳои варзиши шиноварӣ дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқ аст.

Ин пайкараи зебо бо ороишоти атрофи он офаридаи ҳайкалтарош ва гудозгари бадеӣ Мансур Ҳоҷибоев буда, аз металли ранга сохта шудааст. Баландии худи пайкара 13 метр ва бо таҳкурсиаш 27 метр мебошад.

Маълумоти деворнигораҳои ду паҳлуи зинапояҳо ва 4 паҳлуи таҳкурсии пайкара аз ташкилёбӣ ва таърихи давлати Сомониён мухтасар ҳикоят мекунанд.

14 апрел Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ҳудуди шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат ва Норак бо рафти сохтмони роҳи мошингарди Душанбе-Данғара бо нақби Чормағзак ва роҳи оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа аз наздик шинос шуд.

Зимни боздид таъкид гардид, ки навсозии роҳи мошингарди Душанбе-Данғара қисмати якуми бунёду навсозии роҳи Душанбе – Кӯлоб - Қалъаихумб - Хоруғ - Кулма – Қароқурум буда, барои аз бунбасти нақлиётӣ раҳо намудани Тоҷикистон ва пайвастани он бо роҳҳои баҳрӣ аҳамияти стратегӣ дорад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар км 25 роҳ пули 127-метраи болои дарёи Элокро, ки бо тарҳи зебои замонавӣ бунёд ёфтааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

Зимни шиносоӣ бо рафти сохтмони қитъаи Ваҳдат-Ёвони роҳи оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа, аз ҷумла зикр гардид, ки аз оғози кор, яъне рӯзҳои ҷашни Наврӯзи соли 2009 ба маблағи 58 миллион сомонӣ корҳои сохтмону тармим анҷом ёфтаанд.

Дар ин муддат бо харҷи маблағҳои мазкур 4,2 км роҳи оҳани нав сохта шуда, 9,8 км роҳи мавҷуда тармим гардид ва ҳамчунин техникаи нав ва масолеҳи сохтмонӣ харидорӣ карда шуд. Дар масофаи 10 км дигар корҳои заминӣ доир ба буридани талу теппаҳо, тахту ҳамвор кардани роҳ ва омодагӣ ба хобондани роҳи оҳан ба анҷом расидааст. Барои таъмини суръату сифати баланди сохтмон кор дар се баст ба таври шаборӯзӣ идома дошт. Ба ин кор 44 адад техника ва 130 нафар мутахассисону коргарони маҳаллӣ сафарбар гаштаанд.

Тавре зикр гардид, бо сохта ба истифода додани он масофаи миёни пойтахти кишвар ва шаҳри Қӯрғонтеппа аз тариқи роҳи оҳан қариб 4 баробар кам шуда, ҳамагӣ 125 километрро ташкил хоҳад дод. Бо ишора ба аҳамияти стратегии ин иншоот, ҳамчунин таъкид гардид, ки роҳи оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа оянда қитъае аз роҳи оҳани минтақавии Чин-Қирғизистон-Тоҷикистон-Афғонистон ва Эрону Покистон хоҳад буд.

Зимни ин сафари корӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин бо рафти корҳо дар бунёди нақби мошингарди Чормағзак, ки ҷузъе аз шоҳроҳи Душанбе – Данғара – Кӯлоб - Қалъаи Хумб – Хоруғ – Кулма - Қароқурум аст, аз наздик шинос шуд.

Ба бунёду навсозии роҳи Душанбе-Данғара бо нақби Чормағзак 310 мошину механизми махсус ва 650 нафар мутахассису коргарон сафарбар шудаанд. 300 нафари роҳсозони нақбканон шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд, ки дар ҷараёни корҳои зиёди созандагию бунёдкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ғанӣ касб намудаанд.

Дар деҳаи Заркамари ноҳияи Файзобод бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон як мактаби боҳашамати дуошёна мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки барои 1240 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Ифтитоҳи ин мактаб боиси хушнудию сипосгузорӣ ва қадрдонии мардуми деҳоти атроф шуд, зеро то ин вақт мактаббачагони ин мавзеъ дар шароити номувофиқи таълимӣ таҳсил мекарданд.

Ба иттилои масъулин, мактаб дар зарфи ду сол бо харҷи беш аз 10 миллиону 200 ҳазор сомонӣ бо сифати баланд сохта ва бо асбобу ашё ва таҷҳизоти муосири таълимӣ муҷаҳҳаз гардонда шудааст.

Дар маркази ноҳияи Файзобод бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Осорхонаи ноҳиявӣ ва як чойхонаи миллӣ ифтитоҳ ёфт.

Зимни боздид аз Осорхонаи ноҳиявӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо осори таърихии шаҳри бостонии Вашгирд ва маҳсули ҳунарҳои мардумӣ аз наздик шинос шуд.

Чойхонаи миллӣ бошад, аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Наврӯз Бобиев бо харҷи 800 ҳазор сомонӣ бунёд ёфта, толори асосии он дар ошёнаи дуюм дорои 130 ҷойи нишаст мебошад.

Ба роҳбарияти ноҳия дастур дода шуд, ки бо ҷалби соҳибкорони баору номуси маҳаллӣ то Наврӯзи соли 2012 як корхонаи дӯзандагӣ бо 300 ҷойи корӣ бунёд намуда, барои боз ҳам зиёд намудани ҷойҳои корӣ ба мардум тадбирҳои судманди дигар низ амалӣ намоянд.

Соҳибкори маҳаллӣ Акбар Ҳакимов бо ҳидояти Сарвари давлат ӯҳдадорӣ гирифт, ки дар ноҳияи Файзобод як корхонаи бузурги ресандагӣ ва як мағозаи фурӯши тухму гӯшти мурғ ифтитоҳ менамояд.

Таъкид гардид, ки дар доираи нақшаҳои мавҷуда ва иҷрои дархостҳои мардум то охири соли 2011 татбиқи лоиҳаи расондани оби нӯшокӣ ва тармиму навсозии беморхонаи марказӣ ба поён мерасад ва барои барқарор намудани 40 чоҳи амудии обкашӣ лоиҳаи сармоягузорӣ таҳия ва қабул хоҳад шуд.

Дар деҳаи Галаботури деҳоти «Навобод»-и шаҳри Турсунзода бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ РАҲМОН як мактаби нави боҳашамати таҳсилоти миёнаи умумӣ ифтитоҳ ёфт, ки бо харҷи 4 миллиону 200 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ бунёд ёфта, бо се бинои дуошёна барои 1250 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мардуми деҳаро бо ифтитоҳи ин мактаби беҳамто дар шаҳри Турсунзода табрику таҳният гуфта, зикр намуд, ки бо назардошти афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ ҳар сол дар кишвар ба ҳисоби миёна беш аз 100 мактаби нав сохта, ба истифода дода мешавад.

Дар Корхонаи «Сомон - туронинвест», ки дар деҳаи Коммунаи деҳоти «1- май»-и шаҳри Турсунзода қарор дорад, бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон коргоҳҳои нави истеҳсоли макарон, орд, шириниию қаннодӣ ва қуттиҳо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Тавре зикр гардид, дар ин корхона 150 нафар аз аҳолии маҳаллӣ соҳиби ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб шудаанд.

Коргоҳи ордбарорӣ бо таҷҳизоти технологии сохти Туркия муҷаҳҳаз шуда, дар як шабонарӯз метавонад 100 тонна гандумро коркард намояд. Орди ин коргоҳ ҳам дар истеҳсоли 12 намуд макарон ва шириниию қаннодии ҳамин корхона истифода мешавад ва ҳам ба бозор пешниҳод мегардад.

Дар маҳаллаи 4-уми шаҳри Турсунзода Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бинои як Маркази хусусии саломатӣ ва ташхисиро ифтитоҳ намуда, ба бунёдгузори он -доктори илмҳои тиб Раҳимҷон Раҳматуллоев барои ин иқдоми накуяш арзи сипос намуд.

Тавре иттилоъ дода шуд, ин бинои сеошёна бо ҷалби сармояи ватанӣ бунёд ёфта, дорои 5 шӯъбаи табобатӣ, аз ҷумла ҷарроҳӣ ва 25 кати бистарикунонӣ мебошад. Дар ин ҷо, ҳамчунин шакли муосири ҷарроҳӣ, яъне бе буридани бадан гузаронда мешавад.

Боиси қаноатмандӣ аст, ки дар ин бино зиёда аз 40 нафар мутахассисони соҳа соҳиби ҷойи кор гардидаанд. Бо таклифи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон маркази мазкур «Вароруд» номгузорӣ карда шуд.

Дар маркази маъмурии шаҳри Турсунзода бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бинои осорхона ва китобхонаи шаҳрӣ ифтитоҳ ёфт.

Ин бино бо харҷи 6 млн. 800 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷети ҷумҳурӣ бунёду муҷаҳҳаз гардидааст.

Масоҳати умумии осорхона 600 метри мураббаъ буда, китобхона барои 40000 адад китоб пешбинӣ гардидааст. Китобхона ҳамчунин дорои шӯъбаи электронӣ бо 4,5 ҳазор нусха китоб мебошад.

Дар маҳаллаи 9-уми шаҳри Турсунзода Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон як бинои панҷошёнаи истиқоматиро мавриди истифода қарор дод, ки дар он 75 оилаи хуштолеъ соҳиби хонаҳои барҳаво гардиданд.

Ин бино, ки дорои 15 хонаи якҳуҷрагӣ ва 30 – тогӣ хонаҳои дуа ва сеҳуҷрагӣ мебошад, аз ҷониби КВД «Алюминсохтмон» бо харҷи 16 млн. сомонӣ маблағҳои КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» бунёд ёфтааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ҷойи сохтмони як корхонаи коркарди нафт санги асос бо нома ба наслҳои оянда гузошта, ба бунёди ин корхонаи ҳаётан муҳим оғоз бахшид.

Тавре зикр гардид, ин корхонаи хусусӣ хоҳад буд, ки аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Рустам Дӯстов дар майдони 10 га бунёд меёбад.

Зикр гардид, ки дар замони сохтмони ин корхона 120 нафар ва баъди ба кор даромаданаш тадриҷан то 500 кас дар ин ҷо соҳиби ҷойи кор хоҳанд шуд.

**(Идома дар саҳ. 5)**

# ТОҶИКИСТОНИ МУСТАҚИЛ 20 - СОЛА ШУД

(Идома аз саҳ. 1, 3, 4)

Корхона дар давраи аввал бо иқтидори коркарди 100 ҳазор тонна нафт дар як сол ба нақша гирифта шудааст. Минбаъд иқтидори он бояд то 200 ҳазор тонна бардошта шавад.

Таъкид гардид, ки корхона бо навтарин дастгоҳҳои технологӣ муҷаҳҳаз карда шуда, то моҳи сентябри соли 2012 ба кор дароварда шавад.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки ин корхона самараи дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёнаи хусусӣ мебошад. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки минбаъд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тақвияти дастгирии соҳибкории хурду миёнаи хусусӣ тадбирҳои судбахши иловагӣ андешида, амалӣ хоҳад кард.

Дар деҳаи навбунёди Чорбоғи ноҳияи Хуросон, ки баъди обхезии моҳи апрели соли 2009 барои осебдидагони ин офат бунёд гардида буд, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бинои як мактаби нави таҳсилоти миёнаи умумиро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод, ки барои 900 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Ин мактаби дуошёна, ки бо харҷи 7 миллион сомонӣ аз Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ёфтааст, аз 18 синфхонаи таълимӣ, аз ҷумла синфҳои муҷаҳҳази фаннӣ иборат мебошад. Синфҳои компютерию лингофонӣ бо шабакаи ҷаҳонии Интернет пайваст буда, имкон медиҳанд, ки дар робита бо мактабҳои дигари дохил ва хориҷи кишвар таҳсили фосилавӣ ба роҳ монда шавад.

Толори васеи маҷлисӣ, ошхонаи мактабӣ ва толори варзишӣ низ бо шароити хуби муосир муҷаҳҳаз гаштаанд.

Як мактаби боҳашамати сеошёнаи дигар бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Чкалови Ҷамоати деҳоти «Иттифоқ»-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Ин мактаб, ки бо харҷи 11 миллиону 221 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷетӣ ва қарзи имтиёзии Бонки Исломии Рушд бунёд ёфтааст, дорои 36 синфхона, аз ҷумла 11 синфхонаи фаннӣ, 2 синфхонаи компютерӣ, 2 синфхонаи лингафонӣ барои таълими забонҳои хориҷӣ, 1-тогӣ озмоишгоҳҳои кимиё, биология ва физика, 2 синфхонаҳои махсуси технологияи ҳунаромӯзӣ барои духтарону писарон ва китобхонаи калон мебошад.

Ин мактаби муосир, ҳамчунин дорои шифохона, ошхона, толори маҷлисӣ бо 252 курсӣ ва толори варзишӣ бо 120 ҷойи нишаст барои тамошобинон мебошад.

Аз 8 то 10 август бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ва ноҳияи Бохтару шаҳри Қӯрғонтеппа низ як зумра иншооти нав мавриди истифода қарор гирифта, сохтмони чандин иншооти дигар оғоз ёфт.

Дар маҳаллаи навбунёди Ваҳдати шаҳри Кӯлоб бинои нави мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 30 бо 240 ҷойи нишаст мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Бо омода гаштани ин бино шумораи ҷойҳои нишасти мактаб ба 1050 расид.

Хотиррасон бояд намуд, ки маҳаллаи Ваҳдат бо кӯмаки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ ва соҳибкорӣ дар як муддати кӯтоҳ барои қариб 800 оилаи бар асари сели пурдаҳшати моҳи майи соли 2010 бесарпаноҳмонда бунёд гардида буд.

Худи ҳамон рӯз дар ин маҳалла боз ду мактаби дигар ба истифода дода шуд, яке барои 970 хонанда дар ду баст ва дуввумӣ барои 2400 кас дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Яке аз онҳо мактаби дуошёнаи рақами 27 аст, ки дар зарфи 30 соли охир бо сабаби валангору садамавӣ буданаш аз истифода бозмонда буд. Ин мактаб бо ғамхории Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар муддати кӯтоҳ тармиму навсозӣ шуда, бо шароити муосири таълимӣ, аз ҷумла синфхонаҳои муҷаҳҳази фаннӣ, синфҳои компютерӣ ва ҳунаромӯзӣ таъмин гардид.

Ифтитоҳи мактаби сеюм, ки аз биноҳои зебою замонавии ду ва сеошёнаи нав иборат аст, боиси шодию нишоти бепоён ва сипосгузории мардуми маҳаллаи Ваҳдати шаҳри Кӯлоб гардид, зеро ин боргоҳи илму маърифат дорои навтарин шароити таълиму тадрис мебошад.

Бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бунёди мактаб-интернати боҳашамати президентӣ, ки барои 1280 хонандаи хушлаёқат дар ду баст пешбинӣ шудааст, оғоз ёфт.

Иттилоъ дода шуд, он аз бинои сеошёнаи таълимӣ, хобгоҳ барои 400 нафар хонанда, ду бинои нӯҳошёнаи истиқоматӣ бо 60 хона барои омӯзгорон дар майдони 6 га дар зарфи ду соли оянда бунёд меёбад.

Ифтитоҳ ёфтани ду бинои нав дар Коллеҷи омӯзгорӣ, ки дорои шароити муосири таълиму тадрис ва таҷрибаомӯзии касбӣ мебошанд, низ боиси хушнудию сипоси аҳли илму маърифати шаҳри Кӯлоб гардид.

Дар маркази шаҳри Кӯлоб бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон як коргоҳи дӯзандагӣ ба фаъолият оғоз кард, ки дар он 600 нафар занону духтарони маҳаллӣ дар ду баст бо кори доимӣ таъмин гардидаанд.

Роҳбарияти корхонаи дӯзандагӣ бо ҳидояти Сарвари давлат ӯҳдадор шуд, ки то охири соли равон як коргоҳи дӯхти пойафзол кушода, дар он 300 нафарро бо кор таъмин намоянд. Онҳо бо пайравӣ аз сиёсати бунёдкоронаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин қавл доданд, ки соли оянда боз як коргоҳи истеҳсоли макарон бунёд намуда, дар он 150 нафарро ба кор қабул хоҳанд кард.



Зимни боздиди Сарвари давлат аз Корхонаи паррандапарварии ноҳияи Мӯъминобод иттилоъ дода шуд, ки чӯҷаҳои гӯштии ин корхона дар 45 рӯз 2 - 2,5 кг вазн гирифта, барои забҳ омода мешаванд. Он рӯз дар корхона 13800 сар мурғи гӯштӣ барои забҳ омода буд ва ҳар рӯз аз ин ҷо аз 800 то 1000 мурғ ё худ 2 тонна гӯшти парҳезии парранда ба бозор пешниҳод мегардад. Дар ин корхона 62 нафар аз аҳолии маҳаллӣ бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гаштаанд.

Аҳли заҳмати корхона 8 мурғхонаро пурра тармиму омода карда, азм доранд, ки саршумори паррандаро ба 150 ҳазор сар расонанд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои амалӣ шудани ин ҳадаф ба масъулин супориш дод, ки ба ин корхона заминҳои иловагӣ ва қарзи бонкии имтиёзнок ҷудо намоянд.

Тибқи супоришҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон корҳои созандагӣ дар ноҳияи Мӯъминобод авҷ мегиранд. Аз ҷумла то Наврӯзи соли 2012 обкашҳои баркии оби кишоварзӣ барқарор мешаванд, дар давоми ду соли оянда норасоии оби ошомиданӣ дар ноҳия бартараф мегардад, майдони кишти картошка дар соли 2012 ду баробар афзун мегардад, соли 2012 барои навсозии шифохонаи вилоятии беморихои сил дар ноҳияи Мӯъминобод ва бинои истиқоматии дорои 40 хона барои табибони ин шифохона аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои зарурӣ ҷудо мегардад, роҳҳои дохилии маркази ноҳия тармиму навсозӣ мешаванд ва барои ба 150 ҳазор адад расондани саршумори мурғи гӯштӣ дар Корхонаи паррандапарварии ноҳияи Мӯъминобод ба он 3 миллион сомонӣ қарзи дарозмуддати имтиёзии давлатӣ ҷудо мегардад.

Дар шаҳраки маркази ноҳияи Ховалинг бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон як толори варзишӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки дорои шароити машқу тамрини намудҳои гуногуни варзиш ва 100 ҷойи нишаст барои тамошобинон аст.

Тавре иттилоъ дода шуд, бо супориши Сарвари давлат барои толори варзишӣ, майдони калони варзишӣ, майдони гӯштингирӣ ва ҳавзи шиноварӣ 6 га замин ҷудо карда шуда, сохтмони ин иншооти боҳашамати варзишӣ муташаккилона идома дорад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки шароити варзишӣ, бо назардошти талаботи мусобиқаҳои ҷумҳуриявию минтақавӣ, бунёду муҳайё карда шаванд.

Иншооти боҳашамати дигари ҷашнӣ, ки дар маркази ноҳияи Ховалинг бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ ёфт, Қасри фарҳанги ноҳия аст, ки тӯҳфаи арзанда барои аҳли фарҳанг ва санъат арзёбӣ гардид.

Дар ноҳияи Ховалинг Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки барои барқарорсозӣ ва инкишофи минбаъдаи шабакаҳои оби нӯшокӣ ва кишоварзӣ, аз худ намудани 400 га заминҳои нав, васеъ кардани майдони кишти картошка ва ҳамчунин баҳри ободонии бештару рушди инфрасохтори сайёҳӣ чораҳои зарурӣ амалӣ карда шаванд.

Дар маркази ноҳияи Балҷувон бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бинои нави комиссариати ҳарбии ноҳия, ки бо тамоми шароити зарурӣ бунёд ёфтааст ва дар деҳаи Сари Мазори деҳоти «Саталмуш» як чойхонаи зебои миллӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Дар ин ноҳия дастур дода шуд, ки рафти татбиқи се барномаи давлатии рушди ноҳияи Балҷувон, аз ҷумла барои барпо намудани инфрасохтори истироҳату сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад ва нисбати сохторҳою нафароне, ки вазифаҳои худро иҷро накардаанд, хулосаҳои зарурӣ бароварда шаванд.

Дар деҳоти «Сари Хосор»-и ноҳияи Балҷувон се иншооти муҳими иҷтимоию фарҳангӣ ифтитоҳ ёфт.

Дар ноҳияи Бохтар бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон нахуст Литсейи президентии хонандагони болаёқат, ки дар мавзеи зебои соҳили дарёи Вахш ҷойгир шудааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Ин мактаби боҳашамат дорои як бинои сеошёнаи таълимӣ барои 660 нафар хонандаи болаёқат дар як баст, ду хобгоҳи чорошёна бо 660 ҷойи хоб - яке барои духтарон ва дуввумӣ барои писарон, як бинои истиқоматии панҷошёнаи дорои 20 хона барои омӯзгорон дар майдони 10 га замин доман паҳн кардааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагони лаёқатманд танҳо бо роҳи озмун ба ин мактаб қабул карда шаванд.

Бинои таълимии Литсейи президентӣ дорои 22 синфхонаи зебою муҷаҳҳаз, чор озмоишгоҳи фаннӣ, чор устохонаи омӯзиши ҳунарҳои дуредгарӣ, моделсозӣ, дӯзандагӣ ва пухтани таому ширинихо, чор синфхонаи компютерӣ, китобхонаи электронӣ, ду синфхонаи лингофонӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва дигар шароити таълиму тадриси хонандагон аст.

Дар маркази ноҳияи Бохтар, ҳамчунин барои аҳли санъату фарҳанги воло Кохи боҳашамати фарҳанг ба истифода дода шуд, ки бо харҷи 1,5 миллион сомонӣ маблағҳои буҷетӣ бунёд ёфта, толори калони он дорои 320 ҷойи нишаст ва шароити хуби кору тамрин ва ҳунарнамоӣ мебошад.

Дар қисмати шарқии шаҳри Қӯрғонтеппа бозори Ҳоҷӣ Шариф мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки дар майдони 11 га замини ноҳияи Бохтар доман паҳн намуда, боиси бо кори доимӣ таъмин гардидани 7 ҳазор нафар тоҷирону соҳибкорони маҳаллӣ гардидааст.

Дар шаҳри Қӯрғонтеппа бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон як қатор иншооти нав ифтитоҳ ёфта, ба сохтмони якчанд иншооти дигар оғоз бахшида шуд.

Бинои нави Осорхонаи вилоятӣ ва дар паҳлуи он Китобхонаи вилояти Хатлон аз ҷумлаи иншооти муҳими фарҳангӣ буд.

Дар маҳаллаи Дӯстии халқҳои шаҳри Қӯрғонтеппа бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон як кӯдакистони хусусӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки барои парвариш ва таълиму тарбияи 330 нафар кӯдакон пешбинӣ шудааст.

Дар паҳлуи ин кӯдакистон Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо гузоштани санги асос ва нома ба наслҳои оянда ба сохтмони як мактаби хусусӣ оғози расмӣ бахшид.

Тавре зикр гардид, ташаббускорони ин иқдоми ҷавонмардона ният доранд, ки ботлоқзори ин мавзеъро хушк намуда, дар ҷойи он як мактаби замонавӣ бо навтарин шароити таълиму тарбия барои 640 хонандаи болаёқат дар як баст бунёд намоянд.

Дар маркази шаҳри Қӯрғонтеппа бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон як меҳмонхонаи панҷошёнаи замонавӣ бо шароити сатҳи байналмилалӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки бо харҷи 5,2 миллион сомонӣ бунёд ёфта, барои қабули 100 меҳмон пешбинӣ шудааст.

Тарабхонаи он низ зебою дилнишин бунёд ёфта, дорои 100 ҷойи нишаст мебошад.

Дар кӯчаи Садриддин Айнии шаҳри Қӯрғонтеппа Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба сохтмони як бинои 15 – ошёнаи истиқоматӣ оғоз бахшид, ки он баландтарин бино дар вилояти Хатлон мешавад.

Тавре зикр гардид, ин бино дорои 122 хонаи зебою муҷаҳҳази замонавӣ хоҳад буд.

Дар шаҳри Қӯрғонтеппа ҳамзамон бинои наву замонавии иловагӣ дар назди мактаби рақами 6 ба номи Лоиқ Шералӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки бо 19 синфхона барои 1040 нафар хонанда пешбинӣ шудааст.

Мавриди зикри хос аст, ки бо ташаббус ва ғамхории пайвастаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон солҳои охир хеле ободу зебо мешаванд.

Тайи се соли охир дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҳисоби маблағҳои мутамаркази ҷумҳуриявӣ 201 иншооти гуногун бунёд ёфта, сохтмони 52 иншооти дигар дар арафаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Минбаъд бо супориши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мумфаршсозии роҳҳои дохилии шаҳри Хоруғ ва татбиқи лоиҳаи навсозии шабакаи обу корези шаҳри Хоруғ авҷ гирифта, сохтмону таҷҳизи варзишгоҳи ноҳияи Ванҷ ва мактаб - интернати вилоятӣ барои кӯдакони маъюбу бепарастор дар ноҳияи Рӯшон бо сифати баланд ба итмом расонда мешавад.

Барои бунёди танҳо чанд иншооте, ки рӯзи 16 август зимни боздиди кории Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон санги асосашон гузошта шуд, 60 миллион сомонӣ маблағҳои ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешавад.

Зимни боздиди навбатии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар мавзеи Хумроғии ноҳияи Ванҷ пули азиме дар болои рӯди Панҷ, ки Тоҷикистонро бо Афғонистон мепайвандад, дар фазои тантанавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Ифтитоҳи ин пули бузург, ки панҷумин пули пайвандсози Тоҷикистону Афғонистон аст, боиси хушҳолию сипоси бепоёни мардуми ду соҳили рӯди Панҷ дар ин мавзеъ гардид. Хусусан шодию нишоти мардуми деҳоти наздики Афғонистон беҳадду канор буд, зеро зиёда аз 10 ҳазор аҳолии ин гӯшаи ҳамсоякишвари дӯсту бародар то ин вақт умуман ба ҳеҷ самт роҳи мошингард надоштаанд.

Ин пул бо дарозии 216 метр дарозтарин пули овезон дар Тоҷикистон мебошад. Паҳноии он 5 метр ва иқтидори борбардориаш 30 тонна будааст. Ба иттилои масъулин, ин пул бо харҷи наздики 12 миллион сомонӣ бунёд ёфтааст.

Дар шаҳри Хоруғ бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон нахуст бинои сеошёнаи мактаби президентӣ, ки барои 1280 нафар хонандагони хушлаёқат дар ду баст пешбинӣ шудааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор гириф.

Ин мактаб дар зарфи чор соли охир бо харҷи беш аз 31 миллион сомонӣ маблағҳои мутамаркази ҷудокардаи Ҳукумати кишвар бунёд ёфтааст.

Мактаб аз 6 қисми алоҳида иборат буда, дар ҳар яки он хонандагони зинаҳои гуногуни таҳсилот алоҳида таълим мегиранд.

Толори маҷлисии мактаби президентӣ бо 364 ҷойи нишаст на танҳо барои маҷлис, балки барои ташкил ва гузарондани маҳфилу чорабиниҳои бошукӯҳи фарҳангӣ пешбинӣ шудааст.

Мактаб, ҳамчунин дорои хобгоҳ барои хонандагони роҳдурӣ бо 408 ҷойи хоб ва тамоми шароити зарурии зист, дарстайёркунӣ ва истироҳату фароғат мебошад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин дастур дод, ки дар назди мактаб дар мӯҳлати кӯтоҳ як бинои истиқоматӣ бо 20 хона барои омӯзгорон бунёд намоянд.

Дар шаҳри Хоруғ бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин бинои нави Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорон, ки бо харҷи 2 миллион сомонӣ маблағҳои буҷетӣ бунёд ёфтааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, ба сохтмони бинои дуюми хобгоҳи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев бо 360 ҷойи хоб, Маҷмааи бошукӯҳи варзишии шаҳри Хоруғ ва бинои нави чорошёнаи таваллудхона дар назди шифохонаи марказии вилоятӣ оғоз бахшида шуд.

Ифтитоҳ ва оғози сохтмони чандин иншооти муҳим дар ноҳияҳои Рашту Ҷиргатол гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ноҳияҳои водии Рашт низ корҳои созандагию ободонӣ вусъати бесобиқа пайдо намудаанд.

Рӯзи 26 август бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар назди филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ дар ноҳияи Рашт сохтмони бинои нави таълимӣ ва бинои толори варзишӣ оғоз ёфт.

Тавре иттилоъ дода шуд, ин биноҳо дар зарфи ду соли оянда бо харҷи беш аз 9 миллион сомонӣ бояд омода гарданд.

Мувофиқи супориши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон шароити таълиму тарбия дар ин муассисаи таълимӣ бояд тарзе муҳайё гардад, ки оянда он ба донишкадаи мустақили омӯзгорӣ табдил дода шавад.

Он рӯз роҳи мошингарди Душанбе - Рашт - Ҷиргатол - сарҳади Қирғизистон, ки сохтмонаш дар арафаи солгарди 20 - уми Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон пурра ба анҷом расид, расман мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мужда расонд, ки роҳи 20-километраи миёни шаҳраки Ғарм ва Навобод бо харҷи қариб 3 миллион доллари амрикоӣ то охири соли оянда тармиму навсозӣ хоҳад шуд. Ҳамчунин иттилоъ дода шуд, ки шоҳроҳи 38 -километраи Оби гарм – Нуробод низ мавриди навсозӣ қарор хоҳад гирифт.

Зимни мулоқоти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолони ноҳияи Рашт дар майдони варзишии шаҳраки Ғарм зикр гардид, ки ин майдон тайи се соли охир бо харҷи қариб 4 миллион сомонӣ мавриди тармиму навсозӣ қарор гирифта, дорои 5 ҳазор ҷойи нишаст гардидааст.

Дар маркази шаҳраки Ғарм аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо гузоштани санги асос ва нома ба наслҳои оянда ба сохтмони бинои чорошёнаи маъмурӣ оғоз бахшида шуд.

Тавре иттилоъ дода шуд, ин бино дар зарфи ду соли оянда бо харҷи қариб 7 миллион сомонӣ маблағҳои мутамаркази ҷумҳуриявӣ бунёд меёбад ва дар он 17 адад сохторҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ҷойгир ва бо шароити хуби фаъолият таъмин мегарданд.

Дар деҳаи Қалъанаки ноҳияи Рашт бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бинои якуми як мактаби нави замонавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки дар он 406 нафар хонанда дар як баст ба таълиму тарбияи босифат фаро гирифта мешаванд.

Дар деҳаи Сангикари ноҳияи Рашт як нерӯгоҳи хурди барқи обӣ ба кор даровардa шуд,ки иқтидораш 1000 квт/с мебошад.

Чунонки иттилоъ дода шуд, рӯди шӯху сероби ин мавзеъ имкон медиҳад, ки ин нерӯгоҳ тобистону зимистон қариб бо иқтидори якхела нерӯи барқ истеҳсол намояд.

Дар маркази ноҳияи Ҷиргатол як бинои нави шифохонаи марказӣ ва бинои маркази саломатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Тавре иттилоъ дода шуд, шифохонаи марказӣ аз се шӯъба - ҷарроҳӣ, таваллудхона ва шӯъбаи кӯдакона иборат буда, дар он 60 нафар табибон машғули коранд.

Зимни боздид аён гардид, ки ҳарсеи ин шӯъбаҳо бо техникаю таҷҳизоти муосири муоинаю муолиҷа, аз ҷумла дастгоҳҳои ҷарроҳӣ, шикастабандӣ, захмбандӣ, озмоишгоҳи муҷаҳҳази биокимиёӣ ва ғайра иборат буда, дар он дар як вақт то 100 нафар беморон метавонанд бистарӣ шаванд. Шӯъбаи ҷарроҳӣ бо ду ҳуҷраи муҷаҳҳази махсус имкон дорад дар як сол то 800 амалиёти ҷарроҳиро ба роҳ монад.

25 август дар паҳлуи рости Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин рамзи давлати соҳибистиқлоли мо, ки дар болои пояи 40 - метра гузошта шудааст, ифтитоҳ ёфт.

Тавре иттилоъ дода шуд, баландии худи Нишони давлатӣ 5 метр ва бо пояаш 45 метр буда, он аз ҷумлаи иншооти сершумори ҷашнӣ дар пойтахти кишвар буд, ки ба истиқболи солгарди 20 – уми Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ ёфт.

30 август бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар маркази шаҳри Душанбе Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пояи 165 - метра, ки баландтарин дар ҷаҳон аст, бардошта шуд.

Баландии худи парчам 30 метр ва дарозӣ ё паҳноияш 60 метр мебошад.

Парчами боҳашамати давлатии Тоҷикистон бо Нишони давлатӣ дар арафаи ҷашни 20 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар ду паҳлуи Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» қомат афрохта, ба маҷмааи биноҳои маъмурӣ ва фарҳангии кишвар дар маркази пойтахт ҳусну намои тоза бахшиданд.

Он рӯз ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон сертификати Китоби рекордҳои Гиннес барои баландтарин парчампоя дар ҷаҳон тақдим карда шуд.

Бояд таъкид намуд, ки ба маҷмааи биноҳои маъмурию фарҳангӣ дар маркази шаҳри Душанбе Маҷмааи давлатии «Қасри миллат», пайкараи Исмоили Сомонӣ, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Осорхонаи миллии Тоҷикистон, Театри миллии Тоҷикистон, биноҳои нави Вазорати корҳои хориҷӣ, Кумитаи андоз ва Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ва Боғи устод Рӯдакӣ бо фаввораҳои зебо ва гулгаштҳои дилнишинашон шомил мегарданд. Ин мавзеъ, ки ҳоло ободониаш идома дорад, аллакай ба беҳтарин мавзеи истироҳату фароғати сокинон ва меҳмонони пойтахти кишвари азизи мо табдил ёфтааст.

31 август бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе як зумра иншооти ҷашнӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, сохтмони чанд иншооти дигар оғоз ёфт.

Дар маҳаллаи Наврӯзи ноҳияи Синои пойтахт бинои нави чорошёнаи мактаби таҳсилоти умумии №98 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки бо харҷи 10 миллион сомонӣ бо шароити муосири таълимӣ барои 1280 хонанда дар ду баст бунёд ёфтааст.

Дар кӯчаи Ҷаббор Расулови шаҳри Душанбе Корхонаи истеҳсоли ноқилҳои барқӣ ба кор дароварда шуд, ки бо супориши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои коркарди амиқи алюминийи аввалия дар дохили кишвар ва омода кардани маҳсулоти тайёри содиротӣ дар зарфи 3 соли охир бо харҷи 144 миллион сомонӣ бунёд ёфтааст.



Ноқилҳои барқӣ ё худ кабелҳои ин корхона бо технологияи навтарини ҷаҳонӣ омода мегарданд, ки дар бозори дохилӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ харидорони сершумор доранд, зеро ин нахустин чунин корхона дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

Корхона имкон дорад, бо иқтидори кунуниаш то 10 ҳазор тонна алюминийи аввалияро коркард намуда, ноқилҳои пастшиддат, миёнашиддат ва баландшиддати ҳам луч ва ҳам пӯшида истеҳсол намояд. Ноқилҳое, ки имрӯз дар ин корхона истеҳсол мешаванд, асосан дар нерӯгоҳҳои хурду бузурги барқӣ, зеристгоҳҳо, хатҳои баландшиддату миёнашиддати интиқоли нерӯи барқ, шабакаҳои барқии байниминтақавӣ, байни шаҳру ноҳияҳо ва дохили онҳо истифода мешаванд. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки дар навбати дуюми корхона бо ворид намудани технологияи навтарин истеҳсоли ноқилҳои истифодаи рӯзгори хона низ ба роҳ монда шавад ва таъкид дошт, ки талабот ба ин гуна ноқилҳо дар дохил ва хориҷи кишвар хеле зиёд аст.

Тавре иттилоъ дода шуд, ҳоло дар ин корхона 200 нафар коргарони муҳандисию техникӣ ва дигар мутахассисон бо кори доимӣ ва маоши баланд таъмин гардидаанд ва бо фаъол гардидани навбати дуюми корхона шумораи коргарон ба 400 нафар хоҳад расид.

Дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт сохтмони Корхонаи истеҳсоли троллейбус ва дучархаҳо оғоз ёфт.

Тавре иттилоъ дода шуд, ин Корхонаи муштараки Тоҷикистону Россия буда, баъди як сол ба истеҳсоли маҳсулот шурӯъ хоҳад кард ва дар он то 400 нафар бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин хоҳанд шуд.

Ин корхона метавонад дар як сол 100 троллейбус ва даҳҳо ҳазор дучархаҳои гуногун барои кӯдакон ва ҳам калонсолон истеҳсол намояд. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон яке аз намунаҳои дучархаро, ки оянда дар ин корхона истеҳсол хоҳад шуд, саворӣ намуда, ба сифати он баҳои баланд дод.

1 сентябр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бинои нави таълимии Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро ифтитоҳ намуда, дар саҳни донишгоҳ бо устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дарси сулҳ ва сӯҳбати озоду ошкорои тӯлонӣ анҷом дод.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бинои нави таълимии Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро, ки асосан барои факултаи навтаъсиси тоҷикӣ - украинии ин донишгоҳ пешбинӣ шудааст, ифтитоҳ намуда, бо шароити муосири таълимии он аз наздик шинос шуд.

Дар ин донишгоҳ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо намунаҳои корҳои эҷодию ихтироотӣ ва навовариҳои техникию технологии устодону донишҷӯён аз наздик шинос шуда, масъулинро вазифадор намуд, ки робитаи босамари миёни илму истеҳсолотро таъмин карда, олимону ихтироъкорони наврасро ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд.

Яке аз намунаҳои корҳои эҷодӣ ва ихтироотии устодону донишҷӯёни ин донишгоҳ мошинҳои сабукрави барқӣ буд, ки яке аз онҳоро Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон саворӣ намуда, дастур дод, ки истеҳсоли васеи чунин мошинҳо дар Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

4 сентябр бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе Маҷмааи мӯҳташами варзишии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, дар ҳудуди маҷмааи биноҳои маъмурию фарҳангии маркази пойтахт сохтмони биноҳоиояндаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ бо гузоштани санги асос ва нома ба наслҳои минбаъда оғоз ёфт.

5 сентябр дар боғи «Ирам»-и пойтахт бинои Амфитеатри нав мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки бо супориши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар зарфи 8 моҳ бо харҷи 3 миллиону 200 ҳазор сомонӣ аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» бунёд ёфта, дорои ҳазор ҷойи нишаст барои тамошобинон аст.

Ба муносибати ифтитоҳи Амфитеатр ва ба истиқболи 20 – умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар ин ҷо барномаи бошукӯҳи фарҳангӣ баргузор шуд, ки дар он устодони санъат ва ҷавонону наврасони соҳибистеъдоди кишвар ҳунари волои худро намоиш доданд.

6 сентябр дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт як корхонаи истеҳсоли лампаҳои каммасраф бо иқтидори шабонарӯзии 10 ҳазор дона, ки зодаи сиёсати сарфаю сариштакории Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аст, дар ноҳияи Сино толори бузурги варзишии Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо ва дар ноҳияи Шоҳмансур Маркази 22-ошёнаи соҳибкории «Душанбе-Плаза» мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, бунёди шифохонаи шаҳрии бисёрсоҳа бо 650 кат ва дармонгоҳ барои қабули 800 нафар ниёзмандон дар як баст оғоз ёфт.

Тавре иттилоъ дода шуд, Маркази соҳибкории «Душанбе-Плаза» дар зарфи қариб 22 моҳ бо харҷи 164 миллион сомонӣ маблағҳои буҷети шаҳри Душанбе бунёд ёфта, дар ошёнаҳои гуногуни он барои тоҷирону соҳибкорони дохилию хориҷӣ утоқу толорҳои семинару конфронсҳои гуногун, машваратҳо, марказҳои иттилоотӣ, намоишгоҳҳои сайёр, намоиши мӯд, ду тарабхона- яке бо 200 ва дуввумӣ бо 60 ҷойи нишаст, меҳмонхона бо 40 ҷойи хоб ва утоқҳои маъмурию идорӣ бо шароити зарурӣ муҷаҳҳаз гардидаанд.

Шоми 6 сентябр дар мавзеи Буниҳисораки шаҳри Душанбе бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи ҷашни 20- солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон Боғи мӯҳташами фарҳангу фароғатии «Пойтахт» мавриди истифода қарор дода шуд.

Боғи «Пойтахт», ки дар майдони 15 гектар бо харҷи наздики 80 миллион сомонӣ бунёд гардидааст, аз маҷмааҳои дилхушӣ, амфитеатр бо 1080 ҷойи нишаст, қалъаи афсонавӣ, ҳавзҳои аквапарк ва шиноварию ландшафтӣ бо фаввораҳои дорои мусиқию тасвирҳои гуногун, майдонҳои варзишӣ барои теннис, баскетбол, волейбол, гандбол ва футболи хурд, толори шоҳмоту саққобозӣ, майдони бозиҳои чархакронӣ ва аттраксионҳо иборат мебошад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо шароити мавҷудаи боғ шинос шуда, барои ташкили хизматрасонии сифатан хубу муосир ба мардум, сабзу хуррамгардонӣ ва ба макони хуби истироҳату фароғат табдил додани он ба масъулон дастуру ҳидоятҳо дод.

Хотиррасон гардид, ки дар шаҳри Душанбе ба истиқболи 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 236 иншооти гуногун сохта, ба истифода дода шуд.

Силсилаи сафарҳои дохилии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани иншооти нав ба нави иҷтимоию фарҳангӣ ва саноатию тиҷоратӣ баъди таҷлили солгарди 20 – уми Истиқлолияти Тоҷикистони азиз низ идома ёфт.

22 сентябр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Хатлон сафар карда, нахуст дар ноҳияи Қубодиён Корхонаи муштараки Тоҷикистону Япония оид ба истеҳсоли доруворӣ аз решаи ширинбияро ифтитоҳ намуд, ки «Аввалин» номгузорӣ шудааст.

Тавре зикр гардид, дарвоқеъ ин нахустин Корхонаи муштараки Тоҷикистону Япония мебошад. Дар он дар як сол то 3 ҳазор тонна решаи ширинбия коркард шуда, аз он маҳсулоти нимтайёр барои истеҳсоли доруҳои қиматбаҳои ҷигар омода мегардад.

Дар ин корхона, ки бо харҷи 3 миллион доллари амрикоӣ бунёд ёфтааст, 50 нафар бо кори доимӣ ва 150 каси дигар бо кори мавсимӣ таъмин гардидаанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон роҳбарияти тоҷику японии ин корхонаро вазифадор намуд, ки минбаъд истеҳсоли содироти маҳсулоти тайёри ниҳоӣ, яъне доруворӣро дар Тоҷикистон ба роҳ монанд.

Дар ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо рафти корҳои навсозии роҳи мошингарди Қӯрғонтеппа – Панҷи поён аз наздик шинос шуд.

Аз ҷумла зикр гардид, ки дарозии умумии ин шоҳроҳ 87 км буда, навсозии қитъаи 27 километраи Дӯстӣ- Панҷи поёни он аллакай ба поён расидааст ва мавриди истифода қарор дорад. Дар 42 км қитъаи 60 – километраи Дӯстӣ-Қӯрғонтеппа 94 фоиз корҳои навсозӣ, аз ҷумла бунёди 7 пул анҷом ёфтааст. Навсозии 18 км боқимонда соли 2012 оғоз ёфта, то моҳи ноябри ҳамон сол шоҳроҳи нави Қӯрғонтеппа - Панҷи поён пурра омода мегардад.

(Идома дар саҳ. 6)

# ТОҶИКИСТОНИ МУСТАҚИЛ 20 - СОЛА ШУД



**(Идома аз саҳ. 1, 3, 4, 5)**

Хотиррасон бояд намуд, ки ин шоҳроҳ бо харҷи 75 миллион доллар грант ё худ кӯмаки бебозгашти ҳукумати Япония аз ҷониби Ширкати японии роҳсозии «Дай Нипон Нило» бо сифати баланд навсозӣ мегардад.

Бо дархости Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, намояндагони Агентии ҳамкории байналмилалии Япония ва Бонки Осиёии Рушд изҳор намуданд, ки масъалаи омодасозии лоиҳаи навсозии шоҳроҳи Душанбе-Қӯрғонтеппа-Кӯлобро то соли 2012 мавриди омӯзиш барои сармоягузорӣ қарор медиҳанд. Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки ин шоҳроҳ, бо назардошти аҳамияти байналмилалиаш оянда бояд аз 4 хати ҳаракати мошинҳо иборат бошад.

26 сентябр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд сафар намуда, нахуст дар деҳаи Марзичи деҳоти Анзоби ноҳияи Айнӣ як нерӯгоҳи барқи обии хурди дорои 4300 киловатт/соатро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

Тавре зикр гардид, ин нерӯгоҳ бо харҷи 4 миллион доллари амрикоӣ бо сифати баланд бунёд ёфта, метавонад бо истифода аз ҳамагӣ 3,5 метри мукааб об тобистону зимистон бо иқтидори лоиҳавиаш кор карда, то 50 фоиз ниёзи ноҳияи Айниро ба нерӯи барқ таъмин созад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, бо назардошти мавқеи басо мусоиди ин мавзеъ, ба масъулин дастур дод, ки бо насби лӯла ва агрегатҳои иловагӣ иқтидори Нерӯгоҳи барқи обии «Марзич»-ро ба 10 ҳазор киловатт\соат расонанд ва таъкид дошт, ки он гоҳ ин нерӯгоҳ ноҳияи Айниро пурра бо нерӯи барқ таъмин хоҳад кард.

Дар деҳаи Искодари ноҳияи Айнӣ бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зеристгоҳи 220-киловолтаи Айнӣ ва хати 220- киловолтаи интиқоли нерӯи барқи «Хуҷанд-Айнӣ» мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Тавре зикр гардид, бунёди ин зеристгоҳ ва ба масофаи 83 км кашидани хати 220- киловолтаи «Хуҷанд - Айнӣ» моҳи июли соли 2010 оғоз ёфта буд ва он рӯз панҷ моҳ пеш аз мӯҳлат мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, бо вуҷуди он ки қисмати зиёди хат аз болои қаторкӯҳҳои баланди ҳамеша барфпӯш мегузарад.

Аз он рӯз эътиборан таъмини мардуми ноҳияҳои водии Зарафшон – Кӯҳистони Мастчоҳ, Айнӣ ва Панҷакент бо нерӯи барқи истеҳсоли ватанӣ имконпазир гардид.

Дар деҳаи дурдасти Роғи деҳоти Лангари ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, ки 80 км аз маркази ноҳия дур қарор дорад, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо кори намунавии картошкапарварони он аз наздик шинос шуда, барои беҳ намудани шароити кори зиндагии мардуми ин мавзеи баландкӯҳ ба масъулин як қатор супоришҳои мушаххас дод.

Аз ҷумла бо дархости деҳқонони деҳаи Роғ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки барои кандани як канали 5- километра ва аз худ намудани 100 гектар замини нави ҳосилхез лоиҳа омода намоянд. Тавре таъкид гардид, ин лоиҳа бо маблағгузорӣ аз Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ хоҳад шуд.

27 сентябр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Табошар ташриф оварда, нахуст маҷмааи варзишии олимпии дар майдони 3,5 гектар ҷойгиршударо баъди тармиму таҷдид дубора мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

Зимни боздид Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон корҳои бо харҷи 1 миллиону 800 ҳазор сомонӣ анҷомёфтаро нокифоя номида, барои идомаи навсозӣ ва воқеан ба маҷмааи олимпӣ табдил додани он супоришҳои мушаххас дод.

Тибқи супоришҳои Сарвари давлат дар ин маҷмааи варзишӣ бояд захираҳои ҷумҳуриявии олимпӣ машқу тамрин карда, дар мусобиқаҳои минтақавию байналмилалӣ шарафи Тоҷикистонро ҳифз намоянд.

Баъди навсозии маҷмаа дар ин ҷо имкони то 100 нафарро ба кор ҷалб намудан фароҳам омад.

Ду меҳмонхонаи дар назди ин маҷмааи бузурги олимпӣ вуҷуддошта ҳам мавриди тармиму навсозӣ қарор гирифта, дар онҳо барои 60 нафар шароити муосири зист ва истироҳату фароғат муҳайё гардидааст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз намоишгоҳи ҳунарҳои мардумӣ ва маҳсулоти кишоварзию саноатии Табошар қолинбофони чирадасти онро ба ривоҷ додани ин ҳунари манфиатбахш, тарғибу ташвиқи он дар миёни ҷавонон ҳидоят намуд ва ба масъулини давлатӣ дастур дод, ки барои эҳёи дубора ва тараққӣ додани чунин ҳунарҳо тамоми шароити заруриро муҳайё созанд. Аз ҷумла таъкид гардид, ки дар мӯҳлати кӯтоҳ бояд бо ҷалби сохторҳои давлатию соҳибкорӣ як зумра корхонаҳои хурди саноатӣ бунёд ёфта, 1000 нафар занону духтарони шаҳри Табошар бо кор таъмин карда шаванд.

Зимни боздид аз намунаҳои маҳсулоти корхонаҳои саноатии «Востокредмет», «Мармари Табошар», «Сомон-Суғд», «Зиннат» ва ғайра дастур дода шуд, ки барои бо иқтидори пурраашон ба кор даровардани корхонаҳои мавҷудаи саноатӣ ва бунёди корхонаҳои нави хурд аз тамоми имкону захираҳои мавҷуда истифода карда шавад.

Чунонки аён гардид, солҳои охир истеҳсоли маҳсулоти ороишӣ аз сангҳою металлҳои қиматбаҳо рӯ ба афзоиш ва тараққӣ дорад ва ин табиист, зеро сол ба сол шумораи сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон афзун шуда, талабот ба ороишоти миллии тоҷикӣ, зару зевар ва тӯҳфаҳои хотиравии хоси кишвари кӯҳистони мо зиёд мешавад.

Дар шаҳри Табошар бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон Маркази саломатӣ ва қасри фарҳанг баъди тармиму навсозӣ аз нав мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Зимни боздид аз Маркази саломатии шаҳри Табошар, аз ҷумла зикр гардид, ки ин бино бо харҷи 750 ҳазор сомонӣ маблағҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ навсозӣ ва бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардидааст. Акнун маркази саломатӣ имкон дорад, ки дар як баст ба 750 нафар ниёзмандон хизмат расонад.

Қасри фарҳанги шаҳри Табошар бошад, бо харҷи 500 ҳазор сомонӣ маблағҳои ҷумҳуриявӣ навсозӣ шуда, бо намои зебою дилкашаш ба маркази шаҳр ҳусни тоза зам намудааст.

Толори калони қаср, ки 400 ҷойи нишаст дорад, баъди навсозӣ хеле зебою дилкаш ва бо асбобу ашёи зарурӣ муҷаҳҳаз гардидааст.

Ҳангоми вохӯрӣ бо роҳбарону фаъолон ва намояндагони сершумори мардуми шаҳри Табошар Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои бартараф кардани як қатор мушкилоти мавҷудаи шаҳри Табошар дастуру супоришҳо дод.

Тибқи супоришҳои Президенти кишвар, дар зарфи ду соли оянда бояд норасоии об, ки мушкили асосии шаҳри Табошар аст, бартараф шавад, барои аз нав ба кор даровардани корхонаҳои мавҷудаи саноатӣ ва бунёди корхонаҳои хурди нав тадбирҳои судбахш амалӣ гашта, дар зарфи як сол дар онҳо бояд 1000 ҷойи корӣ муҳайё шавад.

Ба мактабҳои шаҳри Табошар, ки 2200 нафар хонанда доранд, 100 компютери нав бо 20 принтер ва ба Маркази саломатии шаҳр як мошини ёрии таъҷилии тиббӣ тӯҳфа карда шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин пешниҳод намуд, ки шаҳри Табошар минбаъд Истиқлол номида шавад. Пешниҳод аз ҷониби мардум хуш пазируфта шуд.

28 сентябр дар шаҳри Қайроққум бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ду бинои иловагии осоишгоҳи «Баҳористон», ки дар соҳили обанбори Қайроққум ё худ баҳри Тоҷик қарор дорад, мавриди истифода қарор гирифт.

Тавре зикр гардид, биноҳои нахустини осоишгоҳи «Баҳористон» соли 2010 барои 400 истироҳаткунандаю табобатгиранда дар як баст ифтитоҳ ёфта, аллакай мизоҷону ҳаводорони сершумор пайдо намудааст.

Бо ифтитоҳи бинои нави дорои шароити зарурии истиқомат, табобат ва истироҳату фароғат кунун осоишгоҳи «Баҳористон» дар як баст метавонад то 600 нафарро фаро бигирад, зеро бинои иловагӣ барои 200 нафар истироҳаткунандаю табобатгиранда пешбинӣ шудааст.

Бинои нави табобатӣ бо дастгоҳу таҷҳизоти навтарини ташхис, муоина, муолиҷа ва тавонбахшӣ дорои шароити зарурӣ барои хизматрасонӣ ба касони гирифтори бемориҳои асаб, рагу дил, буғуму устухонҳо, сутунмӯҳра, роҳҳои нафас, меъдаю рӯда, бемориҳои мардонаю занона ва ғайра мебошад.

Бинои нави осоишгоҳи «Баҳористон», ҳамчунин дорои толори калони варзиши бадан ва бозиҳои варзишӣ аст.

Дар ин бино барои 140 нафар кормандони соҳаи тиб ва хизматрасонии маишӣ ҷойи кори доимӣ бо маоши хуб муҳайё гардидааст.

30 нафари дигар барои кори доимӣ ба Маркази фароғатии «Сано» ҷалб карда шудааст, ки дар назди осоишгоҳи «Баҳористон» он рӯз бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

4 октябр бо буридани лентаи рамзӣ ва зер кардани тугмача аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон Корхонаи нави ресандагии ноҳияи Ҳисор, ки даври якуми он бо харҷи 12 миллион доллари амрикоӣ бунёд ёфта, дорои иқтидори солонаи коркарди 4 ҳазор тонна нахи пахта мебошад, ба кор даровардa шуд.

Дар ин корхона дастгоҳҳои ресандагии технологияи навтарини италиявӣ аз Ширкати соҳибнуфузи «Marzoli» васл гардидаанд, ки аксари корҳоро ба тарзи автоматӣ иҷро мекунанд.

Бо вуҷуди дастгоҳҳои навтарини автоматӣ дар ин корхона 180 нафар бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин мегарданд.

Оянда корхонаи ресандагии мазкур васеъ гардида, дорои иқтидори солонаи коркарди 8 ҳазор тонна нахи пахта мешавад ва шумораи коргаронаш ба 260 нафар хоҳад расид.

Дар паҳлуи корхонаи ресандагӣ бо гузоштани сангӣ асос ва нома ба наслҳои оянда сохтмони корхонаи нави бофандагӣ ва рангубори матоъҳо оғоз ёфт, ки идомаи тадбирҳои муҳим барои коркарди амиқи нахи пахта дар дохили кишвар мебошад.

Дар паҳлуи ҳамин корхонаҳо Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо гузоштани санги нахуст, ҳамчунин ба бунёди Донишкадаи саноати сабук оғоз бахшид.

Афзалияти асосии ин донишкада дар паҳлуяш вуҷуд доштани силсилаи корхонаҳои ресандагӣ, бофандагӣ, рангубори матоъ ва дӯхти либосҳои гуногун хоҳад буд, ки ба он чун заминаи асосии моддию техникии таълимӣ, пеш аз ҳама барои дарсҳои амалӣ, хизмат хоҳад кард.

Дар паҳлуи рости роҳи мошингарди Душанбе-Ҳисор-Турсунзода бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон корҳои сохтмону васлгарии корхонаи дӯхти либосҳои пахтагин, ки таъмингари коркарди пурраи нахи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ хоҳад буд, вусъати тоза пайдо намуд.

Баробари ба кор даромадани ин корхона дар он зиёда аз 1000 ҷойи нави корӣ муҳайё мешавад. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин дастур дод, ки дар ин корхона дӯхти на камтар аз 10 намуди либосҳои гуногун, аз ҷумла шиму костюм низ бо технологияҳои навтарин ва сифати бозоргир ба роҳ монда шавад.

Ҳоло дар ноҳияи Ҳисор як корхонаи бузурги металлургӣ дар ҳоли сохтмону васлгарӣ қарор дорад, ки то Наврӯзи соли 2012 навбати аввали он бояд ба кор дароварда шавад. Баробари ба кор даромадани навбати аввали ин корхона, ки дорои иқтидори солонаи 250 ҳазор тонна арматураи хушсифати диаметраш аз 10 то 42 мм мебошад, дар он 470 нафар бо кори доимӣ ва маоши баланд таъмин хоҳанд шуд.

Дар навбати дуюм баъди васли гудозандаҳои доменӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли масолеҳи гуногуни сохтмонии металлӣ шумораи коргарон ба зиёда аз ду ҳазор нафар ва иқтидори умумии солонаи корхона ба 450 ҳазор тонна маҳсулоти тайёр хоҳад расид.

Тибқи дастуру супоришҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни суханронӣ ва посух ба суолу дархостҳои мардум садо доданд, соли 2015 Ҷашни сеҳазорсолагии Ҳисор таҷлил мегардад ва то ин вақт, яъне дар зарфи чор соли оянда дар ин ноҳия як варзишгоҳи муосир бо 20 ҳазор ҷойи нишаст, боғи фарҳангу фароғат, китобхона, осорхона, кохи фарҳанг, мактаби президентӣ ва дигар биноҳои наву замонавӣ бунёд меёбанд ва Қалъаи Ҳисор аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навсозӣ хоҳад шуд. Барои иҷрои ин корҳо дастур дода шуд, ки дар зарфи се моҳ нақшаи генералии маркази ноҳияи Ҳисор аз нав такмил дода шуда, пешниҳод карда шавад. Тибқи нақшаҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои наздик Ҳисор бояд ба як шаҳри зебои замонавӣ табдил ёбад.

15 октябр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба мавзеи Шугноби ноҳияи Ховалинг ташриф оварда, бо фаъолияти Корхонаи давлатии «Тиллои Тоҷик» ва панҷ корхонаи хусусию заршӯёни инфиродӣ аз наздик шинос шуд.

Тавре зикр гардид, аз солҳои 90-уми асри гузашта то ба соли 2008 истеҳсоли тилло дар ин мавзеъ, бахусус дар ин корхонаи давлатӣ хеле коҳиш ёфта буд. Ин буд, ки бо ташаббуси Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон моҳи октябри соли 2008 дар заминаи он Корхонаи махсуси казонии давлатии ҷумҳуриявии «Тиллои Тоҷик» таъсис дода, маблағгузории давлатӣ ба он афзун шуд ва зиёда аз 40 адад техникаю механизмҳои махсус харидорӣ гардид. Дар натиҷа, истеҳсоли тилло аз нав рӯ ба афзоиш оварда, дар соли 2010 ба 320 кг расид. Соли 2011 ин нишондод бояд ба 500 кг расад. Дар ин мавзеъ, ҳамчунин 5 корхонаи дигари хусусӣ, аз ҷумла артелҳои хусусии заршӯйии «Одина», «Союззар» ва «Помир» фаъолият доранд, ки онҳо низ истеҳсоли маҳсулотро сол ба сол афзоиш медиҳанд. Артели хусусии заршӯйии «Одина» соли 2010-ум 124 кг тилло ҷамъоварӣ намуда, соли 2011 истеҳсоли онро 1,5 баробар афзоиш дод.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки дар зарфи ду соли оянда истеҳсоли солонаи тилло аз конҳои мавзеи Шугноб ба як тонна расонда шавад.

Дар як корхонаи давлатӣ ва 5 артели хусусии заршӯйӣ беш аз ҳазор нафар бо кор ва маоши миёнаи 1,5 ҳазор сомонӣ дар 15 рӯзи корӣ таъмин гаштаанд. Ин корхонаҳо дар нӯҳ моҳи соли равон ба андозаи 68 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуда, 60 фоизи воридоти андоз ба буҷети маҳаллии ноҳияи Ховалингро таъмин кардаанд.

Бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бинои сеошёнаи Маркази ташхисию табобатии хусусии деҳоти Шугноб мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки аз ҷониби артели хусусии заршӯйии «Одина» бо харҷи 3,5 миллион сомонӣ бунёд ёфта, бо техникаю таҷҳизоти муосири ташхису табобат муҷаҳҳаз гардидааст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо гузоштани санги асос ба сохтмони як мактаб-интернат барои 300 нафар мактаббачагон аз оилаҳои камбизоат оғоз бахшид, ки ҳамчунин аз ҷониби артели хусусии заршӯйии «Одина» дар зарфи 1,5 соли оянда бунёд меёбад. Минбаъд хизматрасонии мактаб низ аз ҳисоби ҳамин корхона ба роҳ монда хоҳад шуд.

Зимни вохӯрии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони аҳолии деҳоти Шугноби ноҳияи Ховалинг корхонаҳои хусусии заршӯйии Шугноб ӯҳдадор шуданд, ки дар зарфи 1,5 соли оянда дар ин деҳот 3 мактаби нави замонавӣ ва 3 корхонаи истеҳсолӣ, аз ҷумла як корхонаи заргарӣ бо 30 ҷойи корӣ, як коргоҳи дӯзандагӣ бо 50 ҷойи корӣ, як корхонаи захира ва коркарди гиёҳҳои шифобахш сохта, ба истифода медиҳанд.

31 октябр бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон сохтмони пули 6 -уми мошингарди миёни Тоҷикистону Афғонистон дар ноҳияи Шӯрообoди вилояти Хатлон оғоз ёфт.

Тавре зикр гардид, пули нави 182 -метра бо 500 метр роҳи нави аз шоҳроҳи мошингарди Кӯлоб - Қалъаи Хумб то лаби рӯди Панҷ бо харҷи беш аз 17 миллион сомонӣ маблағҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Федеролии Германия дар зарфи 11 моҳ бунёд хоҳад ёфт. Иқтидори борбардории пул, ки бо усули овезон сохта мешавад, баробари 30 тонна хоҳад буд.

Худи ҳамон рӯз Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба навсозии қитъаи 40- километраи Шӯрообод - Шоҳони шоҳроҳи байналмилалии Кӯлоб -Қалъаи Хумб - Хоруғ - Кулма - сарҳади Чин оғоз бахшид.

Қитъаи мазкури ин шоҳроҳ бо харҷи 440 миллион сомонӣ ё худ 93 миллион доллари амрикоӣ маблағҳои муассисаҳои байналмилалии молиявӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати ду соли оянда мавриди навсозӣ қарор мегирад. Дар ин қитъаи роҳ, ҳамчунин нӯҳ пул ба дарозии умумии 1064 метр бунёд меёбад. Бузургтарини онҳо пули «Оби ниҳол» хоҳад буд, ки дарозиаш 264 метр мебошад.

7 ноябр бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва ноиби президенти Бонки Осиёии Рушд Сиаою Жао навсозии шоҳроҳи мошингарди Душанбе - Турсунзода - сарҳади Ӯзбекистон расман оғоз ёфт.

Ин шоҳроҳи дарозиаш 66- километра бо харҷи беш аз 900 миллион сомонӣ ё худ 181 миллион доллари амрикоӣ маблағҳои Бонки Осиёии Рушд, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тармиму навсозӣ қарор мегирад. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки ин кор на дар 3 сол, балки дар ду сол, вале бо риояи тамоми талаботи ҷаҳонии сифату эътимодбахшӣ анҷом дода шавад.

Бинобар таъкиди Президенти кишвар, дар ин ҷо зиёда аз 600 нафар роҳсозони маҳаллӣ соҳиби кору маоши хуб мешаванд, зеро беш аз 80 фоизи коргарон аз Тоҷикистон хоҳанд буд.

Тибқи лоиҳа, масофаи 4,6 километри ин роҳ – аз назди пайкараи Абӯалӣ ибни Сино то дарвозаи ғарбии шаҳри Душанбе аз ҳашт хати ҳаракати мошинҳо ва боқимондаи роҳ аз чор хат иборат хоҳад буд. Дар канори ин роҳ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо гузоштани санги асос, ҳамчунин ба сохтмони як маҷмааи тиҷоратию хизматрасонӣ оғоз бахшид.

Ин маҷмаа аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ бунёд ёфта, иборат аз тарабхона, чойхона, меҳмонхона ва марказҳои хизматрасонии мошинҳои гуногуни боркашу сабукрав хоҳад буд. Тибқи нақша ин маҷмаа баъд аз ду сол ба кор медароянд ва дар он зиёда аз 300 нафар соҳиби кори доимӣ шуда, ба роҳгузарони шоҳроҳи Душанбе - Ҳисор - Шаҳринав - Турсунзода - сарҳади Ӯзбекистон хизматрасонӣ хоҳанд кард.

18 ноябр бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон солгарди 60 - уми Академияи илмҳои Тоҷикистон ҷашн гирифта шуд.

Сарвари давлат аз комёбиҳои муҳими олимони тоҷик дар бахшҳои гуногуни илму техника, аз ҷумла зилзилашиносӣ изҳори хушнудӣ намуда, ҳамзамон таъкид дошт, ки саъю талошҳо барои тадқиқоти илмию амалӣ доир ба пешгирӣ аз гармшавии иқлим, обшавии пиряххои бузург, таъмини дастрасии пурраи мардуми ҷаҳон ба оби тоза ва нерӯи барқ, ба роҳ мондани истифодаи васеи манбаъҳои алтернативии нерӯи барқ, аз ҷумла нерӯгоҳҳои обӣ, офтобӣ, бодӣ ва нерӯи биологӣ бояд ривоҷ дода шавад.

19 ноябр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бунёди боғи нави «Наврӯзгоҳ»-и пойтахтро шурӯъ намуд ва бо ин дар ҷумҳурӣ мавсими нави ниҳолшинонӣ оғоз ёфт.

Тавре иттилоъ дода шуд, боғи «Наврӯзгоҳ» дар майдони 15 гектар саҳни даромадгоҳ ва атрофи «Наврӯзгоҳ»-и пойтахт доман паҳн менамояд. Худи ҳамон рӯз, садҳо ниҳоли сояафкану ороишӣ шинонда шуд.

Тибқи нақшаи генералӣ боғи «Наврӯзгоҳ» ба ғайр аз қитъаҳои зебои дарахтони нодири ороишию сояафкан ва гулу гулбуттаҳо, ҳамчунин аз як шаршараи боҳашамат, фавворaҳо, майдончаҳои бозию дилхушии кӯдакон ва ғайра иборат хоҳад буд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, бо назардошти он ки ин мавзеъ оянда як сайргоҳи фарҳангӣ хоҳад буд, дастур дод, ки ба ин кор мутахассисони сатҳи баланди дорои завқу салиқаи махсус ва ҳиссӣ қавии зебоипарастӣ ҷалб карда шаванд.

Ҳамин гуна супоришҳо, ҳамчунин доир ба ободонии боғи Рӯдакӣ ва боғу гулгаштҳои атрофи пайкараи Исмоили Сомонӣ, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Нишони Тоҷикистон, Парчами давлатии Тоҷикистон, ки ҳама ҷузъҳои як ансамбли зебои фарҳангӣ дар маркази пойтахт мебошанд, дода шуд.

6 декабр бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ду бинои Шифохонаи ҷумҳуриявии бемориҳои сил баъди тармиму навсозии асосӣ ва муҷаҳҳазсозӣ бо навтарин техникаю таҷҳизоти ташхису табобат дубора мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Навсозию таҷҳизи ин биноҳо бо харҷи 70 миллион сомонӣ маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Федеролии Германия сурат гирифтааст. Бо дубора фаъол гардидани ду бинои қаблан валангору аз кор бозмонда дар ин ҷо 170 ҷойи нави корӣ барои кормандони соҳаи тиб муҳайё шуд.

Дар ин ҷо Озмоишгоҳи миллии референсӣ таъсис ёфтааст, ки бо навтарин таҷҳизоти сохти олмонии ташхиси бемориҳои сил муҷаҳҳаз мебошад. Бо ин таҷҳизот ҳатто мураккабтарин ташхисҳо, аз ҷумла муайян кардани бемории сили ба доруҳо мутобиқшуда низ дар зарфи ҳамагӣ ду соат анҷом меёбад ва табобат ҳам бо сифати баланд сурат мегирад.

Таҷҳизоте, ки дар ин ҷо насб гардидааст, навтарину калонтарин дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Бо чунин таҷҳизоту шароит дар ин ҷо имкон дорад, ки як маркази минтақавӣ барои кулли кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсис дода шавад.

9 декабр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Осорхонаи нави геологии Тоҷикистонро ифтитоҳ намуда, бо намояндагони сершумори соҳаи геологияи тоҷик ва масъулони сатҳи давлату Ҳукумат мулоқоти озоду ошкоро доир намуд.

Зимни боздид аз осорхона, аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки дар ин ҷо намунаҳои беш аз 4,5 ҳазор навъи сарватҳои табиии Тоҷикистон ба намоиш гузошта шудаанд.

Дар осорхона 25 намуд минералҳои нав пешниҳод гардидаанд, ки аз ҷониби олимони геологи Тоҷикистон асосан дар замони Истиқлолияти давлатӣ кашф шуда, ба таснифи байналмилалӣ шомил гардидаанд ва онҳо танҳо дар сарзамини кишвари мо вомехӯранд.

Тавре аён гардид, Тоҷикистон бо конҳои бешумор аз сарватҳои табиӣ худ ба як осорхонаи азими табиии геологӣ монанд аст.

Аз ин хотир, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо геологҳои кишвар ба масъулин доир ба ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба корҳои геологӣ-ҷустуҷӯйӣ, иктишофу истихроҷ, таъмини корхонаҳои саноатӣ бо ашёи хоми ватанӣ, коркарди саноатии сарватҳои табиӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, тарбияи кадрҳои ҷавони соҳа ва бештар намудани шӯҳрати ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи геология супоришҳои мушаххас дод.

28 декабр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба «Литсей-интернати махсуси касбии маъюбон» - и Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар шаҳри Душанбе ташриф оварда, бо шароити намунавии он, ки зимни тармиму навсозии асосӣ муҳайё гаштааст, аз наздик шинос шуд.

Дар арафаи соли нави мелодии 2012 Сарвари давлат аз ҳоли кӯдакону наврасони маъюб хабар гирифта, ба онҳо сарулибоси гарми зимистона, ширинйҳо, аробачаҳои маъюбӣ ва компютерҳо ҳадя намуд.

Тӯҳфаҳои солинавии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба тарбиятгирандагони тамоми муассисаҳои кӯдакону наврасони ятиму бепарастор ва маъюб ва ҳамчунин пирону барҷомондагони хонаҳои пиронсолон расонда шуд, ки шумораи умумиашон беш аз 20 ҳазор нафар аст.

Умуман, соли 2011 – ро дар роҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар метавон пурбарор номид.

Далели возеҳи чунин таъкид метавонад Буҷети давлатии кишвар барои соли 2012 ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2013 ва 2014 бошад. Қисми даромади Буҷети давлатии Тоҷикистон барои соли 2012 дар ҳаҷми 10 миллиарду 160 миллион сомонӣ ва қисми хароҷоти он 10 миллиарду 340 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шудааст ва ин нисбат ба буҷети соли 2011 мутаносибан 1 миллиарду 860 миллион ва 1 миллиарду 750 миллион сомонӣ зиёд аст.

Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ бошад, дар ҳаҷми 35,8 миллиард сомонӣ, болоравии ҳаҷми истеҳсолот 7 фоиз ва таваррум 10,5 фоиз пешбинӣ гардидааст.

Аз 1 октябри соли 2011 ба мӯҳлати се соли оянда эълон кардани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ бошад, қадами навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва беҳсозии фазои ҳуқуқию сармоягузорӣ маънидод мегардад.

Мутобиқи Фармони мазкур ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулот таъсис медиҳанд ва ё техникаю технологияҳои навинро барои васеъ намудани номгӯйи на камтар аз нисфи маҳсулоти истеҳсолӣ ҷалб менамоянд, мораторий эълон карда мешавад.

Хотиррасон бояд намуд, ки соли 2011 чун соли натиҷагирӣ аз дастовардҳои 20 соли Истиқлолияти давлатӣ ва таҷлили солгарди 20 – уми ин неъмати бебаҳо ба шумор меравад.

Агар нишондодҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро дар соли 2011 бо солҳои 90- уми асри гузашта муқоиса намоем, аён мегардад, ки суръати пешрафту тараққиёт хеле баланд аст. Аз ҷумла, ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо нархҳои амалкунанда аз соли 1997 то соли 2011-ум 58 баробар афзудааст.

Агар ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ ба сари ҳар нафар аҳолии кишвар дар соли 1997 ҳамагӣ 19,8 сомониро ташкил карда бошад, пас он дар соли 2011-ум 1060 сомониро ташкил медиҳад, ки қариб 54 баробар зиёд аст.

Даромади буҷети давлатӣ аз 109 миллион сомонии соли 1997, соли 2011 ба 8,3 миллиард сомонӣ расид, ки ин рақам нисбат ба соли зикршуда 76 баробар зиёд мебошад.

Соли 2011 дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ 56 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 8,2 миллиард сомонӣ мавриди татбиқ қарор дошт. Дар маҷмӯъ, тӯли даҳ соли охир зиёда аз 150 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 12 миллиард сомонӣ ва 200 лоиҳа бо ҷалби сармояи мустақим амалӣ шудааст.

Дар 20 соли Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон барои таҳкими асосҳои давлатдории навини тоҷикон, ки воқеан орзуи беш аз ҳазорсолаи ниёгони сарфарози мо баъди пош хӯрдани давлати бузурги Сомониён буд, корҳои зиёд анҷом дода шуд ва пурарзиштарини онҳо инҳоянд:

- Барқарорсозии сулҳу осоиш ва ба бунёдкорию созандагӣ раҳнамун сохтани мардуми кишвар;
- Бунёди роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб;
- Сохтмон ва навсозии 1700 километр роҳҳои мошингард, 17 километр нақб ва беш аз 100 пул, аз ҷумла роҳҳои мошингарди Душанбе-Хуҷанд-Мастчоҳ – сарҳади Ӯзбекистон, Душанбе-Рашт-Ҷирғатол-сарҳади Қирғизистон, Душанбе-Кӯлоб-Қалъаи Хумб-Хоруғ-Кулма-сарҳади Чин, Душанбе-Қӯрғонтеппа-Дӯстӣ-Панҷи Поён – сарҳади Афғонистон, панҷ пули мошингузар дар болои дарёи Панҷ миёни Тоҷикистону Афғонистон, ки дар мавзеъҳои Хоруғ, Ишкошим, Ванҷ, Қалъаи Хумб ва Панҷи Поён қарор доранд:
- Ба кор даромадани нерӯгоҳҳои барқии обии «Сангтӯда–1» ва «Сангтӯда–2»;
- Авҷ гирифтани корҳои барқарорсозӣ ва омодагӣ ба идомаи сохтмони нерӯгоҳи азими «Роғун»;
- Оғози навсозии куллии нерӯгоҳи бузурги «Норак»;
- Бунёди қариб 300 нерӯгоҳи хурди барқи обӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар;
- Аз болои қуллаҳои сарбафалаки кӯҳистон кашидани хати 500 киловолтаи барқии Ҷануб-Шимол;
- Ба кор даромадани хатҳои 200 киловолтаи Лолазор – Хатлон ва Тоҷикистон – Афғонистон;
- Бунёди садҳо корхонаҳои нави саноатӣ, эҳёи тадриҷии корхонаҳои мавҷудаи саноатӣ ва муҳайёсозии ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ;
- Тақсими 75 ҳазор гектар замин ба деҳқонон ва соҳиби замин кардани истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;
- Ба роҳ мондани кишти такрорӣ ва гирифтани ду ва зиёда ҳосил аз заминҳои обӣ;
- То ба зиёда аз 1 миллион тонна расондани истеҳсоли ғалладонагиҳо;
- Ҳамин тариқ аз се ҳадафи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, яъне раҳоӣ аз бунбасти нақлиётию коммуникатсионӣ, истиқлоли энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ, гуфтан мумкин аст, ки якеаш аллакай иҷро шуд, зеро бо бунёди роҳу пулҳо ва нақбҳои зикршуда ба чор сӯйи олам роҳ кушода шуд;
- Барои таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҳисоби захираҳои дохилӣ ва коҳиш додани таъсири манфии омилҳои беруна низ заминаи зарурӣ бунёд мегардад;
- Ками дигар мондааст, ки истиқлоли энергетикӣ низ таъмин шуда, Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои бузурги содиркунандаи нерӯи барқ табдил ёбад;
- Тайи 20 соли истиқлолият ҳазорҳо иншооти нави соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бунёд ёфт ва ё мавриди навсозӣ қарор гирифт, ки нишона аз татбиқи босамари сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат аст;
- Дар арсаи ҷаҳонӣ бошад, истиқлолияти давлатии кишвари моро зиёда аз 150 давлат ба расмият шинохт;
- Тоҷикистон чун кишвари сулҳхоҳу сулҳсоз ва ташаббускори таъмини дастрасии тамоми аҳолии сайёра ба оби тоза ва ба манбаъҳои аз ҷиҳати экологӣ безарари тавлиди нерӯи барқ шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуд.

Натиҷаи ҷаҳду талошҳои шабонарӯзӣ ва ҳамин дастовардҳо аст, ки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон тайи солҳои Истиқлолияти Тоҷикистон бо унвону мукофотҳои сершумори байналмилалӣ сарфароз гардидааст. Аз ҷумла бо медали тиллоии Корпуси байналмилалии Сулҳ, Медали тиллоии «Барои таҳкими сулҳ ва ризоияти миёни халқҳо», Ситораи ёкутии Сулҳовар, Ситораи тиллоии ба номи Алберт Швейтсер, Ордени алмосдори Ситораи сарпараст, Ордени «Қаҳрамони миллии Афғонистон - Аҳмадшоҳи Масъуд», Ҷоизаи Бунёди байналмилалии нависандагон ва рӯзноманигорони Ҷумҳурии Туркия, Медали тиллоии Маҷлиси халқи (Парлумони) Ҷумҳурии Мисри Араб, Ордени княз Ярослави Ҳаким дараҷаи 1 ва Ордени «Барои хизматҳо» дараҷаи 1-и Украина, Медали тиллоии ЮНЕСКО барои арҷгузорӣ ба Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (Румӣ), Ордени «3 Ситора дараҷаи 1» - и Ҷумҳурии Латвия, Ордени тиллоии «Эҳёи Роҳи абрешим», Медали тиллоии ба номи Николай Блохин, Нишони Покистон – олитарин мукофоти давлатии Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ордени Шӯрои Олимпии Осиё, Нишони фахрии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва унвони олии фарҳангию сиёсии ҷомеаи Аврупо - Пешвои асри XXI.

Тавре зикр гардид, соли 2011, қабл аз ҳама чун соли таҷлили солгарди 20 – уми Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азиз ба шумор меравад.

Тантанаҳои асосии таҷлили солгарди 20 – уми Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ки рӯзҳои 8 – ум ва 9 – уми сентябр дар тамоми гӯшаю канори кишвар ва хусусан дар пойтахти он – шаҳри Душанбе баргузор гардид, то дер дар ёдҳо нақш хоҳад баст. Дарвоқеъ, пойтахти Тоҷикистони азиз ба истиқболи ин санаи муборак бо биноҳои наву замонавии боҳашамат ва ободонии бешумор қабои пуршукӯҳи идона ба бар карда буд.

Яке аз тантанаҳои маркази ин санаи фархунда паради ҳарбӣ буд, ки дар он беш аз 10 ҳазор нафар низомиёни кишвар иштирок доштанд.

Мавриди зикри хос аст, ки бори нахуст дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар чунин парадҳо низомиён аз кишварҳои хориҷии ба мо дӯсту шарик, аз ҷумла Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Фаронса ва Федератсияи Россия ширкат намуданд.

Тантанаҳои марказии дигари таҷлили 20 – умин солгарди Истиқлоли давлатии Тоҷикистони навин, албатта, ҷамъомади тантанавӣ дар Кохи Борбад ва барномаи бошукӯҳи фарҳангӣ дар варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе буд.

Соли нави 2012 низ соли саршор аз ҷашну идҳои фархунда, ба мисли таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ дар Тоҷикистон, 15 – солагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва 20 – солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ хоҳад буд. Мусаллам аст, ки чунин ҷашну идҳои фархунда бо сиёсати бунёдкорию созандагии Ҳукумати Тоҷикистон тавъам буда, ба ободонии бештари кишвар ва боло бурдани ҳисси ифтихору сарфарозии мардум аз Истиқлолияти давлатии Ватани азиз ва давлатдории миллии тоҷикон мусоидати фаъол мекунад.

***Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА,***
***Заробиддин ҚОСИМӢ***

# Аз нишастҳои матбуотӣ

## Соҳаи ҳамаро фарогир

Соҳаи маорифро шаҳсутуни давлату давлатдорӣ дар тамоми ҷаҳон донистаанд. Аз пешрафти маориф рушди давлат вобастагии сахт дорад. Бидуни маорифи пешрафта ба пешравӣ умед бастан нашояд, чунки он соҳаест фарогири ҳама соҳаҳо. Пешрафти ҳар соҳа ва дар маҷмӯъ пешрафти худи ҷомеа низ, бо маориф сахт марбут аст.

- Дуруст аст, ки давоми чанд соли охир ин соҳаи калидӣ ба як қатор пешравиҳо ноил гардидааст, ки пеш аз ҳама дар натиҷаи ҷидду ҷаҳди ватандӯстонаи Сарвари давлат ва ғамхорию дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёиёни маорифпарвар, соҳибкорони асили Ватан даст додааст. Вале ногуфта намонад, ки дар соҳаи маорифи кишвар ҳанӯз камбудию норасоиҳо ва мушкилоти зиёде ҷой доранд, ки агар ҳалли қисмате аз онҳо ба фаъолияти Вазорати маориф марбут бошад, ҳалли қазияҳои боқӣ дар кӯшишҳои якҷоя бо дигар ташкилоту сохторҳо даст дода метавонад, - изҳор намуд вазири маорифи ҷумҳурӣ Абдуҷаббор Раҳмонов нӯҳуми январ дар нишасти матбуотии солона.

Соли 2011 барои маорифчиёни мамлакат соли хуб маҳсуб меёбад. Дар ин давра як қатор корҳои ҷолиб анҷом ёфтаанд, ки зикри ҳамаи онҳо баррасии алоҳидаро мехоҳад. Ягона ҳолати ташвишовар ин аст, ки муаллимони ҷавобгӯйии талаботи давру замон хеле каманд, ки сабаби асосиаш нокифоя будани маоши муаллимон мебошад. Дар натиҷа бисёр мутахассисони хуб ба дигар соҳаҳо гузаштаанд. Масъалаи музди меҳнат асосан ба муаллимони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дахл дорад. Дар муассисаҳои олии мамлакат омӯзгорон ҳам маоши хуб мегиранд ва ҳам дар сурати ба кор бурдани донишу малака ва таҷрибаи худ метавонанд музди иловагии ҳалолу қонунии худро соҳиб бигарданд ва ҳоҷати ба фасод рӯ овардани онҳо намемонад.

Фасод дар соҳаи маориф, чуноне худи вазир баён дошт, ҳанӯз ҳам ҷой дорад. Мутаассифона, онро якбора наметавон барҳам зад. Бо он созиш ҳам кардан нашояд. Ҷой доштани ин амали номатлуб дар соҳаи маориф аз дигар соҳаҳо бадтар мебошад, зеро соҳаи маориф таъминкунандаи ҳамаи бахшу соҳаҳои боқимонда бо мутахассисон мебошад. Бинобар ин тозакунии соҳа аз ашхоси тасодуфию манфиатҷӯ яке аз масъалаҳои мубрами вазорат дар солҳои минбаъда боқӣ хоҳад монд.

*Мирзо НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»*

## Панҷсад корхона узви палата

-Дар соли 2011 ҳамкории Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ПСС ҶТ) бо воситаҳои ахбори омма самаранок буд.

Журналистон тавассути намоишу гуфторҳо ва мақолаю хабарҳои хеш дар шабакаҳои телевизонӣ ва радиоӣ, нашрияҳо фаъолияти Палатаро доир ба самтҳои гуногуни фаъолият, ки ба рушди иқтисодиёти кишвар ривоҷи ҳамкориҳои тиҷоратӣ , саноатӣ, пайванди соҳибкорони ватаниву хориҷӣ равона шудааст, ҳамаҷониба инъикос намуданд,- гуфт муовини раиси Палата Асаналӣ Карамалиев.

Даромади Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми сол аз ҳисоботи хизматрасонӣ дар маҷмӯъ 3876 ҳазор сомониро ташкил дод. Шумораи аъзои Палата дар ин давра 500 корхонаю ташкилотро дар бар мегирад.

Ҳамкориҳои Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ густариш ёфтанд. То 1 январи соли 2012 бо палатаҳои давлатҳои ИДМ ва дигар кишварҳои хориҷӣ зиёда аз 200 Созишнома ва Ёддошти тафоҳум ба имзо расид. Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар давлатҳо 27 намояндагии расмӣ дорад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Палата ташкили намоишгоҳҳо мебошад. Дар ин бобат давоми соли гузашта, аз ҷумла моҳи март якҷоя бо Ширкати эронии «Суруш Хуросон» Намоишгоҳ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон моҳи апрел якҷоя бо Ширкати намоишгоҳии «ЭКСПО-Централ Азия», моҳи июн панҷумин Намоишгоҳи байналмилалии «ИнтерЛегПром» баргузор шуд.

Палата дар Намоишгоҳи байналмилалӣ бахшида ба 20-солагии ИДМ дар шаҳри Москва, ки дар он соҳаҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла гидроэнергетика, захираҳои обӣ, мошинсозӣ, нақлиёт, кишоварзӣ, сайёҳӣ муаррифӣ шуда буд, ширкат варзид.

*К. БУРҲОНИДДИН, «Садои мардум»*

## Ойинаи ҳаройинаи «Сафина»

Барҳақ, матбуотро дастурхони маънавӣ ва телевизионро як гӯшаи пурфайзи он номидан равост, ки низ чун бозори истеъмолоти моддӣ гуногунрангии анвою ғановатро мехоҳад. Аз ин лиҳоз, бо назардошти шароиту имконият, Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» рисолати худро ҳаддалимкон ба иҷро мерасонад. «Маллоҳон» - и «Сафина» - и тоҷикро ниятҳои нек дар нақша ҳаст. Бо чунин мазмун нишасти матбуотии Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» бо иштироки директори он Лутфулло Давлатов баргузор гардид. Нишаст дар рӯҳияи ҳусни тафоҳум, асосан сари масъалаи боз ҳам беҳбуд бахшидан ба фаъолияти телевизиони мазкур ва дарояндаи наздик ба меъёрҳои ҷаҳонӣ наздик намудани он гузашт.

Фаъолияти Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» сол аз сол беҳтар мешавад. Ба мушкилиҳои мавҷудаи молиявию кадрӣ нигоҳ накарда, он ба ойинаи инъикосгари рӯзгори мардум табдил ёфтааст ва тамошобини сершумор дорад. Соли 2011 низ барояшон бобарор буд. Дар давоми сол 24 филми бадеӣ ва 38 филми мустанад ба забони тоҷикӣ тарҷума ва таҳия гардид. Дар баробари ин, дар ин давра филмҳои бадеии «Хокпайванд», «Подошт», «Эҳзон», филмҳои мустанади «Ҳулбук», «Тахти сангин», «Мадрасаи Хоҷа Машҳад» таҳия гаштанд, ки аҳамияти калони тарбиявию омӯзиширо доро мебошанд. Филми кӯтоҳмуддати телевизионии «Фоҷиа» ғолиби озмуни Агентии давлатии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Аҳли эҷоди Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» тасмим доранд, ки ба кор даровардани студияи дуюми пахши барномаҳои иттилоотӣ – сиёсӣ, эҳёи дубораи барномаи иттилоотӣ бо забони англисӣ, ташкили студияи дуюми марказии пахши барномаҳо тариқи таҷҳизоти рақамӣ, банаворгирии ду филми бадеӣ ва чанд филми мустанад ба истиқболи 15 – солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва 20 – солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳо мебошад.

*М. РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»*

## Ислоҳоти соҳа тақозои вақт аст

- Соли 2011 соҳаи Хоҷагии манзилию коммуналии ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ ба истеъмолкунандагон ба маблағи 71 млн. 993,7 ҳазор сомонӣ хизмати гуногуни коммуналӣ расонидааст, ки нисбат ба соли 2010-ум 36,4 фоиз зиёд аст, -гуфт директори генералии КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» Алимурод Тағоймуродов.

Корхонаҳои давлатии фаръии Хоҷагии манзилию коммуналии ниҳолпарварӣ ва кабудизоркунии шаҳри Кӯлоб, корхонаҳои давлатии фаръии Хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияҳои Панҷ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Темурмалик, Ховалинги вилояти Хатлон, шаҳрҳои Табошар, Исфара, Панҷакент, Қайроққум, ноҳияҳои Айнӣ, Зафаробод, Ғончии вилояти Суғд, ноҳияҳои Ҷиргатол, Ҳисор ва Рӯдакӣ аз ноҳияҳои тобеи марказ, Хоруғ, Мурғоб, Дарвоз, Рӯшон соли 2011-ро хуб ҷамъбаст карданд.

Корхонаи давлатии фаръии Хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Рашт иҷрои нишондиҳандаҳои пешбинишударо таъмин карда натавонист. Корхонаҳои коммуналӣ соли 2011 корҳои ободонӣ ва кабудизоркуниро ба маблағи 18275,2 ҳазор сомонӣ, таъмири фонди асосии манзилиро ба маблағи 888,7 ҳазор сомонӣ иҷро намуданд.

Дар мавсими дарахтшинонӣ 81,5 ҳазор бех ниҳоли гуногуни ҳархела шинонида шуд. Корхонаҳои коммуналӣ то оғози мавсими зимистонгузаронӣ 770,4 тонна ангишт, 540,0 $м^3$ ҳезум, 262 тонна намак, 1617 тонна қум, 17 ҳазор литр сӯзишворӣ захира карданд.

Қабули Консепсияи ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2025, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2010 таҳти №321 тасдиқ шудааст, дастоварди муҳими соҳа мебошад.

*А. МӮСОЕВ, «Садои мардум»*

## БДАТ «Амонатбонк» кафолат медиҳад...

- Кормандони бонки мо дар тамоми нуқоти ҷумҳурӣ фаъолияти худро дар асоси супориш ва дастурҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, баҳри боз ҳам хубтару беҳтар ба мизоҷон хизмат расонидан саъю кӯшиш доранд, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ раиси раёсати Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» Гулнора Ҳасанова. – Яке аз шаклҳои хизматрасоние, ки алҳол дар бонки мо роҳандозӣ ва он мақбули ҳамагон гардидааст, ин ба воситаи кортҳои бонкӣ пардохтани нафақа мебошад. Шумораи дорандагони кортҳои бонкӣ 164630 нафарро ташкил медиҳад ва аз ин ҳисоб 157207 нафарашон нафақахӯронанд. Кортҳои бонкӣ барои нафақахӯрон ройгон дода мешавад.

Аз рӯйи ҷамъбасти фаъолияти солонаи бонк фоидаи соф 12,2 миллион сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2010 ду маротиба зиёд аст. Дороиҳои бонк то охири соли пешин 1 миллиарду 45,3 миллион сомониро ташкил дода, дар муқоиса бо соли 2010-ум 19, 5 фоиз афзудааст.

Раёсати БДАТ «Амонатбонк» баробари фаъолияти бонкӣ, инчунин эҳсонкориро низ пеша намуда, дар арафаи иду санаҳои фархунда дар ҳаҷми умумии 1,3 миллион сомонӣ ба эҳтиёҷмандон кӯмаки молиявӣ расонидааст. Бонк сарпарастии мактаб- интернати рақами якуми ноҳияи Рӯдакиро ба зимма дорад.

- БДАТ «Амонабонк» бонки давлатист, - гуфт дар поёни нишаст Г. Ҳасанова. – Бинобар ин, ба шаҳрвандони кишвар кафолат дода метавонад, ки пасандозҳои худро бидуни шубҳа ва дудилагӣ ба шӯъбаҳои мо супоранд ва дар вақти дилхоҳ маблағҳои худро бозпас гиранд.

*Т. Давлат, «Садои мардум»*

## Барномаҳо ҳудуди кишварро бештар фаро мегиранд

Дар соли 2011 аз ҷониби ҶСК «Телерадиоком» барои шабакаҳои давлатии телевизион ва радиои ҷумҳуриявӣ 231 адад фиристанда ба истифода дода шуд. Ин амал баланд бардоштани сифати пахши барномаҳо ва таъмини фарогирии аҳолии ҷумҳуриро бо барномаҳои давлатии телевизион ва радио боз ҳам беҳтар месозад.

Дар асоси Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ барои солҳои 2010-2025 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №76 аз 27 феврали соли 2010 дар бораи «Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» ба тасвиб расид. Барномаи мазкур аз шаш давра иборат аст ва даври аввали он иҷро шуд. Мувофиқи ин Барнома, дар шаҳри Душанбе фиристандаи рақамӣ насб гардид, ки пойтахти ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои атрофи онро бо барномаҳои телевизион ва радиои давлатӣ таъмин менамояд. Алҳол дар доираи марҳилаи дуюм дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд насби таҷҳизот идома дорад. Баъди амалӣ гардидани Барномаи зикршуда марказҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо пахши барномаҳои телевизион ва радиои рақамӣ таъмин мегардад.

Аз ҷумлаи корҳое, ки дар соли нави 2012 бояд анҷом дода шаванд, ин сохтмони ду студияи муосири ҷавобгӯ ба тамоми талабот дар Шабакаи якуми Телевизиони Тоҷикистон, дастраснамоии техникаю технологияи навтарини замонавӣ мебошад.

Ин ва дигар маълумотҳои муфассал дар нишасти матбуотии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаши хабарнигорон шуд. Ҳамзамон раиси Кумита Асадулло Раҳмонов ба саволҳои пайдошуда посух дод.

*Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»*

## Ҳолати иҷрои қонунҳо таҳти назорат қарор дорад

Мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи соли 2011 баҳри таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон як қатор корҳои назаррасро ба анҷом расонд,- гуфт дар нишасти матбуотӣ муовини аввали Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуқодир Муҳаммадиев.

Дар ин давра вобаста ба ҳолати иҷрои қонунҳо 6799 санҷиш гузаронида, баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани қонунвайронкуниҳо 23111 амру пешниҳод бароварда, ба санадҳои ғайриқонунӣ қабулшуда 10737 эътироз оварда шудааст. Дар асоси қарору пешниҳодҳои прокуророн 23461 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ ва маъмурӣ кашида шудаанд.

Зарари расонидашуда ба маблағи 202 млн. 200 ҳазор сомонӣ (185.641.466 сомонӣ ва 37525 доллари ИМА) барқарор карда шуд. Аз ин ҳисоб 131 млн. 373 ҳазор сомонӣ ба буҷети давлат ворид гашта, 3097 сар чорво ба тариқи аслӣ барқарор карда шуд.

Дар соли 2011 ҷинояткорӣ рӯ ба афзоиш ниҳода, 16864 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки ин назар ба соли пешина 2316 адад ё 15,92 фоиз зиёд мебошад ва ошкоркунии онҳо 90 фоизро ташкил медиҳад. Ҷиноятҳои аз тарафи ноболиғон ва бо иштироки онҳо содиршуда тамоюли болоравӣ дошта, 545 адад ба қайд гирифта шудааст ва 2,8 фоиз зиёд мебошад. Аз рӯйи намуд ҷиноятҳои роҳзанӣ, қаллобӣ, ғайриқонунӣ нигоҳ доштани яроқ, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, тамаъҷӯйӣ ва ҷиноятҳои иқтисодӣ афзоиш ёфтаанд.

Муфаттишони мақомоти прокуратура тафтиши пешакии 3089 парвандаи ҷиноятиро ба анҷом расонида, 2387-тои онро бо тасдиқи фикри айбдоркунӣ ба суд фиристодаанд, ки аксарият марбут ба ҷиноятҳои мураккабу бисёрлаҳза мебошанд. Дар рафти тафтиши онҳо зарар ба маблағи 16 млн. 116 ҳазор сомонӣ ва 293 ҳазор доллари ИМА барқарор карда шудааст.

Дар ин давра ба пешгирии ҳодисаҳои худкушӣ диққати махсус дода шуд. Дар натиҷа, назар ба соли гузашта 20,2 фоиз ин намуди ҳодиса кам гардид. Вобаста ба ҳодисаҳои худкушӣ 47 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд, ки 32 ададаш баъди анҷоми тафтишоти пешакӣ ба суд ирсол гардид. Парвандаҳои боқимонда мавриди тафтиш қарор доранд.

*М. АЪЗАМ, «Садои мардум»*

## Соли наву роҳбари нав

Ба Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иттифоқ афтод, ки соли фаъолияти навбатиро бинобар вакили парлумон интихоб гаштани Сӯҳроб Шарифов, бо роҳбари нави дар гузашта вазири фарҳанги ҷумҳурӣ ва ахиран Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Бобохон Маҳмадов оғоз намояд. Эҳтимол бо ҳамин ваҷҳ нишасти матбуотиро муовини директори маркази номбурда Сайфулло Сафаров пеш бурд.

Маълум гардид, ки ин муассисаи давлатии илмию тадқиқотӣ, иттилоотию таҳлилӣ ва машваратӣ дар соли сипаригардида низ аз иҷрои вазифаҳои бар зиммадоштааш баромада, аз худ ва фаъолияти густурдаи худ на танҳо дар ҳудуди ИДМ, балки Конгресси ИМА низ дарак додааст.

Дар давраи ҳисоботӣ самти асосии фаъолияти Марказро Стратегияи рушди низоми сиёсӣ ва фарҳанги сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи таъмини рушди сифатноки иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намуда, аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ ба ҳайси яке аз марказҳои ҳозиразамони таҳлилӣ эътироф гардида, чун Маркази миллии тадқиқотии Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) кишвари моро дар Форуми Шанхай намояндагӣ менамояд. Ҳамчунин намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар шаҳри Бишкек ва Маркази таҳлилии СШАД (ОДБК) низ мебошад. Бо чанде аз давлатҳои хориҷи дуру наздик робитаҳои фаъолро ба роҳ мондааст.

Соли 2011 кормандони Марказ беш аз 60 пешниҳод, гузоришҳои таҳлилӣ, тадқиқотӣ ва дигар супоришҳои якдафъаина омода ва қисми зиёди онро ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуданд.

*М. НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»*

## Соҳаи иҷтимоиёт ва фарҳанг рушд ёфт

Роҳбарони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат, ташкилоту муассисаҳо, раисони ҷамоатҳои деҳоти шаҳру ноҳия баъд аз анҷоми маҷлиси ҷамъбастии солона ба мулоқот бо хабарнигорон ҳозир шуданд. Зимни сӯҳбатҳои кӯтоҳ бо чанде аз онҳо маълум гардид, ки натиҷаҳои сол дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр қаноатманд мебошад. Тавре мудири шӯъбаи иҷтимоӣ-фарҳангии дастгоҳи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат Исломи Ниёз иброз намуд:

-Соли 2011-ум барои шаҳри Ваҳдат соли бобарор буд. Тӯли 20 соли истиқлолияти кишварамон шаҳр дар дотатсияи давлат қарор дошт ва дар ҳамин соли ҷашни ифтихорӣ аз дотатсия баромад, яъне аз кӯмаки молиявии беподоши давлат озод гардида, дар ҳама соҳаҳо комёбиҳои хуб ба даст омад. Ба шарофати 66 фоиз афзудани маблағҳои буҷети маҳаллӣ имконият фароҳам омад, ки соҳаи иҷтимоиёт ва фарҳанг рушд ёбад. Чунончӣ, дар соҳаи тандурустӣ 116 номгӯй таҷҳизоти тиббӣ харидорӣ гардида, мушкилоти мутахассисон то андозае ҳал гардид. Инчунин чор нақлиёти ёрии таъҷилӣ, ки чандин сол боз мушкилоти асосӣ маҳсуб меёфт, ба шаҳр ворид гардид. То ин дам тавассути танҳо як мошини ёрии таъҷилӣ ба мардум хизмат расонда мешуд.

Дар соҳаи маориф низ пешравии зиёд ба амал омад. Аз ҷумла ду мактабе, ки дар хонаҳои шахсӣ ҷойгир буд, ба бинои алоҳида кӯчонида шуд. Комёбиҳои соҳаи фарҳанг низ зиёд аст. Солҳои зиёд дар муассисаҳои фарҳангӣ нарасидани асбобҳои мусиқӣ, баландгӯякҳо, дигар таҷҳизоти барқӣ, нақлиёт мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон бино ва толори қасри фарҳанги маркази шаҳр фарсуда гардида буд. Ин масъалаҳо дар соли 2011 ҳалли худро пайдо карданд.

Дар бораи комёбиҳои соли гузашта гузориши муфассали хаттӣ пешкаши хабарнигорон шуд, бинобар ин нишасти матбуотӣ ба таври саволу ҷавоб ҷараён гирифт. Муовини аввали раиси шаҳри Ваҳдат Қиёмиддин Абдуллоев ва дигар масъулон ба саволҳои мавриди таваҷҷуҳи намояндагони воситаҳои ахбори омма ҷавобҳои мушаххас доданд.

*Бурҳониддини ИСМАТУЛЛО, «Садои мардум»*

● Сатрҳои ихлос

# ЯКДИЛУ ЯКСИФАТУ ЯКРӮ БУД...

## шаммае аз рӯзгори ибратомӯзи ходими намоёни давлативу ҷамъиятӣ Ҷанобиддин Лафизов



Бо шарофати соҳибистиқлол гардидани кишвари азизамон ва сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати гиромидошти хотираи фарзандони барӯманди Ватан иқдомоти зиёде амалӣ мешавад. Аз ҷумла пос доштани хотираи неки ходимони намоёни давлативу ҷамъиятӣ, ки дар рушду нумӯи Тоҷикистони азизамон саҳми арзанда гузоштаанд, хоса дар айёме ки ватани азизамон дар марҳилаи рушди ҳама бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ қарор дорад, дар тарбияи насли худогоҳу меҳанпараст кӯмаки амалӣ мерасонад.

Бо назардошти аҳамияти муҳими ин омил, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ зикр намуда буданд: «Дар айёми ҷашну сурур аз шахсиятҳои таърихӣ, инсонҳои равшанзамир ва машъалдорони роҳи озодиву истиқлолият, бунёдгузорони Тоҷикистони нав, парчамбардорони матини илму адаб ва фарҳанги миллии тоҷикон бо сипосгузорӣ ёдовар шудан амри воҷиб аст. Зеро ин фарзандони бошарафи халқи тоҷик поягузорони кишвари маҳбуби мо ба шумор меравanд».

Ҷанобиддин Лафизов яке аз шахсиятҳои намоёне аст, ки ҳамчун ходими намоёни давлативу ҷамъиятӣ ва собиқ вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди соҳаи молия нақши муассир гузоштааст. Номи ин марди фозилу донишманд, поктинату ҳалолкор барои аксари ҳамватанони мо шинос буда, ниёз ба муаррифӣ надорад.

Мавсуф зодаи Исфараи бостонӣ буда, пас аз хатми мактаби миёна ба Техникуми молиявӣ-иқтисодии шаҳри Сталинобод дохил шуда, онро бо дипломи аъло хатм намуда, ба Донишкадаи молиявӣ-иқтисодии шаҳри Ленинград дохил гардидааст. Соли 1954 пас аз хатми донишкада ба техникуми мазкур ба сифати устоди фанҳои тахассусӣ ба кор омада, то соли 1957 фаъолияти касбиашро ба сифати омӯзгори ҳамин таълимгоҳ давом дод. Сипас, солҳои зиёд дар вазифаҳои пурмасъули давлатӣ хизмат карда, аз ҷумла тӯли ду даҳсола вазифаи вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба зимма дошт.

Бояд зикр намуд, ки замони роҳбарии Ҷанобиддин Лафизов соҳаи молияи кишвар ба марҳилаи нав ворид шуда, ҷумҳурӣ дар ин самт ба комёбиҳои назаррас ноил гардид. Боиси ифтихори аксарияти кормандони мақомоти молияву иқтисоди кишвар аст, ки ин марди наҷибу фарзона ба онҳо ҳаққи устодӣ дошта, ба пайраҳаи пажӯҳишу тадқиқ ва фаъолияти касбӣ раҳнамун сохтааст.

Саҳми Ҷанобиддин Лафизовро дар рушди соҳаи маорифи кишвар ва омодасозии мутахассисони соҳибкасби соҳаи молияву иқтисод махсусан зикр карда зарур аст. Аз ҷумла дастгириҳои беғаразонаи Ҷанобиддин Лафизов бо мақсади роҳандозии фаъолияти пурмаҳсули Техникуми молиявӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе, ки худ дастпарвари он мебошад, хеле назаррас буд. Муассисаи таълимии мазкур, ки соли 1973 аз нав таъсис ёфта буд, дар оғози фаъолият бо мушкилоти зиёди моддӣ ва таълимиву методӣ рӯ ба рӯ гардид. Маҳз бо дастгирӣ ва кӯмаки бевоситаи Ҷанобиддин Лафизов, ки он замон вазифаи вазири молияи ҷумҳуриро ба зимма дошт, мушкилоти пешомада фаврӣ ҳалли худро дарёфт намуд. Ҷанобиддин Лафизов якҷоя бо собиқ муовини вазири молияи Тоҷикистон Ӯрмон Саидов ва собиқ директори Техникуми молиявӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе шодравон Азиз Хоҷаевич Каримов барои такмили заминаи моддӣ-техникии таълимгоҳ ва фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму тарбия саҳми арзанда гузоштааст. Бо ибтикори ин мардони фозилу оқил техникуми мазкур дар муддати кӯтоҳ ба яке аз таълимгоҳҳои базавии тахассусӣ табдил ёфт, ки минбаъд дар кори омода сохтани мутахассисони соҳибкасби соҳаи молияву иқтисод саҳми арзанда гузошт. Тамоми навгониҳое, ки тӯли солҳои 70-80 дар таълимгоҳи мазкур ба вуқӯъ пайвастанд, бевосита ба номи Ҷанобиддин Лафизов марбут аст. Дар муддати кӯтоҳ ду хобгоҳи замонавӣ, ошхона, синфхонаҳои бо таҷҳизоти замонавии таълимӣ муҷаҳҳаз сохта шуда, курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи молияву иқтисоди кишвар ташкил ёфтанд. Устодону шогирдони таълимгоҳ бо тамоми шароити зарурӣ таъмин гардида, аз ғамхориҳои ин родмард бархӯрдор буданд. Боиси ифтихор аст, ки хатмкунандагони ин таълимгоҳ на танҳо дар рушду нумӯи соҳаи молияву иқтисоди Тоҷикистон, балки кишварҳои хориҷи дуру наздик низ саҳми назаррас гузоштаанд ва имрӯзҳо ин анъанаро давом медиҳанд. Соли 2009 ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир дар заминаи Техникуми молиявӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе муассисаи таълимии Донишкадаи молияи Тоҷикистон таъсис ёфт ва устодону кормандони он то ҳанӯз аз нақши Ҷанобиддин Лафизов дар кори таъсиси таълимгоҳ ва ба роҳ мондани фаъолияти он бо самимият ёдоварӣ мекунанд.

Имрӯзҳо ташкил намудани конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳҳои гуногун дар муассисаҳои таълимии мамлакат ба ҳукми анъана даромадааст, ки солҳои 80-ум аз ҳодисаҳои нодир маҳсуб мегардид. Ҳанӯз соли 1984 бо ташаббусу дастгирии бевоситаи Ҷанобиддин Лафизов дар Техникуми молиявӣ–иқтисодии шаҳри Душанбе аввалин маротиба Конференсияи умумииттифоқии илмӣ-амалии устодони техникумҳои молиявӣ ва молиявӣ – иқтисодии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар сатҳи хеле баланди илмӣ доир гашт, ки дар кори он зиёда аз 150 нафар намояндагони 33 техникумҳои соҳавӣ ширкат варзиданд. Дастгирии чунин чорабинӣ аз ҷониби Ҷанобиддин Лафизов далели возеҳи таваҷҷуҳи ӯ ба тарбияи кадрҳои ҷавону болаёқат ва рушду инкишофи соҳаи молияву иқтисод мебошад. Чунин мисолҳое, ки бозгӯи фаъолияти созандаи ин шахсият мебошанд, хеле зиёданд, вале ҳамаи онҳоро дар доираи як мақолаи хурд фаро гирифтан номумкин аст.

Дар марҳилаи нави инкишофи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон низ ин марди накӯном, сарфи назар аз он ки ба давраи пирӣ расида буд, кӯшиш ба харҷ медод, ки бо фаъолияту маслиҳатҳои хеш дар амалисозӣ ва тарғибу ташвиқи сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳмгузор бошад. Ин аст, ки то лаҳзаҳои охири умр дар хизмати халқу Ватан буд. Вале чӣ илоҷ ки:

***Ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,***
***Рафтанду равем, боз оянду раванд.***

Ин марди дарёдил рӯзгори ибратбахшеро аз сар гузаронидааст, ки барои мо, шогирдон намунаи ибрат мебошад. Бояд зикр намуд, ки шогирдони зиёду бешумори ӯ ҳоло дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар фаъолият мекунанд.

Имрӯз кормандони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми сохтору мақомоти он бо роҳбарии вазири молия Сафаралӣ Наҷмуддинов зиндагиномаи ин қабил мардони хирадро намунаи ибрат дониста, пайи рушду нумӯи соҳаи молия ва шукуфоии ватани соҳибистиқлоли худ ҷаҳду талош доранд.

Ҷоиз ба зикр аст, ки Ҷанобиддин Лафизов дар оиладорӣ низ намунаи ибрат буда, фарзандони хешро дар рӯҳияи ватандӯстиву ростқавлӣ ва масъулиятшиносиву худогоҳӣ ба воя расонидааст. Натиҷаи меҳнат ва саъю кӯшиши падари бузургвор буд, ки имрӯз онҳо дар ободониву рушди ватани худ саҳми босазо доранд. Фарзанди калонӣ Ҷамолиддин ёвари Сарвазири ҷумҳурӣ буда, фарзанди дигараш Фурқат дар Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ ифои вазифа дорад. Духтаронаш низ таҳсилкарда буда, соҳиби оилаҳои ободанд ва анъанаи неки падари бузургвори худро сарбаландона идома дода, хотираи ӯро бо меҳнати ҳалолу самарабахш пос медоранд, зеро Ҷанобиддин Лафизов шахсе буд, ки мисраъҳои зерини Анвариро шиори зиндагии худ медонист:

***Якдилу яксифату якрӯ бош,***
***Аз дурӯёни ҷаҳон яксӯ бош.***

Рӯҳаш шод ва манзили охираташ обод бод!

***Бахтиёр ҚОБИЛОВ,***
***мушовири вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ директори Техникуми (коллеҷи) молиявӣ -иқтисодии шаҳри Душанбе***

## ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни мақолаи беҳтаринро дар мавзӯи экология эълон менамояд.

Озмун аз 1 январ то 20 декабри соли 2012 гузаронида шуда, дар як сол ду маротиба- аз 20 то 25 июн ва аз 20 то 25 декабр ҷамъбаст мегардад. Аризаҳои иштироккунандагон дар давоми сол қабул карда мешаванд.

**Намунаи мавзӯъҳои озмун:**

- тағйирёбии иқлим, чораҳои пешгирикунанда ва мутобиқсозии иқтисодиёти кишвар ба оқибатҳои ногувори он;
- истифодаи захираҳои обию энергетикӣ;
- масъалаҳои экологии байнисарҳадӣ;
- инъикоси мавқеъ ва сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла истифодаи захираҳои обию энергетикӣ;
- энергетика ва камбизоатӣ;
- тарбия ва маърифати экологии аҳолӣ;
- ҳифзи гуногунии биологӣ;
- идоракунии партовҳо ва ғайра.

Ғолибон бо мукофотҳои пулии зерин қадр карда мешаванд:

- ҷойи аввал - 800 сомонӣ;
- ҷойи дуюм - 600 сомонӣ;
- ҷойи сеюм - 400 сомонӣ.

Бо қоидаҳои озмун дар сомонаи интернетии www.parlament.tj метавонед шинос шавед.

**Ба Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### АРИЗА

**барои ширкат дар озмуни мақолаи беҳтарин дар мавзӯи экология**

Ному насаб (пурра)
Ихтисос:
Номи мақола:
Дар куҷо нашр шудааст:
Телефон барои тамос
Суроға:
Суроғаи электронӣ:

*Имзо ва таърих*

**Эзоҳ:** Ариза ва нусхаи мақола дар формати А-4, шрифти Times New Roman Tj, андозаи 14 бо ишораи «Ба Комиссияи озмун» ба суроғаи: 734051 шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи муваққатии экологӣ ирсол карда мешавад. Нусхаи электронии мақола ба суроғаи почтаи электронии ecocomission@yandex.ru ирсол мегардад.

## Тоҷикистон –давлати аз бемории фалаҷ озод

Ҳифзи саломатии модару кӯдак самти афзалиятноки соҳаи тандурустии кишвар ба ҳисоб меравад. Баҳри муайян намудани оқибатҳои баъзе беморӣ, ба монанди бемории фалаҷ, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мониторинг гузаронид. Аз тарафи коршиносони Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба назорати эпидемиологии ин беморӣ воҳӯриҳо доир гардида, онҳо ба тадбирҳо оид ба пешгирии ин беморӣ баҳои мусбат доданд.

Моҳи августи соли 2011 Тоҷикистон аз тарафи Комиссияи минтақавии Аврупо оид ба сертификатсия ҳамчун давлати аз бемории фалаҷ озод дониста шуд. Айни замон баҳри пешгирии бемории гулӯзиндонак тайёрӣ дида мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои харидорӣ намудани ваксина як миллион доллари амрикоӣ ҷудо намудааст.

*Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»*




# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Музоядаи № 4-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан истифодашуда 10 феврали соли 2012 баргузор менамояд**

| р/т | Тамга | Соли бароориш | Рақами давлатӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | КБ-674 | 1974 | б/р | Кранҳои манорavии ҶДММ «Манора» | 20880 |
| 2. | КБ-403 | 1982 | б/р | | 26300 |
| 3. | С-981 | 1974 | б/р | | 13220 |
| 4. | С-402 | 1983 | б/р | | 16056 |
| 5. | С-403 | 1980 | б/р | | 16056 |
| 6. | С-981 | 1977 | б/р | | 13220 |
| 7. | КБ-674 | 1977 | б/р | | 20880 |
| 8. | ВАЗ-2106 | 1998 | 00-95 А 01 РТ | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 9653 |
| 9. | УАЗ 31514 | 1998 | 14-40 А 01 РТ | | 11408 |
| 10. | УАЗ 31514 | 2000 | 14-32 А01РТ | | 8910 |
| 11. | УАЗ 31514 | 2000 | 08-47 А 01 РТ | | 8910 |
| 12. | УАЗ 31514 | 2000 | 62-00 А01РТ | | 8910 |
| 13. | Краз-256 Б1с/с | 1988 | 57-42 А02РТ | Корхонаи давлатии «Востокредмет» | 10000 |
| 14. | А/кран СМК-7м | 1985 | 50-24 А02РТ | | 10000 |
| 15. | МАЗ-5429 тягач | 1981 | 50-56 А 02 РТ | | 10000 |
| 16. | А/м МШТС-4м | 1986 | 20-14 ЛБЛ | | 10000 |
| 17. | ГАЗ-66 АС-3902спец | 1990 | 32-72 ЛБМ | | 10000 |
| 18. | А/реф-ор ГАЗ-5204 | 1986 | 20-40 ЛБЛ | | 10000 |
| 19. | Автобус Т-3205 | 1992 | 50-62 А02РТ | | 1000 |
| 20. | Автобус Т-3205 | 1993 | 50-69 А 02 РТ | | 5000 |
| 21. | РАФ-22031 | 1990 | 44-17 А 02 РТ | | 1500 |
| 22. | ИЖ-2715 | 1991 | 50-51 А 02 РТ | | 1147 |
| 23. | Кран КС-5363 | 1985 | Р/Б 21-35 | | 20000 |
| 24. | Экскаватор ЭО5111Б | 1983 | Р/Б 06-83 | | 15000 |
| 25. | ГАЗ-24 | 1985 | 21-23 В 02 РТ | ҶСК «Тоҷиктелеком» | 1578 |
| 26. | ГАЗ-24 | 1985 | 29-38 В 02 РТ | | 6800 |
| 27. | ГАЗ-52 | 1989 | 12-66 В 02 РТ | | 732 |
| 28. | ГАЗ-52 | 1988 | 29-31 В02РТ | | 982 |
| 29. | ИЖ-2715 | 1989 | 29-15 А 02 РТ | | 1558 |
| 30. | ГАЗ-24 | 1982 | 63-00 А 02 РТ | | 4700 |
| 31. | Трактор Т-28 | 1984 | 16-37 ЗК | | 1477 |
| 32. | ИЖ-2715 | 1987 | 06-86 А 02 РТ | | 1275 |
| 33. | ИЖ-21251 | 1990 | 53-76 А 02 РТ | | 1875 |
| 34. | ГАЗ-52 | 1987 | 91-89 ЛБМ | | 953 |
| 35. | Трактор Т-28х4 | 1989 | 02-94 Т 02 РТ | | 1200 |
| 36. | ИЖ-2715 | 1989 | 09-94 А 01 РТ | | 658 |
| 37. | ИЖ-2715 | 1988 | 16-55 А 03 РТ | | 3113 |
| 38. | УАЗ- 3741 | 1989 | 09-80 А 01 РТ | | 880 |
| 39. | ЗИЛ-130КС-2561 | 1975 | 68-03 А 01 РТ | | 1604 |
| 40. | УАЗ - 3741 | 1987 | 09-92 А 01 РТ | | 792 |
| 41. | УАЗ-315122 | 1989 | 00-57 А 04 РТ | | 792 |
| 42. | ГАЗ САЗ-65-07 | 1991 | 12-50 А 04 РТ | | 2444 |
| 43. | ВАЗ-21213 | 1998 | 06-94 А 01 РТ | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | 1725 |
| 44. | ВАЗ-21213 | 2002 | 84-05 А 01 РТ | Раёсати минтақавии гумрук дар шаҳри Турсунзода | 2647 |
| 45. | ВАЗ -2107 | 1999 | 45 - 03 А 01 РТ | КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 2095 |
| 46. | ГАЗ-3102 | 1998 | 15-57 А 01 РТ | КВД ҷумҳуриявии Пажӯҳишгоҳи лоиҳакашии «Нурофар», Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 985 |
| 47. | Камаз 54-10 | 1984 | 42-63 ЛБИ | КВД истифодабарию сохтмонии оби нӯшокии ш. Исфара. Муассисаи давлатии «Сарраёсати Тоҷикобдеҳот», Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10000 |
| 48. | ГАЗ-3110 | 1997 | 09-00 Б 02 РТ | Нозироти андози шаҳри Истаравшан | 18710 |
| 49. | ВАЗ-21213 | 2000 | 62-48 А 02 РТ | Идораи хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12447 |
| 50. | ГАЗ-31029 | 1993 | 08-22 А 01 РТ | Маркази ҷумҳуриявии раҳнамойи касбӣ | 20292 |
| 51. | КАВЗ-3976 | 1991 | 031ВА01РТ | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1335 |
| 52. | КАВЗ-3271 | 1990 | 032 ВА 01 РТ | | 1335 |
| 53. | ГАЗ-5304 | 1986 | 003 ВА 02 РТ | | 1335 |
| 54. | ГАЗ-5304 | 1986 | 004 ВА 02 РТ | | 1335 |
| 55. | ЗИЛ-ММЗ-45021 | 1986 | 57-61 ЛБЛ | МНА-4 ноҳияи Ҷ.Расулов, Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3000 |
| 56. | КАМАЗ-5511 | 1987 | 16-66 ЛБЛ | | 10000 |
| 57. | КАМАЗ-5511 | 1985 | 16-63 ЛБЛ | | 10000 |
| 58. | КАМАЗ-5511 | 1985 | 16-62 ЛБЛ | | 10000 |
| 59. | КАМАЗ-5511 | 1984 | 02-50 ЛБЛ | | 10000 |
| 60. | КАМАЗ-5511 | 1986 | 39-21 ЛБЛ | | 10000 |
| 61. | КАМАЗ-5511 | 1983 | 01-96 В 02 | | 10000 |
| 62. | ГАЗ-53 | 1985 | 34-86 А 02 | | 3000 |
| 63. | МАЗ-5549 | 1986 | 04-57 А 02 | | 6000 |
| 64. | МАЗ-5549 | 1986 | 43-85 А 02 | | 6000 |
| 65. | ЗИЛ-ММЗ-45021 | 1987 | 49-02 А 02 | | 5000 |
| 66. | ГАЗ-3102 | 2000 | 59-39 В 01 | Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷумҳурият» | 17043 |
| 67. | Мерседес Бенс-200 | 1995 | 30-92 Е 01 | КВД «Ташхисгар», Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 16875 |
| 68. | ГАЗ-31029 | 1993 | 69-18А01 | | 5085 |
| 69. | ГАЗ-53 Б | 1989 | 99-21 СБР | Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Нуробод | 1194 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда: **хиёбони Рӯдакӣ 44, шаҳри Душанбе, тел: 221-73-74, 221-49-87, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47, тел: 92-796-40-16; шаҳри Кӯлоб, кӯчаи И. Сомонӣ 35, тел: 2-41-14.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори 5 фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин фаҳмидан мумкин аст: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47, тел: 92-796-40-16; шаҳри Кӯлоб, кӯчаи И. Сомонӣ 35, тел: 2-41-14.**

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**10 февраля 2012 года проводит аукцион №4 по продаже транспортных средств, ранее бывших в употреблении**

| п/н | Марка | Год выпуска | Госномер | Принадлежность | Стартовая цена (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | КБ-674 | 1974 | б/н | Башенные краны ООО «Манора» | 20880 |
| 2. | КБ-403 | 1982 | б/н | | 26300 |
| 3. | С-981 | 1974 | б/н | | 13220 |
| 4. | С-402 | 1983 | б/н | | 16056 |
| 5. | С-403 | 1980 | б/н | | 16056 |
| 6. | С-981 | 1977 | б/н | | 13220 |
| 7. | КБ-674 | 1977 | б/н | | 20880 |
| 8. | ВАЗ-2106 | 1998 | 00-95 А 01 РТ | Генеральная прокуратура Республики Таджикистан | 9653 |
| 9. | УАЗ 31514 | 1998 | 14-40 А 01 РТ | | 11408 |
| 10. | УАЗ 31514 | 2000 | 14-32 А01РТ | | 8910 |
| 11. | УАЗ 31514 | 2000 | 08-47 А 01 РТ | | 8910 |
| 12. | УАЗ 31514 | 2000 | 62-00 А01РТ | | 8910 |
| 13. | Краз-256 Б1с/с | 1988 | 57-42 А02РТ | Государственное предприятие «Востокредмет» | 10000 |
| 14. | А/кран СМК-7м | 1985 | 50-24 А02РТ | | 10000 |
| 15. | МАЗ-5429 тягач | 1981 | 50-56 А 02 РТ | | 10000 |
| 16. | А/м МШТС-4м | 1986 | 20-14 ЛБЛ | | 10000 |
| 17. | ГАЗ-66 АС-3902спец | 1990 | 32-72 ЛБМ | | 10000 |
| 18. | А/реф-ор ГАЗ-5204 | 1986 | 20-40 ЛБЛ | | 10000 |
| 19. | Автобус Т-3205 | 1992 | 50-62 А02РТ | | 1000 |
| 20. | Автобус Т-3205 | 1993 | 50-69 А 02 РТ | | 5000 |
| 21. | РАФ-22031 | 1990 | 44-17 А 02 РТ | | 1500 |
| 22. | ИЖ-2715 | 1991 | 50-51 А 02 РТ | | 1147 |
| 23. | Кран КС-5363 | 1985 | Р/Б 21-35 | | 20000 |
| 24. | Экскаватор ЭО5111Б | 1983 | Р/Б 06-83 | | 15000 |
| 25. | ГАЗ-24 | 1985 | 21-23 В 02 РТ | АОО «Тоҷиктелеком» | 1578 |
| 26. | ГАЗ-24 | 1985 | 29-38 В 02 РТ | | 6800 |
| 27. | ГАЗ-52 | 1989 | 12-66 В 02 РТ | | 732 |
| 28. | ГАЗ-52 | 1988 | 29-31 В02РТ | | 982 |
| 29. | ИЖ-2715 | 1989 | 29-15 А 02 РТ | | 1558 |
| 30. | ГАЗ-24 | 1982 | 63-00 А 02 РТ | | 4700 |
| 31. | Трактор Т-28 | 1984 | 16-37 ЗК | | 1477 |
| 32. | ИЖ-2715 | 1987 | 06-86 А 02 РТ | | 1275 |
| 33. | ИЖ-21251 | 1990 | 53-76 А 02 РТ | | 1875 |
| 34. | ГАЗ-52 | 1987 | 91-89 ЛБМ | | 953 |
| 35. | Трактор Т-28х4 | 1989 | 02-94 Т 02 РТ | | 1200 |
| 36. | ИЖ-2715 | 1989 | 09-94 А 01 РТ | | 658 |
| 37. | ИЖ-2715 | 1988 | 16-55 А 03 РТ | | 3113 |
| 38. | УАЗ- 3741 | 1989 | 09-80 А 01 РТ | | 880 |
| 39. | ЗИЛ-130КС-2561 | 1975 | 68-03 А 01 РТ | | 1604 |
| 40. | УАЗ - 3741 | 1987 | 09-92 А 01 РТ | | 792 |
| 41. | УАЗ-315122 | 1989 | 00-57 А 04 РТ | | 792 |
| 42. | ГАЗ САЗ-65-07 | 1991 | 12-50 А 04 РТ | | 2444 |
| 43. | ВАЗ-21213 | 1998 | 06-94 А 01 РТ | АОТ «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | 1725 |
| 44. | ВАЗ-21213 | 2002 | 84-05 А 01 РТ | Турсунзадевское региональное таможенное управление | 2647 |
| 45. | ВАЗ -2107 | 1999 | 45 - 03 А 01 РТ | ГУП «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 2095 |
| 46. | ГАЗ-3102 | 1998 | 15-57 А 01 РТ | Республиканское ГУП проектный институт «Нурофар», Министерство энергетики и промышленности Республики Таджикистан | 985 |
| 47. | Камаз 54-10 | 1984 | 42-63 ЛБИ | ГУП по эксплуатации и строительству объектов питевой воды г. Исфара, Госучреждение Главного управления «Тоҷикобдеҳот» Министерство мелиорации и водных ресурсов Республики Таджикистан | 10000 |
| 48. | ГАЗ-3110 | 1997 | 09-00 Б 02 РТ | Налоговая инспекция города Истаравшан | 18710 |
| 49. | ВАЗ-21213 | 2000 | 62-48 А 02 РТ | АХО Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан | 12447 |
| 50. | ГАЗ-31029 | 1993 | 08-22 А 01 РТ | Республиканский центр профориентации | 20292 |
| 51. | КАВЗ-3976 | 1991 | 031ВА01РТ | Главное управление исполнения наказаний Министерство юстиции Республики Таджикистан | 1335 |
| 52. | КАВЗ-3271 | 1990 | 032 ВА 01 РТ | | 1335 |
| 53. | ГАЗ-5304 | 1986 | 003 ВА 02 РТ | | 1335 |
| 54. | ГАЗ-5304 | 1986 | 004 ВА 02 РТ | | 1335 |
| 55. | ЗИЛ-ММЗ-45021 | 1986 | 57-61 ЛБЛ | АТП-4 Дж.Расуловского района, Министерство мелиорации и водных ресурсов Республики Таджикистан | 3000 |
| 56. | КАМАЗ-5511 | 1987 | 16-66 ЛБЛ | | 10000 |
| 57. | КАМАЗ-5511 | 1985 | 16-63 ЛБЛ | | 10000 |
| 58. | КАМАЗ-5511 | 1985 | 16-62 ЛБЛ | | 10000 |
| 59. | КАМАЗ-5511 | 1984 | 02-50 ЛБЛ | | 10000 |
| 60. | КАМАЗ-5511 | 1986 | 39-21 ЛБЛ | | 10000 |
| 61. | КАМАЗ-5511 | 1983 | 01-96 В 02 | | 10000 |
| 62. | ГАЗ-53 | 1985 | 34-86 А 02 | | 3000 |
| 63. | МАЗ-5549 | 1986 | 04-57 А 02 | | 6000 |
| 64. | МАЗ-5549 | 1986 | 43-85 А 02 | | 6000 |
| 65. | ЗИЛ-ММЗ-45021 | 1987 | 49-02 А 02 | | 5000 |
| 66. | ГАЗ-3102 | 2000 | 59-39 В 01 | Официальное издание Республики Таджикистан «Ҷумҳурият» | 17043 |
| 67. | Мерседес Бенс-200 | 1995 | 30-92 Е 01 | ГУП «Ташхисгар», Агентства по строительству и архитектуры при Правительстве Республики Таджикистан | 16875 |
| 68. | ГАЗ-31029 | 1993 | 69-18А01 | | 5085 |
| 69. | ГАЗ-53 Б | 1989 | 99-21 СБР | Государственное учреждение лесного хозяйства Нурободского района | 1194 |

Прием заявок на участие в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44 (2 -й этаж). Место проведения: город Душанбе, пр. Рудаки 44 (2 -й этаж), тел: **221-73-74, 221-49-87, город Худжанд, улица Ленина 47, тел: 92-796-40-16; город Куляб, улица И. Сомони 35, тел: 2-41-14.**

Метод проведения: **английский.** Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 15 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5 % от цены продажи, который не включается в цену продажи лота.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74, город Худжанд, улица Ленина 47, тел: 92-796-40-16; город Куляб, улица И. Сомони 35, тел: 2-41-14.**

## ДИҚҚАТ, МУЗОЯДА!

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз рӯйи ҳалномаи Суди ноҳияи Сино ба тариқи музояда манзили истиқоматии воқеъ дар кӯчаи С.Шерозӣ, хонаи 39/2, ҳуҷраи 61 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе-ро ба музояда мегузоранд.

**Музояда 17 феврали соли 2012 соати $10^{00}$ бо суроғаи дар боло зикршуда баргузор мешавад.**

Телефон барои маълумот: **235-21-70, 235-21-66.**

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Зуҳуров Салоҳ Сафоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0188195 бо РЯМ 0930050147 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 16 майи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Зуҳуров Икромидин Сафоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0087026 бо РЯМ 0930025360 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 12 майи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Реал ду коттон групп», воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0146412 бо РЯМ 0110011422 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 28 октябри соли 2010 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Хоҷагии деҳқонии «Олими Ҳаё»-и ноҳияи Кӯлоб, дорои РМА 1830000187, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Филиали ШДММ «Гидроспецстрой», воқеъ дар шаҳри Роғун, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0008167 бо РЯМ 0620000031 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Роғун 13 апрели соли 2010 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Алиев Салим Каримович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0188284, РЯМ 0930050963 ва РМА 095313322 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 2 июни соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Муҳиддинов Ҷамол Ғиёсович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0020327, РМА 0930010318 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 9 феврали соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи бақайдгирии № 13569-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе 11 марти соли 1989 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Саҳбо, ҳавлии 726 ба Қаландаров Ҳайдар додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи В №734113-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи техникии №7-и шаҳри Душанбе 25 июли соли 1984 ба Бадалов Шарифбек Одинаевич додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯии № 6-021/07-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2007 ба Фахриддини Раҳим додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0003579 бо РЯМ 3830000369-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон 13 майи соли 2009 ба Ахмедов Николай Сайдуллоевич додааст, эътибор надорад.

Роҳбарият ва кормандони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар вафоти собиқ корманди вазорат

**ИСМОИЛОВА ЛЮДМИЛА ИВАНОВНА**

андӯҳгин буда, ба пайвандону наздикони марҳум изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

Ҳайати эҷодии рӯзномаи «Садои мардум» ба сармуҳаррири рӯзномаи «Народная газета» Владимир Василевич Воробёв нисбати фавти

**ҲАМСАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

Кормандони шӯъба оид ба корҳои дини Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ба раиси Кумита оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқов А.Ғ. нисбати вафоти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неъқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Рашт - 98-537-88-60, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 16 январи соли 2012, соати 18.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 25913 нусха

Навбатдорони шумора Н. Солеҳов ва Ф. Ҳабибуллоева

Тарроҳи компютерӣ Нигина Исмоилова